Эсанбоева С., Ҳикматов М.

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

***Китоби дарсӣ барои синфи 7 мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ***

7

*Вазорати маорифи Ҷумҳурии Қазоқистон тасдиқ кардааст*

Алматы
«Жазушы»
2018

УДК 373.167.1
ББК 83.3

***Аломатҳои шартӣ:***

| | |
|---|---|
|  | Хондан |
|  | Савол ва супоришҳо |
|  | Шунидан |
|  | Гуфтан |
|  | Дар ёд дор |
|  | Нақл кунед |
|  | Муаллим мехонад |
|  | Навиштан |
| *М* | Мулоқот |
| *Ҷ* | Кор дар ҷуфт |
| *Г* | Кор дар гурӯҳ |

**Эсанбоева С., Ҳикматов М.**
**А 35** Забони тоҷикӣ. Китоби дарсии “Забони тоҷикӣ” барои синфи 7 мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ / Эсанбоева С., Ҳикматов М. – Алматы:“Жазушы”, 2018. – 196 саҳифа.

**© Эсанбоева С., Ҳикматов М.. 2018**
**© «Жазушы» баспасы,**
**көркем безендірілуі, 2018**
**Барлық құқықтары қорғалған.**
**Басылымның мүліктік құқықтары**
**«Жазушы» баспасына тиесілі.**

ISBN 978-601-200-605-6

# *Сарсухан*

Китоби дарсии мазкур дар асоси талаботи Вазорати Ҷумҳурии Қазоқистон аз рӯйи нававарии мазмуни таълимии мактабҳои таҳсилоти умумӣ барои барномаи таълими фанни “Забони тоҷикӣ” мувофиқи стандарти давлатӣ тайёр карда шуд. Китоби дарсии мазкур оиди қисмати морфологияи забони тоҷикӣ маълумот медиҳад.

Дар мактабҳои таълимии таҳсилоти умумӣ маълумотҳо оиди таърихи пайдоиши фанни забони тоҷикӣ ва қонуниятҳои инкишофёбии он, зинаҳои пайдарпайи роҳи инкишофёбӣ, забони дунёвӣ ва таъсири байниҳамдигарии онҳо, таснифоти байни онҳо, инчунин оиди баъзе масъалаҳои умумии назариявӣ омӯзонида мешавад.

Китоби “Забони тоҷикӣ”-и мазкур барои мактабҳои таълими тоҷикзабон дар роҳи такмил додани малакаи дар амал тадбиқ намудани донишу маҳорат ва савднокии коммуникативӣ кӯмак мерасонад. Ин маводи таълимӣ дар алоқамандии дохилии таҳсилоти умумӣ, инчунин бо фаъолияти эҷодӣ якҷоя ба амал тадбиқ мегардад.

Ҳар як талабае, ки забони тоҷикиро мукаммал азбар намуд, нафақат дониши оиди забон доштаи худро васеъ меномояд, балки шавқмандиву завқи он нисбати фанни забон зиёд мегардад, бештар ҳавасманд мешавад.

Инчунин, дониши азхудкардаи хонандагонро барои дар амал истифода кардан, воситаи асосии таълимӣ ба шумор меравад.

Мақсади асосии таълими фанни “Забони тоҷикӣ” барои мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумие, ки бо забони тоҷикӣ таълим дода мешавад – ин ёрӣ расонидан барои бой гардонидани забони тоҷикӣ ва баҳраманд гардонидан аз боигариҳои он мебошад. Дар хонандагон инкишоф додани фаъолияти нутқи даҳонӣ ва хаттӣ, инчунин тафаккури онҳоро ривоҷ додан аст.

Забони тоҷикиро аз рӯйи нуқтаи назари функсионалӣ-коммуникативӣ ва алоқамандӣ – донишнокӣ омӯзонидан, дар ҷомеаи инсонӣ, аҳамияти забонро фаҳмонидан, вазифаи иҷтимоии забони модариро дар давраи имрӯза – ёд додан, алоқаи байниҳамдигарии забонҳоро дарк кунонидан, маълумот додан дар бораи баъзе ҷиҳатҳои умумии забонамон бо забони туркӣ, хонандагонро барои фикрронии мантиқӣ, қабул намудани ахбор, қобилияти фикру мулоҳаза бурданашонро барои афзун гардонидан замина пайдо мекунад.

Мақсади омӯзонидани фанни "Забони тоҷикӣ"- дар мактабҳои асосии таҳсилоти умумӣ омӯзонидани забони модарӣ, Қазоқистон-ҳамчун Ватан-модар таърихи адабӣ, мадании он, қадр кардани ёдгориҳои он, ба камол расонидани чунин шахсе, ки аҳамияти ҷомеии забонро хуб дарк карда тавонад, баробари он меъёрҳои адабии забони тоҷикиро ҳимоя намуда, дуруст барои истифода кардан, озод мулоқот бурда тавонистан ва барои босаводона навишта тавонистан таълим додан аст.

Фанни таълимии китоби "Забони тоҷикӣ" барои хонандагон дар омӯхтани қоидаҳои грамматикӣ, аз усули иҷрои машқҳои гуногун истифода карда, бо забони худ азхуд намудани мероси мадании аз тарафи халқ гузошташуда, алоқамандии забон ҳамчун аслиҳа барои муоиширот, барои маводи таҳкими дониши хонандагон хизмат менамоянд.

***Аз муаллифон***



# Фасли 1.Обу ҳаво ва дигаргуниҳои ҳароратӣ ТАКРОРӢ

## ДАРСИ 1. МУҚАДДИМА

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***фаҳмонидани мазмуни матни шунидашуда, ҷудо карда тавонистани исботҳо.***

***Ахбори матнӣ ва графикиро (ҷадвал, диаграмма, нақша, тасвир, аломатҳои шартӣ) шарҳ додан.***



### *Машқи 1. Шеърро ифоданок хонед.*

### *ЗАБОНИ МОДАР*

Чӣ сон азиз аст, басо лазиз аст,
Забони модар.
Зӣ ширақ ҷон гирифта ҷавҳар,
Дурдонарез аст,
Аз теғ тез аст,
Забони бурро-забони модар.
Дар арсаи кор
Ту ҳамсадоӣ, ҳам бебаҳоӣ,
Забони корӣ, ҷозиба дорӣ.
Ғайрату завқам
Ту кардӣ бисёр,
Зӯру тавоно забони модар.

Дар шӯришу ҷанг
Забони фатҳӣ.
Дар ғазаб оӣ, басо шуҷоӣ.
Адӯ кунӣ қир бо найзаю тир,
Шуда ҳамоҳанг
Ханҷари бурро-забони модар.
Чӣ сон азиз аст, басо лазиз аст,

Забони тоҷик,
Ширинтар аз ҷон, зи нуқта борик.
Дурдонарезӣ.
Аз теғ тезӣ,
Ба ту шарафҳо, забони модар!
Иброҳим Раҳматов.



**Савол ва супоришҳо.**

*1. Шеърро ифоданок хонед ва мазмуни онро нақл намоед.*
*2. Ба калимаҳои мураккаби овардашуда ибораҳо тартиб диҳед.*
*3. Оиди бузургии забон чӣ медонед, нависед.*



### *Машқи 2. Матнро бо диққат хонед. Ба матн мавзӯъ интихоб намуда, мазмунашро нақл кунед.*



Бӯрондухт бо сипоҳи хеш гуфт: - Эй падарони ман, имрӯз ҷуз тозиёна ва ин асп, ки бар он нишастаам, чизе дигар надорам. Ҳама молу неъмат шуморо манфиат бувад, ки агар ман ба тахти худ боз расам, ҳамаро аз мол Қорун кунам ва агар маро ёрӣ нахоҳед дод, ҷумла маро сареҳ (равшан) бигӯед, то ман бидонам, бархезаму ба Ҳиндустон шавам, ки малики Ҳинд аз дасти падаркалони ман - Дороб - подшоҳ аст. Чун он ҷо равам, бибинам, ки ҳукми Худованд чист, ки он чи хости ӯст, бояд ин қиёс кард, ки ҷуз он нашавад. Чун Бӯрондухт ин сухан бигуфт, он лашкар, ки бар ӯ ҷамъ омада буданд, ҷумла бигуфтанд, ки «чаро чунин мегӯӣ? Мо ҷумла бандагони вафодору хидматгори туем ва мо ҳама, ки аз Хуросону Мозандарон омадаем, то ҷон дар тан дорем, бо душмани ту теғи ҷонрабоӣ мезанем!» Бӯрондухт бар ҳама офарин карду ваъдаҳои хуб фармуд.

Он гоҳ гуфт: - Искандар чунон медонад, ки ман танҳо мондаам. Акнун савоб он аст, ки дар камингоҳе бинишинем, то чун Искандар даррасад, хештанро бар вай бизанем. Бошад, ки ӯро тавонем гирифтан ва ин теғи худро ба хуни ӯ рангин кунем ва бар ҷумлаи шоҳон пирӯз гардем ва бар тахти Эрон бинишинем. Он ҷумла бузургон гуфтанд: - Иншоаллоҳ..., ки маликаи Эрон ба мақсуд бирасад. Пас бисту панҷ ҳазор мард дар камин бинишастанд, то Искандар даррасид. Аммо муаллифи ахбору гузорандаи асрор - Абӯтоҳири Тарсусӣ аз ин қисса чунин ривоят мекунад, ки яке аз ҷумлаи мардони Бӯрондухт рафту ба Искандар гуфт, ки «Бисту панҷ ҳазор мардро Бӯрондухт дар камингоҳ нишондааст». Чун Искан

дар аз ҷосус ин сухан бишунид, гуфт, ки «Бузургони сипоҳро бихоҳед». Бузургон биёмаданду замин бӯса доданд ва гуфтанд, ки «Фармон чист?» Искандар гуфт, ки «Бар ҷой қарор гиред, рафтан нест».

***“Бӯрондухт ва Искандар”***

**Савол ва супоришҳо**

*1. Ба гурӯҳҳо аз рӯйи рафтори персонажҳо ҷадвал тартиб додан.*
*2. Баён намудани фикрҳо аз рӯйи рафтори персонажҳо.*
*3. “.... қадр кунед” дар ин мавзӯъ эссе нависед.*

# ДАРСИ 2. ХИСЛАТҲОИ ИНСОНӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***ба саволҳои муаммовӣ аз сарчашмаҳо мисол оварда, ҷавоби дуруст додан, муқоисаи ҷавобҳои гуногун, шарҳ додани онҳо.***

***Тартиб додани саволҳои гуногуни муаммовӣ аз рӯйи матн.***



*Машқи 3. Ҳикоятро хонед ва мазмунашро нақл кунед.*

Лӯлие бо писари худ моҷаро мекард, ки «ту ҳеҷ коре намекунӣ ва умр дар батолат (бекорӣ ва танбалӣ) ба сар мебарӣ. Чанд бо ту гӯям, ки муаллақ задан биёмӯз, саг аз чанбар ҷаҳонидан ва расанбозӣ таълим кун, то (ки) аз умри худ бархурдор шавӣ. Агар аз ман намешунавӣ, ба Худо, туро дар мадраса андозамат, то(ки) он илми мурдареги эшон биёмӯзӣ ва донишманд шавӣ ва то зинда бошӣ, дар мазаллату фалокату идбор (бадбахтӣ) бимонӣ ва як ҷав аз ҳеҷ ҷо ҳосил натавонӣ кард.

**Савол ва супоришҳо**

*1. Аз матн феълҳоро ёбед ва сохташонро муайян кунед.*
*2. Дар асоси “диаграммаи Венн” фикратонро таҳлил намоед.*
*3. Аз калимаҳои ишорашуда ҷумлаҳо тартиб диҳед.*
*4. Аз рӯйи матн саволҳо тартиб диҳед.*



### *Машқи 4. Бо матн шинос шавед. Супоришҳоро иҷро намоед.*







Овардаанд, ки дузде доно рӯи ҷуръат дар хазинаи подшоҳи вақт овард. Дид, ки подшоҳ бар тахти заррин хобида, аснофи қумоши (навъҳои матоъи) шоҳию анвоъи ҷавоҳири подшоҳӣ бар рӯи бисот рехта ва шамъи кофурӣ чун рӯи тавонгарон афрӯхта ва парвонаи мискин мисли дили дарвешон паёпай сӯхта. Дузд ба назари эҳтиёт бар чапу рост мулоҳиза намуд ва дид, ки шамшере, ки қарори мулку миллат вобастаи ӯст, маймуни беқароре ба даст гирифта, қасди мӯрча, ки дар синаи подшоҳ нишаста буд, кард. Дузд чусти намуда, дасти маймунро бо ҳамроҳии шамшер маҳкам гирифт. Аз гирудори онҳо подшоҳ бедор шуда, чунон аҳволро иттилоъ ёфта, гуфт:

· Чун инояти (меҳрубонии) яздонӣ шавад, дузд посбону душман меҳрубон гардад. Дузд қабои дониш дар бар дошт, тоҷи давлат бар фарқаш ниҳоданд, чун хори нодонӣ домангири маймун буд, либоси ҳирсаш баркашиданд.

**_Байт:_**

*Хасми доно, ки офати ҷон аст,*
*Беҳтар аз дӯсте, ки нодон аст.*





**Савол ва супоришҳо.**

*1. Ба матн дар гурӯҳҳо мавзӯи мувофиқ ёбед, фикратонро шарҳ диҳед.*
*2. Дӯстро аз душман чӣ гуна бояд фарқ кард? Хислатҳои беҳтарини дӯстатонро номбар кунед.*
*3. Аз матн хелҳои исмро муайян карда, ҷадвалро пур кунед.*

| Исми шахс | Исми ғайришахс | Исми ҷондор | Исми беҷон | Исми моддӣ | Исми маънӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

# ДАРСИ 3. ДИГАРГУНИҲОИ ИҚЛИМИ ГЛОБАЛӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***бо воситаи ҷумлабандӣ ва оҳанги шахси гӯянда мавзӯи матнро интихоб намудан, инкишофи сатҳи фикррониихонанда.***

***Тартиб додани нақшаи мураккаб, навиштани матнҳои гуногунжанр, сохторҳои гуногуни матн.***



## *Машқи 5. Матнро бо диққат хонед.*

Дигаргуниҳои иқлими глобалӣ – яке аз муаммоҳои асосии асри XXI. Барои ноил гаштан ба тараққиёти имрӯза инсоният нисбат ба табиат беэътиборона рафтор намуда, барои аз мувозанат баромадани он сабаб шуда истодааст.

Обу-ҳаво ва иқлим чист? Обу-ҳаво дар ҳудуди муайяни маълуми атмосфера дар баландии 10-12 километр дар як вақт, як рӯз пайдоиши ҳолати физикиро ифода менамояд. Ба обу ҳаво як қатор ҳолатҳои метеорологӣ, ба монанди; ҳарорати ҳаво, намии ҳаво, фишори ҳаво, суръати шамол ва равиши он, абрҳо ва боришотҳои гуногуни атмосферӣ инчунин суръати онҳо, қувваи рушноӣ, самти гармӣ дохил мешаванд.

Иқлим бошад, дар ҳудуди маълум меъёри тартиби якчандсолонаи обу ҳаворо ифода карда, масоҳати географӣ, релефи рӯйи замин, баландии он нисбати сатҳи бахр, масофаи наздик ё дурии он нисбати бахр ва бо воситаи омилҳои дигар аниқ карда мешавад.





Ифодаи иқлим аз забони грекӣ “клима”- маъноаш нишебӣ, яъне ҳангоми афтидани нури офтоб дар ҳолати нишебӣ  ба заминро ифода мекунад. Ин ифода аз тарафи астрономи юнон Гиппарх (солҳои 160-125 пеш аз мелод) ба фан дохил карда шудааст.

Иқлим- натиҷаҳои табии қабатҳои тропосферие, ки дар рӯйи сайёраи замин ба амал меояд. Иқлим аз рӯйи фаслҳо хусусияти дигаргуншавиро соҳиб аст. Агар ба иқлим таъриф медода бошем: “Иқлим тартиботи такроршавандаи якчандсолонаи обу ҳаво дар як ҳудуди маълум дар рӯйи замин мебошад”. Обу ҳаво бошад, нишондодҳои иқлимии ҳолатҳои ҷойҳои маълум, вақтҳои маълум мебошад. Обу ҳаво дар як шабонарӯз мумкин аст якчанд маротиба дигаргун шавад. Вобаста ба иқлими ҷойҳои маълум дар давоми сол фаслҳои сол  ба ҳолатҳои обу ҳаво вобаста  дигаргун шуда метавонад.

Сарчашмаи асосии ҳосил шудани иқлим манбаи Офтоб ҳисоб мешавад. Кунҷи ба замин афтидани нури Офтоб чӣ қадар калон бошад, дараҷаи гармӣ ва равшании он ҳамон қадар зиёд мешавад, агар  баръакс бошад, ҳамон қадар кам ва заиф мегардад. Дар рӯйи замин қабати атмосфера ёки ҳаво мавҷуд аст, аз он мо нафас мекашем ва бе он дар рӯйи замин ҳаёт мавҷуд нест. Ҳар як шахс дар як шабонарӯз 1кг хӯрокворӣ, 3л об ва 12 кг ҳаво истеъмол мекунад. Атмосфераи замин аз омехтаи 20 намуди газ ташкил ёфтааст.Қисми асосии онҳо аз азот ва кислород инчунин бӯғи об, озон ва зарраҳои чанги мутлақ ва дигар аэрозолҳо иборат аст.

Аз рӯйи маълумотҳои иқлимшиносон иқлими ҳарорати гарми глобалӣ пешбинӣ карда шудааст. Ҷамъшавии миқдори зиёди гармии газҳои атмосферӣ дар миқиёси дунё ба дигаргуниҳои ҷараёни иқлими барқарор оварда мерасонад.

Тропосфера қабати бо сатҳи Замин наздиктарини атмосфераи Замин аст, ки дар мавзеъҳои назди истивои Замин (экватор) аз сатҳи баҳр 16–18 км, дар арзҳои миёна то 10–12 км ва дар арзҳои қутбӣ 8–10 км баландӣ дорад. Сарҳадди болои тропосфера (тропопауза) умуман баландии муайян надорад ва вобаста ба равандҳои атмосферӣ тағйир меёбад. Дар тропосфера ҳарорат дар ҳар як км баландӣ андаряк 6,5°Спаст мешавад ва дар тропопауза ба –45ч –75°С мерасад. Дар тропосфера қариб ҳамаи бухори оби атмос¬ферӣ гирд омадааст ва равандҳои асосии тағйири обу ҳаво ҳамин ҷо сурат мегиранд. Суръати бод дар тропосфера дар ҳар км баландӣ тақрибан 2 м/с афзуда, дар қабати ҳудудии байни тропосфера ба 55–150 м/с мерасад. Дар тропосфера абр, сиклон ва антисиклон ба вуҷуд меоянд.

***Аз манбаъҳои интернет.***

**Супоришҳо.**

*1. Мазмуни матнро аз рӯйи стратегияи “Ман ба ту ту ба ман” ёд гиред.*

*2. Ҷумлаҳои ишорашударо нависед.*

*3. Аз матн зарфҳоро ёбед ва хелҳои онро муайян кунед.*

***Зарф ҳиссаи мустақили нутқ буда, замон, макон, сабаб, мақсад ва тарзи иҷрои амалро ифода мекунад ва ба саволҳои кай?, куҷо?, аз чӣ сабаб?, бо чӣ мақсад? Ва ғайраҳо ҷавоб мешавад. Мисол: дар мактаб, имсол, барои хондан, саросемавор ва ғайра.***

### *Машқи 6. Дар асоси рукни “метафора” ҷадвали зеринро пур кунед.*

# ДАРСИ 4. ШАМОЛ

| **Элементҳои иқлим** | **Метафора** |
|---|---|
| Борон | Қатраҳои обу ҳаво |
| Барф | |
| Шамол | |
| | |

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***ба саволҳои муаммовӣ аз сарчашмаҳо мисол оварда ҷавоби дуруст додан, муқоисаи ҷавобҳои гуногун, шарҳ додани онҳо.***
***Муайян кардани тафовути сохт ва жанри хроника, хабар, очерк ва ҳуҷҷатҳои расмӣ.***

### *Машқи 7. Матнро бо диққат хонед.*

Шамол як сели калонтарини газҳост. Рангҳои рӯи замин дар ҳаракатҳои васеи ҳаво пайдо мешаванд. Дар олам, шамол офтоб аз газҳо ва қисмҳои офтоб одат мекунад. Элементҳои нур аз фазои сайёр парвоз мекунанд ва боди сайёрро ташкил медиҳанд.

Шамолҳо мувофиқи андоза, суръат, сабаб, минтақа ва самарабахш тақсим мешаванд. Роҳҳои пурқувват дар системаи офтобӣ дар Нептун ва Сатурн мебошанд.





Шамол - сатҳи ҳаракати уфуқии ҳаво дар атмосфера  мебошад. Дар тамаддуни инсонӣ, бодиққат обрӯйи илҳомбахш, таъсироти таърихӣ, паҳншавии нақлиёт ва ярокро васеъ намуда, ҳамчун манбаи энергетикӣ хизмат мекунад. Шамол ба сандуқ ва лавҳаҳои ҳаво таҳрик медиҳад ва онҳоро фаъол мекунад. Аммо бодҳои пурқуввват табиати харобиовар ба хоҷагӣ доранд. Шамол инчунин яке аз сабабҳои эрозия мебошад, ки он ба кӯҳҳо табдил меёбад. Шамол қум ва заминро ҳаракат медиҳад, майдони оташро васеъ мекунад. Дар боду ҳавои сард ҳаво метавонад организмҳоро нест кунад. Шамол яке аз қувваҳои табиӣ аст ва дар падидаҳои табиӣ аҳамияти калон дорад.

***Аз манбаъҳои интернет.***

**Супоришҳо.**

*1. Мазмуни матнро дар гурӯҳҳо муҳокима намоед.*
*2. Вобаста ба хусусият ва ҳаракати шамол намоиш нишон диҳед.*
*3. Аз матн ибораҳои мураккабро ёфта нависед.*
*4. Зарфҳоро ёбед ва хелҳои онро муайян кунед.*

# ДАРСИ 5. 16 СЕНТЯБР – РӮЗИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ҲИФЗИ ҚАБАТИ ОЗОН

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***ба саволҳои муаммовӣ аз сарчашмаҳо мисол оварда, ҷавоби дуруст додан, муқоисаи ҷавобҳои гуногун, шарҳ додани онҳо.***

***Истифодаи стратегияи хониш, шарҳ додан, хондани ифоданок, хониши таҳлилӣ.***



***МАШҚИ 8. Матнро хонед. Супоришҳоро иҷро намоед.***

### *16 СЕНТЯБР - Рӯзи байналхалқии ҳифзи қабати озон*

Молекулаҳои озон аз як молекулаи оксиген ва як атоми оксиген, ки нопойдор ва тағйирпазир мебошад, ташкил шудааст. Пайванди миёни молекулаҳои оксиген ва атоми оксиген дар молекулаҳои озон бисёр заъиф мебошанд ва мумкин аст бо хурдтарин бархурд аз ҳам ҷудо ва ё бо дарёфти хурдтарин энергия ба ҳолати аввалияи худ баргарданд. Озон дар қабати стратосфераи замин қарор дорад. Дар шабҳо ба далели набуди энергияи тобиши хуршед ғафсии қабати озон камтар аз ғафсии он дар рӯзҳо мебошад. Ҳангоме, ки партавҳо ё нурҳои ултрабунафш ба молекулаҳои озон бархурд мекунанд, партавҳои ултрабунафш микдори зиёде аз энергияи худро аз даст медиҳанд ва ба партавҳои инфрасурх табдил мешаванд ва ҳамчунин бар асари ин бархурд молекулаҳои озон ба молекулаҳои оксиген ва атоми оксиген табдил мешаванд ва бо тобиши дубораи нури хуршед молекулаҳои озон дубора падидор мешаванд.

Молекулаҳои озон ҳарчанд, ки барои мо муфиданд, аммо вуҷуди онҳо дар қабати тропосфера (қабате, ки мо дар он зиндагӣ мекунем) бисёр хатарнок мебошанд. Нетрогенҳои проксиди хориҷшуда аз дудбарои мошин бар асари тобиши нури хуршед (амали фотокимиёӣ) бо молекулаҳои оксиген вокуниш медиҳанд ва молекулаҳои озонро падидор мекунанд. Чун дар молекулаҳои озон атомҳои оксигени фаъол (радикал ) вуҷуд доранд ва нафаскашӣ аз он муҷиби осеб дидани узвҳои нафаскашӣ мешавад.

То соли 1980 аз сурохии қабати озон хабаре набуд.Аммо дар соли 1985 донишмандон аз тунук шудани қабати озон дар қутби ҷануб хабар доданд. Дар он замон бо таҳқиқоти анҷомшуда иллати нобудии

молекулаҳои озонро газҳои cfc (хлор,фтор ва карбон)медонистанд. Газҳои cfc ба унвонаи газҳои хунук дар пиряххо ва конденсионерҳо ва ҳамчунин дар маводи пласмассӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Дар cfc- ҳо атомҳои хлор нопойдор ва вокунишпазир мебошанд ва ҳангоме, ки газҳои cfc ба қабатҳои боло мераванд, дар қабатҳои боло бар асари бархурд бо нури хуршед газҳои хлор озод мешаванд.

Атомҳои хлор дар қабати стратосфера бо молекулаҳои озон вокуниш медиҳанд. Ҳар атоми хлор ба танҳоӣ метавонад 100.000 молекулаи озонро аз байн бибарад. Ба ҳамин далел дар густараи ҷаҳонӣ дар Созмони Миллали Муттаҳид дар мушоҳидаи ба номи мушоҳидаи Монреал кишварҳо муттаҳид шуданд, ки аз тавлид ва фуруши газҳои cfc худдорӣ кунанд ва ҳамчунин ба кишварҳои фақир ин имконро бидиҳанд киба ҷои истифода аз газҳои cfc, азгазҳои хунуккунандаи дигар истифода кунанд. Мо медонем, ки бештари кишварҳои саноатӣ дар нимкураи шимолӣ қарор доранд, пас чаро дар қутби ҷануб қабати озон сурох шудааст?

Барои посух ба ин савол пажуҳишҳои зиёде анҷом шудааст, ки баъзе аз ин пажуҳишҳо то кунун дар дасти таҳқиқ аст. Охирон донишмандон иллати эҷоди сурохӣ дар қабати озонро гирдобҳои сангине, ки дар қутби ҷануб ҷараён доранд, медонанд. Дар зимистон дар тӯли шабҳои қутбӣ нури хуршед дар тамоми сатҳҳои қутби ҷануб дастрас нест.Ба ҳамин далел дар ин қутб дар қабати стратосфера тӯфонҳои сангин густариш меёбанд, ки ба онҳо «гирдоби қутбӣ ‘(polar vortex) мегӯянд. Гирдоби қутбӣ метавонад зарроти созандаи ҳаворо тақсим кунад. Ин гирдобҳо боиси эҷоди абрҳои сарде мешаванд, ки бар фарози қутби ҷануб ҷараён меёбад,ки ба ин абрҳо абри стратосфераи қутбӣ (polar stratosphere cloud) мегӯянд. Ихтисори он psc аст. Psc-ҳо бисёр сард ҳастанд ва даманаи онҳо ҳудуди 80- селсий аст. Psc аз кислотаи азотии тригидрата (nitric acid trihydrate) ташкил шудааст ва бо абрҳое, ки мо онҳоро дар осмон мебинем, комилан тафовут доранд. Пас ин абрҳои кислотагӣ метавонанд қабати озонро вайрон кунанд.

***Аз манбаъҳои интернет.***

*1. Аз рӯйи стратегияи “Жигсо” матнро хонед, мазмуни онро мухтасар нақл кунед.*
*2. Сабабҳои ҳодисаҳои табииро илму фан чӣ тавр маънидод менамояд?*
*3. Дар бораи “Китоби сурх” маълумот ҷамъ оваред ва намоиш ташкил кунед.*

# ДАРСИ 6. ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***тартиб додани саволҳои гуногуни муаммовӣ аз рӯйи матн.***
***Тартиб додани нақшаи мураккаб, навиштани матнҳои гуногунжанр бо сохторҳои гуногуни матн.***

### *Машқи 9. Матнро бо усули интонатсия хонед. Супоришҳоро иҷро намоед.*

### *Таъсири тағйирёбии иқлим ба муҳити зист*

Таърихи тараққиёти сайёраи Замин аз замони ба ҳаёти геологӣ гузаштанаш то даврони муосир шаҳодат медиҳад, ки тағйирёбии куллӣ ҳам дар муҳити обӣ, ҳам дар хушкӣ дар якчанд даҳрҳои геологӣ такрор шуда, сабаби аз байн бурдани биомасса ва экосистема гардидааст. Ин ҳодисаи фоҷиавии табииро мутахассисони соҳаи палеонтология (илми соҳаи ҳайвонҳои фавтида) дар нооромӣ (флуктуация)-и байни марзҳои хронвоҳидҳои тавқими геологӣ (даҳрҳо, давраҳо), ҳангоми гузариши як даҳр ба даҳри дигар мансуб медонанд. Аз тарафи дигар, фавтидану нест шудани массаи органикиро дар марзи давраҳои геологии Перм ва Триас бо кӯҳпайдошавии замони Герсенӣ, биёбоншавӣ ва аз байн бурдани баҳрҳои тунукоба алоқаманд мекунанд, ё ин "драма"-ро бо бар хӯрдани ҷирми коинотӣ (астероид) бо Замин ва паҳншавии чанги марговари элементи иридияро дар марзи давраҳои табошир (бӯр) ва палеоген (аз нав эҳёшавӣ), сабаби нестшавии баъзе ҳайвонҳо (динозаврҳо) мешуморанд. Вале дар тағйирёбии муҳит, экосистема ва фавтидани биомассаи глобалӣ ҳиссаи асосиро иқлим мебозад. Ҳар як минтақаи географӣ хусусиятҳои иқлимии худро дорад.

Дар ташаккулёбии иқлим обу ҳаво низ ҳиссагузор аст. Таъсири он дар тағйирёбии шабонарӯзии обу ҳавои интиҳову ибтидои моҳҳои солҳо, ивазшавии гардиши масса ва фишори ҳаво, пайдо шудани абр, тӯфонҳо, гармиву сардӣ, шуоъҳои офтоб, боришот, оламӣ наботот ва дараҷаи ифлосшавии атмосфера ва дигар омилҳо мушоҳида мешавад. Ҳатто одамоне ҳастанд, ки тағйирёбии шабонарӯзии обу ҳаворо чун бадҳолӣ

бараъло эҳсос мекунанд. Барои одамоне, ки бемории дилу системаи гардиши хун, бронхит, пневмония, системаи гурдаю пешоббарор ва рагҳои хунгузари пойҳояшон васеъ аст, хатарнок ва фоҷиавӣ аст.

Дар кишварамон гармшавии ҳаво дар тобистон мушоҳида мешавад, он замоне, ки боришот кам мешаваду шуоъҳои офтоб ба пиряххо таъсири зиёд мерасонанд, туғёни дарёҳо, обхезӣ ва дигар ҳодисаҳои нохуши табиӣ, хоҷагидорӣ ва гидротехникиро ба вуҷуд меоранд. Дар ин фасли сол воридшавии радиатсияи офтоб ба тропосфера (қабати гардишкунандаи ҳаво) зиёд шуда, ҳарорати ҳавои сатҳи замин баланд мешавад. Дар ин маврид тағйирёбии иқлим ҳама ҷиҳати ҳаёти сайёраи моро дар бар мегирад ва таъсири физикӣ (боришот, обхезӣ, дар як минтақа, хушксолӣ дар минтақаи дигар), биологӣ (афзоиш ё аз байн рафтани экосистема), иқтисодӣ (тағйирёбии истеҳсолот), иҷтимоӣ, тандурустӣ, маданӣ-санитарӣ ва ғайраро дорад.

Гармшавии иқлими ҷаҳонӣ ба хушксолӣ оварда мерасонад ва сабаби камбизоатии аҳолӣ ва аз байн рафтани як қабила ё минтақаҳо харобоварии табиат шуда метавонад. Дар натиҷаи тағйирёбии иқлим хушксолӣ ва биёбоншавии минтақаҳои дигар (Туркия, Халиҷи Форс, Аккад ва ғ.) низ чашмрас аст. Саволе ба миён меояд, ки оё иқлим ба пешравӣ ва тамаддуни инсонӣ таъсир мебахшад ё не? Посух чунин аст: Проблема дар назди мутахассисон боз ҳамон масъалаи саросар аз байн рафтани биомасса ва экосистема меистад, алалхусус муайян намудани алоқа байни сабаб ваоқибат.Аз тарафи дигар, нишондиҳандаи асосии гармшавии ҳаво афзоиши боришоти зиёд ва давомнокии он сабаби аз маҷро берун рафтани оби дарёҳо, сустшавӣ ва шусташавии релефи хоки мулоим ва ба харобазор табдил гаштани минтақаҳои вилояти Хатлон, ноҳияҳои вилояти Суғд, умуман аксарияти мамолики ҷаҳон (ФР, ИМА, Бразилия, Австралия, Олмон, Зеландияи Нав, Чин, Колумбия, Гурҷистон ва ғайра), обшавии пиряххои материкӣ (Антарктида) ва қутбӣ (Арктика) мебошад. Ин ҳодисаҳои нохуши табиӣ ба мамолики номбурда на танҳо зарари иқтисодӣ (миллиардҳо доллар), балки сабаби фавти ҳазорҳо одамон низ мегардад.

Мутахассисон муътақиданд, ки пиряххои ҳаракаткунандаи Ванҷ, мисли Хирсон, Кашолаях, Рағзо ва ғайра маҷрои дарёҳоро баста, кўллаҳои муваққатии яхинро ташкил медиҳанд ва ҳангоми кандашавии сарбанд онҳо ниҳоят хатарноканд.

Обшавии босуръати пиряххо ва коҳиши захираҳои об барои иқтисоди кишварҳои Осиёи Миёна низ паёмадҳои номатлубе дар пай хоҳад дошт. Бахши асосии захираи оби минтақа аз кӯҳҳо сарчашма мегирад ва дар сурати коҳиши оби дарёҳо ба соҳаи кишоварзӣ, бахусус арсаи кишт ва парвариши пахтаву боғҳои навбунёд, ки аз маҳсулоти аслии содиротии бисёре аз ин кишварҳост, хисороти зиёде хоҳад овард.

Гармшавии иқлим на танҳо бо таъсири ҷараёнҳои табиӣ, балки бо фаъолияти беғаразонаи хоҷагидорӣ, тараққиёти саноати металлургӣ, коркарди маъдану нафту газ, кимиёвӣ, корхонаҳои гармидиҳӣ, пахтатозакунӣ, стансияҳои обӣ-барқӣ, атомӣ, нақлиёт ва иншоотҳои сохтмонӣ, киштукори заминҳои хоҷагиҳое, ки дар ҳолати нокифоя будани намӣ шудгор мешаванд, ба тағйирёбии чашмнораси иқлим оварда мерасонанд. Гармие, ки бо мурури вақт аз корхонаҳои саноатӣ хориҷ шуда, ба атмосфера ворид мешавад, албатта ба гармшавии иқлим таъсир мерасонад. Аз тарафи дигар, гармшавии иқлим ба паҳншавии касалиҳои сироятии дарунӣ (меъда, рӯда ва ғ.) сабаб шуда метавонад.

Масъалаи дигаре, ки ба тағйирёбии иқлим таъсир мерасонад, оби серизаминӣ мебошад. Ин гуна об дар хоҷагидорӣ ва эҳтиёҷоти маишӣ талаботи физиологии инсонро қаноатбахш мекунад. Вале, агар оби серизаминӣ солҳои тӯлонӣ аз зери замин кашида шавад, оқибатҳои ногувор ба вуҷуд меоянд, ба мисоли балансхи гармӣ, реҷаи намнокӣ, нигоҳ доштани сатҳу андозаи обанборҳо ва ғайра. Дар ин маврид замин хушку гарм монда, ба олами наботот намии нокифоя мемонад, хориҷшавии оксиген кам мешаваду ҳавои хушк ба тағйирёбии иқлим таъсир мерасонад.

***Мурод Саидов.***

**Савол ва супоришҳо**

*1. Сабаби ба вуҷуд омадани газҳои гармхонаро гӯед.*
*2. Об шудани яххо ба чӣ оварда мерасонад?*
*3. Оё фаъолияти мо ба тағйирёбии иқлим оварда мерасонад?*
*4. Аз матн ҷонишинҳоро муайян кунед ва нависед.*

Атмосфера ба панҷқабати асосӣ: тропосфера (то 17 км), стратосфера (то 50-55 км), мезсофера (то 80 км), термосфера (то 800 км) ва экзосфера тақсим мешавад. Байни атмосфера ва сатҳи Замин мубодилаи доимии гармӣ, намӣ ва газҳои гуногун идома меёбад. Атмосфера аз % ҳиссаи афканишоти офтобро мегузаронад, вале афканишоти сатҳи заминро боз- медорад. Қабати озонии атмосфера (дар баландии 22-26 км ҷойгир аст) мавҷудоти зиндаи Заминро аз таъсири мар- говари нурҳои волобунафш (ултрабунафш)-и Офтоб ҳифз мекунад. Аз ин ҷо, ки атмосфера яке аз омилҳои пайдоиш ва мавҷудияти ҳаёт (биосфера) дар кураи Замин ме- бошад. Масъалаи идора кардани обу ҳаво яке аз масъалаи доғи рӯз аст.

Имрӯз одамон аллакай пеши роҳи жолаи харобиоварро гирифта ме- тавонанд. Ба таври сунъӣ аз болои киштзор, фурудгоҳҳо абрҳо ронда мешаванд ва ё жола ба бо-рон табдил дода мешавад. Режими бисёрсолаи обу ҳавое, ки барои ягон маҳал хос аст, иқлими ҳамон маҳал мебошад. Иқлим ин бавуҷудовардаи маҷмӯъҳои табиӣ ва муайянкунандаи фаъо- лияти меҳнатии одамон аст. Бинобар он иқлими ин ва ё он минтақаро донистан ва онро дар фаъолияти худ истифода бурдан хело муҳим аст.

Тақсимоти ҳарорати ҳаво дар Замин. Иқлими минтақаҳои гуногуни рӯйи Замин пеш аз ҳама ба миқдори гармие, ки офтоб медиҳад, вобаста аст. Ин миқдор бо баландии нисфирӯзии Офтоб дар уфуқ  арзи географӣ муайян карда мешавад. Агар маҳал ҳар чӣқадар ба хати истиво наздик бошад, афтидани кунҷи нурҳои офтоб ҳамон қадар зиёд мешавад. Аз ин рӯ сатҳи Замин зиёдтар гарм мешавад ва ҳарорати қабати наздизаминии атмосфера баланд аст. Ҳарорати миёнаи солона дар назди хати истиво ба +25, -26 дараҷа баробар буда, дар шимоли Авруосиё ва Амрикои Шимолӣ ҳарорати миёнаи солона +10 дараҷа ва дар баъзе ҷойҳо (хусусан дар қут- бҳо) хело паст аст.

**Супоришҳо.**

*1. Аз матн ҷонишинҳоро ёбед ва хелҳои онҳоро муайян намоед.*
*2. Дар бораи элементҳои асосии иқлим (ҳарорат, зичӣ, шамол ва боришот) бо гурӯҳҳо муҳокима кунед.*
*3. Дар бораи аҳамияти атмосфера барои инсон матн тартиб диҳед.*



***Машқи 10. Аз рӯйи донишҳои азхудкардаатон дар асоси стратегияи "Шаш амали донишманд" бо мавзӯъҳои зерин дониши худро мустаҳкам намоед.***

1. Иқлим ва тағйирёбии он.
2. Таъсири гармхона ва оқибатҳои он.



**Зарфи тарзи амал аломатҳои ниҳоят гуногуни амал тарзу ҳолат ва вазъияти иҷрои амалро мефаҳмонад ва ба саволҳои чӣ тавр?, чӣ тарз?, дар кадом ҳолат? ҷавоб мешавад: рӯ ба рӯ, чолокона, якбора, пай дар пай ва ғ.**

**Зарфи тарзи амал дар ҷумла ба вазифаи ҳоли тарзи амал меояд.**

## ДАРСИ 7. ҶАМЪИЯТ ВА ТАБИАТ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***истифодаи стратегияи хониш, шарҳ додан, хондани ифоданок, хониши таҳлилӣ.***

***Интонатсия дар дохили ҷумла, истифодаи аломатҳои китобат.***

***Машқи 11. Матнро ифоданок хонед.***



### *ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН*





Воқеан, сабаби асосии тағйирёбии иқлим фаъолияти инсон дар сайёра буда, ба ифлосшавии атмосфера боис гардидааст. Болоравии ҳарорати ҳаво ба миқдори 2-3°С дар дурнамои миёнамӯҳлат деградатсияи пиряххоро пурзӯр намуда, боиси аз байн рафтани ҳазорҳо пиряххои хурд мегардад. Дар марҳилаи аввали обшавии пиряххо сатҳи оби дарёҳои ҷудогона баланд шуда, коҳиши оби дарёҳои дигарро ҷуброн менамояд, вале баъдан дар бисёр дарёҳо камшавии фоцеаомези серобӣ оғоз мегардад.

Дар давоми 60 соли охир ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво дар кишвари мо то 1 дараҷа баланд шуда, шумораи рӯзҳои боришоти сел афзудааст ва офатҳои табиии марбут ба об, ки зиёни иқтисодии онҳо дар навбати худ имкониятҳои кишварро барои ноил шудан ба рушди устувор коҳиш медиҳад, зиёд гардидаанд.

Ҳамчунин, Ҳукумат барои мутобиқ гардондани бахшҳои иқтисодӣ ва ичтимоӣ аз оқибатҳои тағйирёбии иқлим нақшаи миллии амалии Ҷумҳурӣ оид ба мутобиқшавии ба тағйирёбии иқлимро таҳия ва тасдиқ кард, ки он дар робита ба ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба тағйирёбии иқлим афзалиятҳои асосиро муайян менамояд.



Бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи тағйирёбии глобалии иқлим падидаҳои манфии иҷтимоию иқтисодӣ, аз қабили норасоии ғизо ба миён меоянд.

. Истилоҳи «норасоии ғизо» ба «Омори байналхалқӣ, таснифоти бемориҳо ва масъалаи сиҳатӣ» ворид гардидааст, ки онро дар мушкилоти «ғизо ва бемори» ба панҷ гурӯҳи масъалаҳои асосӣ тақсим мекунанд;

• вайроншавии истеъмоли ғизои якум (бемориҳои алементарӣ) – бемори аз норасоӣ ва ё аз ҳад зиёд истеъмоли ғизо, норасоии сафедавӣ–неруӣ, фарбеҳӣ, камхунӣ. ҷоғар аз ҳисоби норасоии оҳан, йод ва витаминҳои A ва D;

• вайроншавии ғизои дуюми организм, ки бемориҳои эндогенӣ (дохилӣ)-ро ба амал меоранд: бемориҳои узвҳои гуногуну системаҳое, ки ба вайроншавии ҳазми ғизо, ҷабиш, афзудани катаболизм ва сарфи маводҳои ғизоӣ, вайроншавии сарфи метаболитикӣ ва ғайраҳо (сироятӣ, саратонӣ, эндокринӣ ва дигар бемориҳо);

• бемориҳое, ки омили он истеъмоли ғизои хавфнок аст– бемориҳое, ки дар натиҷаи истеъмоли нодурусти ғизо пайдо мешаванд (атеросклероз, гипертензияи артериалӣ (бемориҳои гипертоникӣ), фишорбаландӣ, диабети қанд, фарбеҳӣ, остеопороз, санги гурда, талха ва ғайраҳо);

• бемориҳое, ки аз ҳисоби ғизои қабулшуда – аллергияи ғизоӣ, нарасидани фермент (қабул накардани шир), қабул накардани ғизо;

• бемориҳое, ки боиси паҳншавиашон ғизост (бо воситаи ғизо сироят ёфтан).

***Аз манбаъҳои интернет.***



**Савол ва супоришҳо.**

*1. Мазмуни матнро дар асоси стратегияи “Жиксо” шарҳ диҳед.*
*2. Аз матн зарфи тарзи амалро муайян кунед ва нависед.*
*3. Иқлим чист? Маълумот диҳед.*
*4. Аз рӯйи харита ҳарорати ҳаво ва тақсимоти фишори атмосфераро дар гурӯҳҳо муҳокима намоед (бо харита ва постер кор баред).*



**Зарфи миқдору дараҷа андозаи иҷрои амал ва аломатро ифода карда, ба саволҳои чӣ қадар?, чӣ андоза?, чӣ қадарӣ ҷавоб мешавад: бисёр, хеле, андак. кам, зиёд, як дараҷа...**

**Зарфи миқдору дараҷа дар ҷумла ба вазифаи ҳоли миқдору дараҷа меояд.**

## ДАРСИ 8. ТАБИАТРО ҲИФЗ НАМОЕД

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***санҷиши истифодаи калимаҳои матн вобаста ба мавзӯъ, ивазкунии онҳо бо синоним, санҷиши лексикӣ, таҳрир.***
***Истифодаи калимаҳои ташдиддор, маънои услубиро фаҳмонидан.***







### *Машқи 12. Матнро бо диққат хонед.*

Инсон ва табиат бо ҳам алоқамандии зич доранд ва мушкилоти он низ ба ҳамдигар тавъам аст. Инсон аз азал бо табиат муносибати наздик дошта, неъматҳои онро чун манбаи ҳастӣ барои зиндагии хеш истифода мебурду мебарад.

Ҳар давру замон ҷаҳонбинӣ, дониш, таҷриба ва шароити худро дорост ва чаҳонбинии мо мувофиқи замону шароит тағйир меёбад, аммо давраҳои тағйироти куллии тараққиёти инсоният вуҷуд дорад, ки имрӯз мо ҳамин давраро аз сар гузаронида истодаем

Мо ояндаро ба таври куллӣ пешгӯӣ карда наметавонем, аммо тағйироти дар муҳити атроф бударо таҳлил карда, то ҳадди имкон тасаввур кардан метавонем. Баробари тараққиёти техникаҳои ҳозиразамон, таъсири инсон ба муҳити атроф кам неву баръакс зиёд мешавад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, боз инсон ба худ низ бевосита зарар мерасонад. Ин

гуна ҳолатҳо дар ҳар қадами мондаамон ба мушоҳида мерасанд. Масалан, яке аз онҳо - ин риоя накардани тозагии муҳити зист мебошад, ки ин бевосита ҳам ба инсон, ҳам ба табиат зарари худро мерасонад. Беҳуда нагуфтаанд, ки «тозагӣ гарави саломатӣ аст». Аммо, мутаассифона, на ҳама ба ин қоида риоя мекунанд. Имрӯзҳо ҳама шоҳиди ҳолатҳое мешавем, ки бо вуҷуди будани қуттии партов сокинон партовҳои худро дар ҷойҳои номуайян, гузаргоҳҳо, роҳҳои мошингард ва гирду атроф ҳавола мекунанд. Саволе ба миён меояд, ки оё ин аз беаҳамиятии худи шаҳрвандон аст ё набудани қуттии партов?

Дар ҷойҳои сайругашт, аз ҷумла боғҳои фароғатӣ, ҷойҳои таърихӣ ва фаввораҳо бо вуҷуди мавҷуд будани қуттиҳои партов шаҳрвандон чизи дар даст доштаашонро ба қуттӣ неву ба замин мепартоянд.

Бояд донем, дар кадом ҳолате, ки набошем ва ҳар куҷое, ки қадам мегузорем ва ифлос мекунем, он ҷо хонаи мост. Беҳуда нагуфтаанд, ки «табиат хонаи мост». Бояд гирду атрофи хонаамонро ободу зебо гардонем, гулҳои хушбӯйу рангоранг шинонем, ки баробари дидани чунин ҳолат руҳи кас болида гардад. Набояд фаромӯш кард, ки табиат системаи мураккабест, ки ҳамаи узвҳои он андар инкишофи пай дар пай буда, бо ҳам зич алоқаманданд ва ба якдигар таъсир мерасонанд. Ифлосшавии муҳити зисти як маҳал ба маҳали дигар бетаъсир намемонад. Ҳаёт, зиндагӣ ва кору бори ҳар як фарди ҷомеа бо табиат зич вобаста аст. Ҳолати хуби муҳити зист ҳам ҳаёти осоишта ва ҳам саломатию саодати баланди ҳар як шахс мебошад.

Вақте ки мо аз табиат об, ҳаво, хӯрок ва манбаъҳои моддиро мегирем ва дар фаъолияти ҳаррӯзаамон истифода мебарем, бояд ҳифзи онро низ аз хотир набарорем. Бояд кӯшиш ба харҷ диҳем, ки дар ободии табиат саҳмгузор бошем.

***Аз манбаъҳои интернет.***

**Супоришҳо.**

*1. Сараъзоҳои ҷумларо муайян намоед.*
*2. Фикрҳои асосии дар матн овардашударо дар гурӯҳҳо муҳокима намоед.*
*3. Фикри шахсии худро хаттӣ баён намоед.*

***Машқи 13. Дониши азхудкардаи худро оиди иқлим ва тағйирёбии он дар “Дафтари қайдҳо” нависед.***

| Дониши азхудшуда | Фаҳмиши нав |
|---|---|
| Оиди мавзӯъ чӣ медонистам?<br>Чиро донистанам зарур? | Оиди мавзӯъ чиро дониста гирифтам?<br>Аҳамияти дониши азхудкарда дар чист? |



**Зарфи замон вақту замони воқеъ шудани амалро фаҳмонда. Ба саволи кай?, кай боз? ҷавоб мешавад: дина, порсол, ҳанӯз. ҳоло, алҳол, баъд ва ғ.**

**Зарфҳои замон дар ҷумла ба вазифаи ҳоли замон меоянд.**

## ДАРСИ 9. ИҚЛИМ ВА ЭКОЛОГИЯ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***бо воситаи оҳанги шахси гӯянда маъноро дарк намуда, мавзӯи матнро интихоб намудан, инкишофи сатҳи фикррونии хонанда.***

***Тартиб додани саволҳои гуногуни муаммовӣ аз рӯйи матн.***



***Машқи 14. Матнро хонед.***

### *БАҲРИ АРАЛ ВА ФОҶЕАИ ОН*







Об сарчашмаи ҳаёт ва зисту зиндагӣ дар рӯйи замин аст. Саҳми он дар таърихи пайдоиши сайёраи Замин, ҳаёт ва ташаккулёбии иқлим бузург аст. Бе об мавҷудияти зинда имконпазир мебошад. Об ин мӯъҷизаи ҳаётӣ ба шумор меравад.

Дар сайёраи Заамин захираи об хеле бисёр мебошад, ки аксарияти онро баҳру укёнусҳо ташкил медиҳад. Лекин онҳо барои истифодаи хоҷагии халқи инсоният ғайри имкон аст. Захираи оби ширин ҳамагӣ 2,5 фоиз аз ҳаҷми умумии гидросфера аст. Норасогии оби ширин ин аз нобаробар тақсимшавии он дар сайёра мебошад.

Бояд ёдовар шуд, ки форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид ва дар он вакилони 53 кишвар, 91 созмони байналмилаливу муассисаҳои марбута ширкат варзиданд. Дар форум оид ба муаммоҳои оби ширин дар сайёра ва минтақа низ сухан гуфта шуд.



Вобаста ба об дар ҷаҳон муаммоҳо хеле бисёр буда, дар ҳар қисматҳои хушкӣ ҷой дорад. Яке аз фоҷиаи экологӣ, ки дар Осиёи Марказӣ дида мешавад, ин аз байн рафтани Баҳри Арал мебошад. Арал калонтарин кӯл дар Осиёи Марказӣ, чорумин дар ҷаҳон ба ҳисоб мерафт.

Агар ҳолати пеш аз ба фоҷиаи экологӣ гирифтор шудани Аралро ба хотир орем, бояд гуфт, ки кӯл аз сатҳи баҳр 53 м баланд воқеъ буда, масоҳати умумии он 66,5 ҳ. мураббаъ километр ҳаҷми обаш 1022,6 мукааб километр дарозиаш 428 километр ва паҳниаш ё бараш 235 километр мебошад.

Баҳри Арал чандон чуқур набуда, ба ҳисоби миёна 20-25 м ва ҷои аз ҳама чуқуриаш 68 метр ба ҳисоб мерафт. Масоҳати ҳавзаи Арал 690 ҳ. мураббаъ километрро ташкил медод. Таркиби кимиёвии баҳр аз оби уқёнус фарқ дорад. Дар Арал намакҳои хлоридҳо ва фосфатҳою нитратҳо кам буда, намакҳои сулфатӣ нисбатан зиёд аст.

Ҳоло бошад, баҳри Арал тибқи мулоҳизаҳои экспертҳои Созмони Миллали Муттаҳид ба яке аз фоҷиаҳои экологии аз ҳама калон табдил ёфтааст. Дар таърихи инсоният аввалин бор дар назди дидаи насли имрӯза як баҳр аз байн рафта истодааст.

Ҳаҷми баҳри Арал дар солҳои охир чор маротиба, майдонаш ду баробар кам шуд, сатҳаш бештар аз 15-16 м паст фаромад, соҳили он то 80-100 км қафо рафт, яъне хушкид. Бо минералҳо омехташавии об то 4 маротиба афзуда баъзе ҷойҳо ба намакзор табдил ёфтанд. Биёбон 2 миллион гектар заминҳои корамро фурӯ бурд, доираи ҳаракати тӯфони чанг ба 500 километр расид. Миқдори моҳиҳо аз 200 намуд ба 38 намуд боқӣ монд. Мардуми соҳилҳои Арал, хусусан пирон ва бачагон гирифтори бемориҳои вазнин шуда истодаанд. Фоҷиаи баҳр барои тезонидану обшавии пиряххои Осиёи марказӣ сабаб мешавад, ки ин даҳшат аст.

Сабаби фоҷиаи баҳри Арал ҳам омилҳои антропоинист. Маълум аст, ки Арал аз дарёҳои Сир ва Ому об мегирад. Дар ҳавзаи ин дарёҳо заминҳои обӣ бисёранд, ки барои обери аз меъёр зиёд истифода мебаранд. Дар 10-15 соли охир оби Сир ва Ому ба Арал қариб намерезад. Муайян шудааст, ки дар 30 соли охир омадани оби дарёи Сир ва Ому 86 фоиз кам шудааст, ки қариб 9 мукааб километр ташкил медиҳад.

Дар ҳалли проблемаи Арал фикру ақидаҳо зиёданд, ки яке аз онҳо аз дарёҳои Сибири Ғарбӣ ба Осиёи миёна овардани як миқдор об мебошад. Мувофиқи ақидаи дигар аз баҳри Каспий ба Арал овардани миқдори муайяни об барои ҳалли проблемаи баҳр имконпазир аст. Гурӯҳи дигарон пешниҳод менамоянд, ки бо роҳи сунъӣ афзун намудани боришоти атмосферӣ дар диёри болооби ҳавзаҳои дарёҳои Ому Сир мебошад.

Бояд гуфт, ки дар симпозиумҳои байналхалқӣ оид ба наҷот додани Арал бештар аз 200 пешниҳод ворид шудаанд. Мутаассифона, то ҳол ягон консепсияи аз ҳама ҷиҳат асоснок кардашуда мақбули олимону мутахассисон вуҷуд надорад. Ҳоло яке аз роҳи мадад ба Арал сарфа кардани оби дарёҳои Сир ва Ому мебошад. Бояд гуфт, ки агар дар аз худ кардани заминҳо масъалаи обёрӣ, равнақу ривоҷи кишоварзи ва саноат, хусусиятҳои муҳити атроф, тавсияҳои илмӣ ба назар гирифта, меҳрубонию ғамхорӣ нисбат ба муҳити зист зоҳир мегардид, ин фалокат рӯй намедод. Бечуну чаро ҳалли бисёр мушкилоти экологӣ ба худи инсоният вобастааст...

***Олимҷон Шарифҷонов.***

**Супоришҳо.**

*1. Аз матн муайянкунандаҳоро ёбед.*
*2. Роҳи ҳалли муаммоҳои баҳри Аралро дар гурӯҳҳо муҳокима намоед.*
*3. Дар бораи ҳолати экологияи маҳалли худ маълумот диҳед.*
*4. Дар мавзӯи “Муҳофизати табиат” кори эҷодӣ нависед.*



***Машқи 15. Аз рӯйи стратегияи “Эстафета” дар мавзӯи “Иқлим ва экология” (кӣ?, чӣ?, дар куҷо?, чаро?, кай?, чӣ қадар?) дар байни гурӯҳҳо мусобиқа гузаронед.***



**Зарфи макон ҷой ва макони воқеъ шудани амалу ҳолатро фаҳҳмонда, ба саволҳои куҷо?, дар куҷо?, ба куҷо?,.. ҷавоб мешавад: ҳар ҷо, пеш, ақиб, дарун, берун, боло, поён ва ғ.**

**Зарфҳои макон одатан дар паҳлӯи феъл омада, ба он тобеъ мешаванд.**



# *Фасли 2. МАДАНИЯТИ КӮЧМАНЧИҲО*

## ДАРСИ 10. МАДАНИЯТИ НИМКӮЧМАНЧИҲО

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***эзоҳ додан ба муаллиф, истифодаи сарчашмаҳои аз китоби дарсӣ гирифташуда, маҷалла-рӯзнома, энциклопедия, интернет.***

***Интонатсия дар дохили ҷумла, истифодаи маънои мантиқӣ.***



*Машқи 16. Бо матн шинос шавед.*

### *МАДАНИЯТИ НИМКӮЧМАНЧИҲО*







Халқҳои асри санг асосан бо парвариши чорво машғул шуда, онҳоро ба хонагӣ кардан одат кунонидаанд. Аз ҳайвонҳо бо маҳсулотҳои гушт, равған, пуст, пашм аз деҳа ба шаҳрҳо баромада, бо хариду фуруш машғул мешуданд.

Муддате гузашта дар ҳудуди пештараи Қазоқистони Ҷанубӣ марказҳои маданӣ асосан дар шаҳрҳои Утрор, Ясса, Сайрам, Саврон, Қулан тараққӣ кардааст. Онҳо асосан бо чорводорӣ ва ҳунармандӣ машғул мешуданд. Мутахассисони соҳаи чорводорӣ дар бораи ҳайвонҳои хонагӣ чунин маълумотҳоро пешкаш намудаанд: гӯсфанд - барра ҳайвони хонагӣ мансуби ҷуфтсумҳо. Дар ҷумҳурӣ гӯсфандони қарокӯлӣ, ҳисорӣ ва ҷойдорӣ паҳн гаштаанд.

Саравлоди гӯсфанди хонагӣ - гӯсфандони ваҳшии Ғурм (Муфлон). Сарнасли тамоми зотҳои гӯсфандони хонагӣ муфлон (ғурм), зернамуди

гӯсфанди кӯҳӣ мебошад. Дар вақтҳои пешин ғурм хеле фаровон буд. Маҳалҳои сукунати ҳозираи ғурм ниҳоят кам шудааст. Дар нимбиёбон ва пиставу бодомзори зич (900-2800 метр аз сатҳи баҳр) зиндагӣ мекунад. Шикори бенизом ва дар натиҷаи чорвочаронӣ ғурмҳо хеле кам шуда, дар баъзе маҳалҳо тамоман барҳам хӯрдаанд.

Баъзе олимон сарнасли гӯсфандони хонагии Осиёро гӯсфанди ёбоӣ, Архар (Ғулча) мушуморанд, ки то ҳол дар қаторкӯҳҳои Осиёи Марказӣ дучор меояд. ғулча яке аз калонтарин гӯсфандони ёбоӣ мебошад. Рангаш қаҳваги зард- тоб буда, таҳи шикамаш бо мӯйинаи сафедранг пӯшида шудааст. Ғулчаи нар шохи хеле калону печдори барҷаста дорад. Вазни сари архари болиғ бо шохҳояш 30-40 кг. буда, вазни умумиаш то ба 150-180 кг. мерасад. Солҳои охир саршумори архар хеле кам шудааст. Ғулча моҳҳои май ё июн як, баъзан ду барра мезояд. Архар ҳамчун намуди беҳамтои гӯсфанди ёбоӣ ба муҳофизати ҷиддӣ эҳтиёҷ дорад. Дар «Китоби сурх» гӯсфандҳои устюртӣ (аркал ), қизилқумӣ, тоҷикӣ (бухороӣ), тяншонӣ (архар) ҳам чун зернамудҳои гӯсфанди кӯҳӣ дохил шудааст.

Дар ҷаҳон 25 зернамуди гӯсфанди кӯҳӣ маълум буда, ба қатори ҷуфтсумҳо, оилаи ковокшоххо, синфи ширхӯрон дохил мешавад. Гӯсфанди кӯҳиро дар Осиё тахминан 9000 сол, дар Аврупо 4000 сол пеш аз милод инсон хонагӣ намуд. Дар натиҷаи интихоби табиӣ ва сунъӣ ҳоло 150 намуди гӯсфанди хонагӣ мавҷуд аст. Комёбиҳои фанни генетика ва селексия баривоҷи гӯсфандпарварӣ, наслгирӣ мадади хеле калон мебахшад, зеро аз гӯсфандони кӯҳӣ ва хонагӣ намудҳои нави онҳоро пайдо мекунанд. Дар боғи ҳайвонот, мамнӯъгоҳ, дар шароити сунъӣ, муфлон бо гӯсфандони хонагӣ ҷуфт гашта, насли бардам медиҳад. Барои саноати сабук аз гӯсфандон пашм, мӯина ва пӯст мегиранд. Чун маҳсулоти хӯрокӣ гӯшташро истеъмол мекунанд. Дар баъзе мамлакатҳо аз шири гӯсфандон сир, чакка, айрон, қаймоқ мегиранд. Сифати чунин маҳсулот назар ба маҳсулоти ҳайвоноти дигар (гов) якчанд маротиба беҳтар аст.

Гӯсфанд ҷонварест, ки ягон узви он исроф намегардад, ҳатто шохҳояшро истифода мебаранд. Аз рӯдаи гӯсфанд ҳасиб, тори асбобҳои мусиқӣ тайёр мекунанд. Ҳатто ҳамчун риштаи амалиёти ҷарроҳӣ истифода мебаранд ва он дар организми инсон худ аз худ ҳал мешавад. Дар ҳадисҳо, ки дар он тафаккури динӣ, бадеӣ, илмӣ, фарҳангӣ, ҷаҳонфаҳмӣ, ҷаҳонбинии Муҳаммад пайғамбар инъикос ёфтаанд, чунин навишта шудааст: «Гӯсфанд бипоед, барака меёбед», «Дар вақти муносибат ба ҳайвони

безабон аз Худо тарсед. Онҳоро аввало фарбеҳ намуда, баъд хӯроки намоед», «Мӯъминон, ки гӯсфанду аспу шутур парвариш мекунанд, ба давлат, ҳурмат ва хушбахтӣ соҳиб мегарданд».

***Аз энсиклопедия.***

**Супоришҳо.**

*1. Аз матн ҳоли маконро муайян кунед ва номбар намоед.*
*2. Дар гурӯҳҳо аҳамияти чорводориро муҳокима намоед.*
*3. Фикратонро хаттӣ баён намоед.*
*4. Дар бораи калимаҳои ишорашудаи матн маълумот диҳед.*
*5. Дар асоси матн ҷадвалро пур кунед.*

| Фикрҳо | Далелҳо |
|---|---|
| | |

***Машқи 17. Ҷумлаҳои додашударо нависед. Супоришҳоро иҷро кунед.***

Амин ва Арбоб, ки бо рӯйи баста дар сояи дарахтон менишастанд, аз дур намоён шудани қозиро дида, аз ҷо хеста, ба болои ҳашарчиён медавиданд ва овозашонро баланд карда “инча бизан!”—мегуфтанд. Як вақт як амини бисёр фарбеҳ аз зери дарахте хеста, ба сари ҳашар омад. Ва ӯ ҳам ба қозӣ шунавонда ба ҳашарчиён чӣ навъ кор карданро нишон додан гирифт. Вақте ки қозӣ наздик расид, ӯ салом дода таъзимкунон истод ва қозӣ ба вай: Амин, шумо аз ҳад зиёд фарбеҳ шудаед. Ин ҳолат ба шумо бори зиёдатӣ аст ва шуморо ноором мекунад. Бо ин коре, ки шумо дар пеши май монанди арбоб ва аминҳои дигар мекунед, боратон сабук намешавад. Муносиб он аст, ки шумо гоҳе аз дасти ҳашарчиён каландро гирифта қадаре кор кунед, то ки ҳам бори худатон ва ҳам бори ҳашарчӣ сабук шавад.

Амин «хуш тақсир» гӯён давида, ба рӯд даромад ва аз дасти ҳашарчие каландро гирифта, ба замин зада хок кандан гирифт. Аммо баъд аз 10-12 бор каланд задан чунон дар арақ ғӯтид, ки гӯё ба сари ӯ аз сатил об рехта бошанд ва суст шуда бар замин нишаста монд, ҳашарчиён қаҳ-қосзанон хандиданд.

***Садриддин Айнӣ.***

**Савол ва супоришҳо.**

*1.Феълҳои ҳолро нависед ва чӣ тавр сохта шуданашонро баён кунед.*

*2.Амин чӣ маъноҳо дорад ва дар ин матн чиро ифода мекунад?*

*3.“Боратон сабук намешавад”-ро шарҳ диҳед.*

**Зарфи сабаб сабаби ба амал омадан ё наомадани амалро ифода мекунад ва ба саволҳои чаро?, барои чӣ?, аз чӣ сабаб? ҷавоб мешавад: ночор, ноилоҷ, маҷбуран, беихтиёр, хоҳ-нохоҳ.**

**Зарфи мақсад мақсади воқеъ шудан ва ё нашудани амалро фаҳмонда, ба саволҳои барои чӣ?, ба чӣ мақсад? ҷавоб мешавад: қасдан, барқасд, таъкидан, лутфан, ифтихоран.**

## ДАРСИ 11. МАДАНИЯТИ ОСИЁИ МИЁНА

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***вобаста ба шароити коммуникативӣ терминҳои халқӣ ва илмиро аз сарчашмаҳо истифода карда, диолог монолог, полилог, фикри худро бо исботу далел баён намудан.***

***Санҷиши истифодаи калимаҳои матн вобаста ба мавзӯъ, ивазкунии онҳо бо синоним, санҷиши лексикӣ, таҳрир.***

### *Машқи 18. Матнро хонед.*

Халқҳои Осиёи Миёна бо кадомин қувваҳо муқобили Искандари Мақдунӣ муқовимат карданд? Бояд қайд кард, ки камбудии асосии қувваҳои мудофиавии Осиёи Миёна марказият надоштани онҳо буд. Дар даврае,



ки мавриди баҳси мо қарор гирифтааст, фақат як қисми Осиёи Миёна ба қаламрави ҳахоманишиҳо дохил шуда ва он ҳам ба дараҷаи лозима устувор набуд; вилоятҳои боқимондаи ин сарзаминро ҳокимони соҳибихтиёр ва пешвоёни қабилаҳо идора мекарданд.

Ҳунари аслиҳасозии Осиёи Миёна дар асри IV пеш аз милод хеле равнақ пайдо карда буд. Аскарони Осиёи Миёна аз аслиҳаҷоти ҳуҷум бештар ханҷар ва шамшерҳои оҳанӣ ва аҳёнан биринҷиро истифода мебурданд, ки дастаи онҳо аксаран бо нақшу нигори зебо оро дода мешуд. Ханҷарро ба паҳлӯи рост меовехтанд. Мардуми Осиёи Миёна ханҷарро карта меномиданд. Дар баробари ин, зоҳиран, истилоҳи акинок низ ба кор бурда мешуд. Шамшерҳо хеле калон буда, дарозиашон то 1,2 метр мерасид. Аксар вақт дар муҳориба табарҳои ҷангӣ — сагарис ба кор медаромад. Баъзе намунаҳои ин қабил табарҳои ҷангии яктеға ва дутеға дар ҳафриёти гӯрхонаҳои қадимаи Помир ёфт шудаанд. Геродот ва Страбон хабар медиҳанд, ки секираҳои массагетҳо мисӣ буданд. Найзаҳои дароз бо пайконҳои биринҷӣ ё оҳанӣ, ки аршти меномиданд, аз аслиҳаҷоти муҳим ба шумор мерафтанд. Беҳуда нест, ки Геродот массагетҳоро «найзадорон» номидааст. Он вақт гурз мавқеи чандон муҳим надошт.

Ба сифати силоҳи дурзан бештар камон истифода мешуд. Ҳанӯз дар миёнаҳои ҳазораи I пеш аз милод дар Осиёи Миёна камони мураккабсохти ба истилоҳ навъи скифӣ мустаъмал буд. Ин навъи камон бо дурзанӣ ва нишонрасии худ фарқ мекард. Дар манбаъҳо якчанд хели ин аслиҳа зикр шудааст. Барои тайёр кардани камони бохтарӣ, ҳамчунин камонҳои суғдӣ, портӣ ва хоразмӣ найро ба кор мебурдаанд. Дар сарчашмаҳо сакоиҳо ва массагетҳои «камонандоз» ва «камонандозони савора» ёд шудаанд. Сарбозони Осиёи Миёна дар фалахмонпарронӣ ҳам хеле моҳир будаанд.

Сарбозон худро бо ҷавшан муҳофизат мекарданд. Квинт Куртсий менависад, ки мардуми саҳронишини Осиёи Миёна «аз варақаи оҳан» барои худ зиреҳ месохтанд. Бар тибқи маълумоти Арриан сарбозони Осиёи Миёна дар вақти ҷанг худро бо зиреҳҳои фулузӣ «тамоман мепӯшониданд». Онҳо бар сар кулоҳхӯд доштанд, ҳамчунин сипарҳои гуногунҳаҷму гуногуншаклро барои муҳофизати худ истифода мекарданд. Ба қавли Геродот, аспҳои массагетҳо ба василаи баргустувон муҳофизат карда мешуданд. Аз эҳтимол дур нест, ки умуман Осиёи Миёна ҷои тавлиди афзори муҳофизаи асп – баргустувон бошад. Ин ихтирои муҳими ҷангӣ

сонитар ба тарафи Ғарб – ба Эрони ҳахоманишӣ, ба тарафи Ҷануб – ба Ҳиндустон, ба тарафи Шарқ – ба Хитой паҳн гардид. Дар Осиёи Миёна дучархаҳои ҷангӣ ҳам мавҷуд буданд.

Охирҳои асри биринҷӣ дар Осиёи Миёна ҳунари истеҳкомсозӣ ба вуҷуд меояд. То вақти тохтутози истилокорони юнону мақдунӣ шаҳрҳои ин сарзамин иншоотҳои бузурги мустаҳкам доштанд. Илова ба истеҳкомоти умумӣ шаҳрҳои калонро бо қалъаҳои баланд иҳота карда, дар девори қалъа манораҳо нишонда, тиркашҳо сохта буданд.

Дар Осиёи Миёна аз рӯи навъҳои қӯшун ба қисмҳо ҷудо кардани қувваҳои аскарӣ маъмул буд. Ҳар яки ин қисмҳо алоҳида саф ороста, баъзан дар вақти ҳуҷум ба ҳам ҷафс мешуданд ва паси ҳам қарор гирифта, қувваи бузурги ҳамлавареро ташкил медоданд. Дар баробари ин боз як усули тактикӣ – ақибнишинии стратегӣ мавҷуд буд: қӯшуни савора дар вақти ҳуҷум якбора ақиб рафта, аз самти дигар барқвор зарба мезад. Умуман, разми ҳуҷум бо фурӯ рехтани сели қӯшуни савора сар мешуд, ки мудофиакунандагон онро аввал аз дур бо тиру найза пешвоз гирифта, сонӣ, баъди тамоман наздик шудан ба ҳамлаи қатъӣ мегузаштанд ва ниҳоят тан ба тан ҷанг карда, душмани рӯ ба гурез ниҳодаро таъқиб менамуданд. Дар лаҳзаи ҳалкунанда қувваи эҳтиётӣ ба майдон даровarda мешуд.



**Супоришҳо.**

*1. Аз матн хелҳои зарфро муайян кунед ва вазифаи онҳоро дар ҷумла шарҳ диҳед.*

*2. Ғояи асосии матнро дар гурӯҳҳо муҳокима намоед, ба матн мавзӯи мувофиқ ёбед, фикратонро баён намоед.*

*3. Аз манбаъҳо иловагӣ маълумотҳоро дастрас намоед.*

# ДАРСИ 12. ХАЗИНАИ МОДДӢ ВА МАЪНАВӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***мавзӯи услуби матнҳои адабиёти бадеӣ ва ғояҳои публисистии монанд, сохт, аудиторияи мақсаднок, фарқияти забониро ҳангоми таҳлил аниқ намудан.***

***Бо тарзи нигоҳ доштани сохт ва таркиби эссе, ёфтани роҳи ҳалли масъалаҳои овардашуда, навиштани он (эссеи мубоҳисавӣ).***






### *Машқи 19. Манро бо диққат хонед.*

Воқеан Бохтару Суғд бузургтарин маркази тамаддуни тоҷикон шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда буд. Оғози сарнавишти талху ширин, оғози нахустин падидаҳои тамаддуну арзишҳои фарҳангӣ ва оғози рисолати давлату давлатдории онҳо низ маҳз аз ҳамин гаҳвора сарчашма гирифтааст». Доир ба маданияту фарҳанги ин давра олимону файласуфони ғарбу шарқ ва махсусан тоҷику рус асарҳои бисёре офариданд. Лекин ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ин давраи нисбатан торики таърихи маданияти тоҷикон ба шумор меравад. Беҳуда нест, ки сарвари давлатамон ба омӯзиши тамаддуни қадими тоҷикон даст зада саҳифаҳои нави онро барои ҳамватанон ва ҷаҳониён пешкаш намудаанд.

Қадимтарин сарчашмае, ки дар он номи кишвари Бохтар ва Суғд ёд шудааст китоби муқаддаси «Авесто» мебошад. Дар боби якуми он «Видевдат» нахустин кишварҳои офаридаи Аҳурамаздо номбар шудаанд, «Бақхади» (Бохтарӣ) зебо бо дарахтзорҳояш ва «Гава» (Суғд) бо алафзору марғзорҳояш. Яке аз тавонотарин донандагони таърихи аҳди кӯҳан Фирдавсӣ «Шоҳнома»-и худро дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла «Худойномак», «Маздакнома», «Шоҳномаи Абумансурӣ», «Шоҳномахои Маъсуди Марвазӣ, Абӯалии Балхӣ», инчунин «Гуштаспнома»-и Дақиқӣ ва дигар ривояту қиссаҳо ва достонҳои таърихии халқҳои ориёнажод офаридааст.

Вобаста ба таърихи омаду рафти шоҳон ва сурат гирифтани банду басти воқеаҳо «Шоҳнома» ба ду қисм- асотирӣ ва таърихӣ худо шудааст. Подшоҳони давраи асотирии «Шоҳнома»-ро метавон ба сулолаи Пешдодиён мансуб дониста, овони подшоҳии Каюмарс, Хушанг, Таҳмурас, Ҷамшед, Заҳҳок, Фаридун ва дигаронро то давраи Гаршосп тахти ин

ном  зикр намуд. Дар давраи подшоҳии сулолаи Пешдодиён ниёгони мо зинаи ваҳшоният, яъне ҷамъияти ибтидоиро паси сар карда, падидаҳои аввалини тамаддуниро ноил гардиданд.

Мувофиқи маълумоти «Шоҳнома» сулолаи дуюме, ки баъди Пешдодиён ба арсаи давлатдории ориёиҳои тоҷиктабор омадаанд, сулолаи Каёниён мебошанд, ки бунёдгари он Кайқубод буда, дар «Авесто» номи ӯ ва дигар подшоҳони ин сулола бо номи Кайковус, Сиёвуш, Кайхусрав, Гуштосп номбар шудаанд.

Подшоҳони сулолаи Каёниён мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихи Бохтар ва Балхро қароргоҳи салтанати худ пазируфта, онро Эрону Эроншаҳр ном бурдаанд. Яъне, ин давлат дар қисмати ҷанубу шарқии Тоҷикистон ва шимоли Афғонистон қарор гирифта буд. Ҳудуди қаламрави Суғди қадим дар фосилаи 40 км дуртар аз самти ғарбии Бухоро харобаҳои шаҳри Варахша пайдо шудааст, ки ба ҳазорсолаи якуми то мелод мансуб дониста шудааст. Инчунин Мароқанд бо марказаш Афросиёб, баъдтар Хуҷанд, Уструшан (Киропол) ва дигар минтақаҳои қисмати сарҳадии Ӯзбекистону Тоҷикистони Шимолӣ дар ҳудуди давлати суғдиёни қадим воқеъ гардида буданд.

Беҳуда нест, ки Б.Ғафуров таъсири тамаддуни халқиятҳои Осиёи Миёнаро дар офариниши осори бошукӯҳи санъати сулолаи Хоҳоманишиҳо таъкид карда, аз Бохтару Суғду Хоразм бурдани чанде аз масолеҳи ороишии нодирро зикр менамояд: Тибқи навиштаҷоти Доро барои сохтани қасри Шуш аз Бохтар тилло, аз Суғд – лоҷуворд ва ақиқ, аз Хоразм – фирӯза бурда шудааст.

Албатта, ин зинаҳои тараққиёт дар Бохтари қадим то давраи зуҳури Зардушт кайҳо паси сар гашта буд. Аз Қубодиёну Тирмиз кашида то Балху Ҳирот ва Марву Нисо ҳазорҳо шаҳрҳои обод ва деҳкадаҳои бузург доман афрохта буданд. Масалан, Қалъаи Мир, Кайқубодшоҳ, Тахти Қубол, Тахти Сангинро ба ёд овардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, зироаткорӣ ва чорводорӣ саҳифаи наве дар зиндагии бошандагони Бохтари қадим  маҳсуб гардида, аз думболаш тарзи зиндагии муқимӣ, косибию ҳунармандӣ ва ғайраро  ба форсҳо овард.

Ҳамин тариқ, Бохтару Суғди қадим яке аз қадимтарин марказҳои тамаддун ва яке аз нахустин давлатҳое буд, ки дар замони подшоҳии Гуштосп намояндаи сулолаи Каёниён ташаккул ёфта, пойгоҳи нахустини давлату давлатдории ниёгони тоҷиконро падид овард. Чуноне ки дар боло

зикр шуд, Бохтару Суғди қадим ба тамаддуни башаринахустин оинномаи аҳди қадим – «Авесто» ва нахустин пайғамбари оини яктопарастӣ- Зардуштро дод.

*“Тоҷикон”. Б. Ғафуров*



**Супоришҳо.**

*1. Аз матн пуркунандаҳоро ёбед ва шарҳ диҳед.*
*2. Фикри асосиро дар матн муайян намоед, мавзӯи мувофиқ гузоред, нақша тартиб диҳед.*
*3. Давоми асрҳо ба инкишофи маданият ва дигаргунии онҳо кадом сарчашмаҳо асос шудаанд? (кор бо харита).*
*4. Дар мавзӯи “Хазинаи моддӣ ва маънавӣ” эссе нависед.*

## ДАРСИ 13. МЕРОСИ МОДДӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***тафовути услуби расмӣ ва публисистиро бо воситаи дастгоҳҳои забон шиносонидан.***

***Бо тарзи нигоҳ доштани сохти маълумотҳо, навиштани тавсифнома ба матни дар шакли тасвир додашуда. (нишони шартӣ, расм, нақша).***



*Машқи 20. Матнро ифоданок хонед.*
*Супоришҳоро иҷро намоед.*





Қолини дастибофи тоҷикӣ нозукиҳои ба худ хос дошта, аз ҳунарманд меҳри беандозаро талаб менамояд. Аз васл кардани дастгоҳи қолинбофӣ то ба дасти харидор расидани як қолин ҳунарманд зинаҳои гуногунро тай мекунад. Илоҳӣ аз омаданаш ба кишварамон шоду мамнун аст, зеро тавассути самараи меҳнати пурмаҳсулаш тавонист, риштаи дӯстиву бародарӣ ва эҷодкориро бо мардуми ин кишвари биҳиштосо бипайвандад.



Духтараки қолинбофро, махсусан меҳмоннавозии мардуми Шаҳристон хуш омад. Манзараи

хушобу ҳаво, табиати афсункор, кӯҳҳои сар ба фалак кашида, гулу гиёҳҳои шифобахши ин минтақаи кӯҳӣ тахайюлоти бою рангинро дар замири духтари ҳунарманд ҷой дода, имконияти дар рӯйи қолин ҷо додани тасвирҳоро дар сар андешид. Ба худ гуфт: баробари ба зодгоҳ баргаштан, албатта, ба тасвири ин манзараҳои дилфиреб мепардозам. Чун ду рӯз меҳмони шаҳристониён буданд, аз пазироии занону духтарон, ки бо лутфу меҳрубонӣ муштоқи омӯхтани ҳунари волои қолини дастибофи аҷдодӣ буданд, табъаш кушода шуд. Зеро танҳо донистани як ҳунар тавонист, ӯро машҳури оламиён гардонад.

«Ҳунар чашмаест зоянда ва давлатест поянда» шиори доимии бону Илоҳӣ буда, давоми нӯҳ моҳи меҳмони ин сарзамин буданаш бо урфу одат ва анъанаҳои халқи тоҷик аз наздик шинос шуд, занону духтарони зиёдеро ҳунари аҷдодӣ омӯхт. Суғдиён тавонистанд, тарзу усулҳои гуногуни қолинҳои дастибофро аз ин духтараки гулдаст омӯзанд ва дар ҳаёти ҳаррӯзаашон истифода бурда, бо меҳнати ҳалол ризқу рӯзӣ ба даст оранд.

*Қимати мард ба илму ҳунар аст...*
*Ҳар касеро баҳри касбе сохтанд,*
*Меҳри онро дар дилаш андохтанд.*

Ҳунар рафиқест меҳрубон, файзрасон, меҳнати софу рӯйи сурх, сари баланду дасти кушод ва таъмингари сатҳи маишии оила маҳсуб меёбад. Меҳри ҳунари қолинбофӣ дар қалби инсони фурӯтану дилкушод ва некхоҳу меҳрубон Алии Даргоҳӣ ҳанӯз аз овони ҳафтсолагӣ пайдо шуд. Ҳангоме ки аз устодони соҳибтаҷрибаи мактаб дар риштаи адабиёт сабақи маърифат мегирифт, аз забони онҳо симои бузургону мутафаккиронро шунида, ба худ ваъда дод, ки нахустин кори ба анҷом медодааш, рӯи тасвир овардани бузургмардон буд. Имрӯз рӯйи деворҳои ҳар хонадони тоҷиконро тасвирҳои таърихии бузургонамон зеббахшанд.

Маҳз дастони мӯъҷизаофари ин ҳунарманд аз хурдсолӣ аз бофтану рангрезӣ кардани мӯинаҳо, пардохтану риштакашӣ ва зуфагарӣ (дуруст кардани каҷиву сӯрохӣ) оғоз шуда, то ба дараҷаи камолот расидааст. Ба гуфти ҳунармандон, ҳар ҳунарманди мумтоз метавонад, як қолинро давоми 3-4 моҳ бофта, ба итмом расонад.

**Супоришҳо.**

*1. Дар мавзӯи “Дасти одамизод гул” фикру мулоҳизаатонро нависед.*

*2. Дар асоси “диаграммаи Венн” маданияти халқҳоро муқоиса кунед.*

*3. Санъати меъморӣ чист?*



# Фасли 3. Тани солим – ақли солим

## ДАРСИ 14. СОЛИМӢ – САОДАТИ ТУСТ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***диалог оиди мавзӯъҳои иҷтимоӣ - ҷамъиятӣ, таълимӣ, монолог ,полилог (интервю, баҳсу мунозара, навигарӣ, суруд, эҷодиёти адабӣбадеӣ, шарҳи масъалаҳои гузошташуда.***

***Тартиб додани нақшаи мураккаб, навиштани матнҳои гуногунжанр бо сохторҳои гуногуни матн.***







***Машқи 21. Матнро хонед. Супоришҳоро иҷро намоед.***

Солимӣ-саодати туст. Тани солим – ақли солим. Тозагӣ- гарави саломатӣ. Дар бораи тандурустиву саломатӣ халқи мо чунин ҳикматҳои бузургро овардаанд ва онҳоро давом додан мумкин аст.

### *Пок дор аз ҳар ғубор оинаат!*

Инсон дар рӯи замин сарчашмаи ҳамаи ободиҳо, озодиҳо ва пешравию комёбиҳои ҳаёт аст. Тамоми мавҷудоти олам маҳз тавассути меҳнати фидокоронаи инсони асил арзи ҳастӣ мекунанд. Инсоне, ки саропо манбаи дастовардҳои асилу пурарзиш аст. Инсоне, ки гулу гиёҳро ҳастӣ бахшида. Инсоне, ки ҳайвоноту набототро нигаҳбон буда. Инсоне, ки муҳиту ҷомеаро созгор буда. Инсоне, ки ҳама соҳаҳоро пешрав гардида. Инак, ин инсони созандаву ҳаётофарин, ки Худованди мутаол

қудрату бузургиаш бахшида, созандаи муҳити солим, фарзандони баркамол ва нишондиҳандаи сифатҳои олии инсонӣ дар рӯи замин аст.

Тавассути ақли бузургаш инсон муҳитро тозаву озода нигоҳ медорад, аз ифлосиву нопокиҳо эмин мегардонад. Покии ҳар як гӯшаву канор, молу амвол, чизу чора ва оилаҳову фарзандони солим маҳз ба инсоният вобастагӣ дорад.

Тозагӣ, ки зери ин истилоҳ мафҳумҳои покӣ, муҳити тоза аз ифлосиҳо, покии обу дигар сарватҳо, покии ашёи рӯзгор, манзили истиқоматӣ, кӯдакони ноболиғу сару либос ва кулли мавҷудоти олами ҳастӣ диниста мешавад, ба инсон вобастагӣ дорад. Ҳамаи инсонҳо чӣ марду чӣ зан чӣ кӯдакону чӣ болиғ вазифадоранд, тозагиро ҳамчун вокеияти аввалиндараҷа қарзи асосии инсониашон шумурда, ҷомеа, маҳал, оилаи хешро ҳамеша тозаву озода нигаҳдор бошанд. Тоза нигоҳ доштани оби кӯлу дарёҳо асоси ҳастии инсону ҳамаи мавҷудоти рӯи замин, аз ҳама муҳим аст. Намебояд гузошт, то дар обҳо ифлосиҳо партоянд. Намебояд гузошт, то обҳоро, ки сарвати бузургу тақдирсозанд, бо нопокиҳо олуда гардонд. Тозагии муҳити обу ҳаво нигоҳ доштани ҳастии растаниву наботот, ки ҳама ба инсон фоидабахшанд низ аз худи одамон вобастагӣ дорад.

Одамон, бахусус занон асоси тоза нигоҳ доштани маводи рӯзгор, аз қабили хонаву ашёи он, либосу палос, ҷамъи ашёи рӯзгордорӣ, тозагии тифлакону муҳитро иҳота кардаанд.

Агар дар хонадон зани оқилаву порсо ва покдоману ҳалолкор вуҷуд дошта бошад, албатта, ҳама ашёҳо низ тозаву озода ва дар ҷои худ қарор мегиранд. Шуста истифода кардани меваву сабзавот, тоза нигоҳ доштани амволи хона низ муҳитро озода мегардонад. Нафас гирифтани ҳавои хубу дилкаш мояи тансиҳатии ҳамаи аҳли хонадон мегардад. Аз ҳар гарду ғубор, нопокию ифлосӣ ва аз ҳар нафас ҳавое, ки мегирем, бояд покию тозагӣ хост. Тансиҳатии ҳар як инсон аз хурд то бузург ба муҳити иҳотакарда вобастагӣ дорад. Агар ҳавои хонадон тозаву озода, ҳар як маводи истеъмолӣ поку беолоиш набошанд, инсон наметавонад тансиҳат бошад.

Хулоса, гарави тансиҳатии ҳар як инсон тозагии ӯст. Тозагии муҳити ӯ, дасту дилу дида, тозагии хонадони атроф, обу ҳаво маҳз ба худи инсон вобастагӣ дорад. Бисёр мебояд мулоҳизакор буд, то муҳит солиму озода ва фарзандон саломату барҷо бошанд. Бисёр мебояд кӯшид, то ҳамаи ҳастии ҳаётро пок дошт. Бисёр мебояд ҷаҳд кард, то тансиҳат буд. Аммо барои ҳамаи ин бояд ҳалолкору покизакирдор ва созишкору дӯстдори

муҳити хеш буд. Ба ононе, ки тозагии муҳити экологии атрофро халалдор мекунанд, бояд мубориза бурд. Онҳоро ба тозаву озода нигоҳ доштани ҳар як гулу гиёҳ ва обу хоки муқаддаси Ватани азиз даъват намуд.

Пок дор аз ҳар ғубор оинаат! Гуфтаанд, ки ҳаққу барҷост. Агар мехоҳем, ки зиндагии осоишта, рӯзгори обод, фарзандони солимфикру тансиҳат дошта бошем, пас моро лозим меояд, тозакору муҳитпарвар ва бунёдкори ҳаёти бофароғати хеш бошем. Ҳар як ҳастӣ ва ҳар қатраи обу хоки адокардаи Офаридгори созандаро поку беолоиш нигоҳ дорем.

*Аз рӯзномаҳо.*

**Супоришҳо.**

*1. Аз матн ҷумлаҳои мураккабро муайян кунед.*

*2. Оиди нигоҳдории саломатӣ дар гурӯҳҳо мубоҳиса ташкил кунед.*

*3. Дар гурӯҳҳо қоидаҳоро давом диҳед, намоиш ташкил кунед.*

# ДАРСИ 15. МЕРОСИ АБӮАЛӢ ИБН СИНО – ХАЗИНАИ БЕБАҲО

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***фаҳмонидани мазмуни матни шунидашуда, ҷудо карда тавонистани исботи ахбори тавсилшуда.***

***Бо тарзи нигоҳ доштани тафовути ҷиҳозҳои бадеӣ навишта тавонистани мақолаи хурд, ривоят, тавсифнома тартиб додан.***

*Машқи 22. Матнро бо диққат хонед.*

## *МЕРОСИ АБӮАЛӢ ИБН СИНО – ХАЗИНАИ БЕБАҲО*



Абӯалӣ дар ҷаҳон аз пурмаҳсултарин олимон ва адибон эътироф гаштааст. Фаъолияти эҷодии вай аз 17-18 солагиаш дар солҳои 996-997 шурӯъ шуда, расо 40 сол давом кардааст. Ӯ осори насриву назмиашро ҳам ба арабӣ ва хам ба тоҷикӣ эҷод кардааст. Сабаби бисёре аз асарҳои худро ба забони арабӣ навиштани Абӯалӣ он аст, ки забони арабӣ дар он замон ҳамчун забони илму маданият шинохта шуда буд. Ҳамчунин китобҳои зиёди

илмию ахлоқии юнонӣ, ибронӣ, ҳиндӣ ва паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума шуда, истилоҳоте, ки мафҳумҳои илмиро ифода мекарданд, дар ин забон устувор гардида буданд. Забони арабӣ барои ҳамаи донишмандони асрҳои X-XI фаҳмо буда, дарси мадрасаҳо ба ин забон мегузашт. Осори Абӯалӣ ниҳоят зиёд аст. Аз рӯйи тадқиқ ва ҳисоби донишманди машҳури эронӣ Саид Нафисӣ (1896-1966) миқдори асарҳои Абӯалӣ, ки алҳол маълум шудааст, ба 456 мерасад. Дар китобхонаҳои давлатӣ ва шахсии олам 162 асари ӯ нигоҳ дошта мешавад. Аз ҷумла 23 асари вай бо забони модариаш, яъне тоҷикӣ эҷод шудааст.

Ҳамчунин як миқдор шеърҳои тоҷикии Абӯалӣ низ ба замони мо расидаанд. Асарҳои Абӯалӣ аз ҷихати ҳаҷм хеле гуногун буда, аз рисолаҳои мухтасар то асарҳои чандинҷилда иборат мебошад. Асари «Китобулинсоф», ки аз байн рафтааст, дар 20 ҷилд, «Алҳосил вал маҳсул» дар 20 ҷилд, «Китобушшифо» дар 18 ҷилд, «Лисонулараб» дар 10 ҷилд, «Алқонун» дар 5 китоб, «Наҷот» дар 3 ҷилд эҷод шудаанд. Кулли ин осор, ки зикрашон рафт, дар инкишоф ва такомили улуми мавҷуда нақши сазовор гузошта, то кунун ба арзиши бузурги таърихӣ, маданӣ ва илмӣ моликанд. Тамоми асарҳои Абӯалиро метавон ба 4 гурӯҳ тақсим кард:

1. Асарҳои доир ба ҳикмат, фалсафа ва ахлоқ ва мантиқ.
2. Асарҳо оид ба тиб.
3. Асарҳо доир ба илмҳои дақиқ.
4. Асарҳо роҷеъ ба забону адабиёт ва санъат.

Бисёре аз асарҳои Сино танҳо роҷеъ ба як соҳа ихтисос наёфта, балки чандин илмро фаро мегиранд. Масалан «Донишнома» аз бобҳои Мантиқ, Илоҳиёт, Табиийёт, Ҳайат ва Мусиқӣ таркиб ёфтааст.

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик Ибни Сино ҳамчун шоири ориф эътироф гашта, муҳимтарин қисмати осори адабии ӯро шеърҳо ташкил медиҳанд. Қасида ва ғазалҳои шоир тасаввуфӣ ва ахлоқианд. Вале рубоиҳои Сино шоирона садо додаанд. Афкори ҳикматомӯзии шоир дар ашъораш ба таври равшан инъикос шуда, муносибати иҷтимои ва шахсияти шоирро рӯнамо месозанд. Намунаи рубоиёти Сино, ки роҷеъ ба масоили иҷтимоӯ ва ахлоқӣ эҷод шудаанд.

«Ал- Қонун»- и Ибни Сино- чун энциклапедияи роҳнамост, ки панҷ ҷилдро дар бар мегирад. Ҷилди аввал- дар бораи вазоиф ва равишҳои пизишкӣ, сабабҳои бемори, анатомияи инсон аст, бахшҳои он, ки ба

беҳдошт ва дармон марбут аст, асос барои гигиена ё беҳдошт шуданд. Ҷилди дуввум ба илми дорушиносӣ ва ё фармокология мансуб буда, номгӯи беш аз 800 доруро дар бар мегирад. Дар он ҳамзамон тарзи омода намудани дору, таъсир ва шакли истифодаи онҳо низ шарҳ дода шудааст. Ҷилди саввум дар бораи бемории тамоми узвҳо маълумот медиҳад (аз ҷумла осебпазирии мӯй ва нохун). Ҷилди чаҳорум ба бемориҳои характери травмавӣ дошта, заҳролудшавӣ ва вогиршиносӣ бахшида шудааст. Ҷилди панҷум – оид ба фармакология бо таҷзия ва таҳлили маҳсулоти мураккаб аст. Дар «Ал-Қонун» мушоҳидаҳои Авиценна оид ба ҳайвоноти хурду ноаён чун сарчашмаи пайдоиш ва паҳнкунандаи ҳамагуна бемориҳо, шарҳ дода шудааст. Пешгӯииҳои ин табиби бузург баъдан дар таҳқиқоти донишмандони муосир собит гардиданд, ки баъзе ҳайвоноту ҳашарот то ҷӣ ҳад паҳнкунандаи микробу вирусҳо ҳастанд. Ва ба шарофати охирин кашфиёт, бо истифода аз микроскоп ва ё заррабин маълум гардидааст, ки бархеи онҳо воқеан шабеҳи ҳашарот ҳастанд. «Баъзе бемориҳо хеле пинҳону ба чашм ноаён ҳастанд, ман онҳоро танҳо аз рӯи тағйири набз муайян мекунам. Моҳияти набз шабеҳ ба моҳияти мусиқӣ аст. Аз рӯи вайрон шудани ҳолати гармонии набз метавон бемории махфишударо пайдо кард »- навиштааст Ибни Сино.

Зимнан, бояд иқрор кард, ки баъзе мавридҳо пизишкони имрӯзаи мо бо вуҷуди мусаллаҳ будан бо таҷҳизоти замонавӣ чунин таҷрибаву маҳоратро дар ташхиси дақиқи беморӣ надоранд. Тавре аз навиштаҳои Авиценна бармеояд, ӯ ба варзиши бадан таваҷҷӯҳи зиёде дошта, онро шарти асосии ҳифзи саломатӣ унвон намудааст. Дар навбати дуввум ӯ ҳолати хӯрокхӯрӣ ва реҷаи хобиданро қарор додааст. Ба ҳангоми ташхис Ибни Сино аз усулҳои мушаххас намудани рутубат ва ё хушкии пӯст, эҳсос ва назорати набз кор мегирифтааст. Ба ақидаи Ибни Сино ҳифзи саломатии инсон–вазифаи аввалиндараҷаи тиб аст. Агар беморӣ пайдо шудааст - мушаххас намудани сабабҳои он, сипас аз байн бурдани он ва билохира барқарор намудани саломатӣ

**Супоришҳо.**

*1. Аз рӯйи сратегияи “Жигсо” мазмуни матнро дар гурӯҳҳо муҳокима намоед.*
*2. Дар бораи Ибн Сино чӣ гуна ривоятҳо медонед?*
*3. Аз матн сифатҳои аслӣ ва нисбиро ёбед.*
*4. Этимологияи калимаҳои Ибн Сино, Авитсена, медитсинаро шарҳ диҳед, аз манбаъҳои интернет истифода баред.*
*5. Аз рӯйи стратегияи “Куби Блум” дар гурӯҳҳо баҳсу мунозара ташкил намоед.*

## ДАРСИ 16. ТАНИ СОЛИМ – АҚЛИ СОЛИМ

### *Машқи 23. Рубоиҳоро ифоданок хонед.*

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***порчаҳои матнро шунида истода пешгӯйи кардани инкишофи воқеа ва хотимаи он.***
***Ахбори матнӣ ва графикӣ (таблитса, диаграмма, нақша, сурат нишонаҳои шартӣ) шарҳ додан.***



*Эй кош, бидидаме, ки ман кистаме?*
*Гар мукбилам, осудаву хуш зистаме.*
*Саргашта ба олам аз пайи чистаме?*
*Варна ба ҳазор дида бигристаме!*

*Бо ин ду-се нодон, ки чунин медонанд,*
*Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон эшонанд.*
*Хар бош, ки ин ҷамоа аз фарти харист,*
*Ҳар к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд.*

*Эй нафс, ки бастаи ҳавои ҳаваси,*
*Биштоб, ки дар ҳимояти як нафасӣ.*
*Дунё маталаб, чоҳ маҷӯ, ишвамахар,*
*К-аз дӯст бароиву ба душман бирасӣ.*

*Дил гарчи дар ин бодия бисёршитофт,*
*Як мӯй надонист, вале мӯйшикофт.*
*Андар дили ман ҳазорхуршед битофт,*
*В-охир ба камоли заррае роҳ наёфт.*

***А. Сино.***

**Супоришҳо.**

*1. Фикрҳои дар асар додашударо аниқ намоед.*
*2. Аз стратегияи "Пирамидаи фикрҳои устувор" дар гурӯҳҳо ташкил намоед.*
*3. Дар мавзӯи "Тани солим-ақли солим" матн тартиб диҳед.*



***Машқи 24. Ҷойи нуқтаҳоро дар ҷумла пурра карда нависед.***

1. Тозон қариб ба вагон расида будам, ки поезд ... кашида ба ҳаракат даромад.

2. ... илоҷи ҷойгардонии дегчаро ёфтам. Беэҳтиёт дегчаро ба дари вагон пахш карда истодаам.

3. Мо бо рафиқ Ғафуров борҳо. .. (ба шаҳри Панҷакент) сафарҳо карда будем.

4. Ман. .. бо сирри ошпазиам иқрор шудам.

5. Дар. .., ки Мирзо Турсунзода пайдо мешуд, ӯро фавран одамон дӯст медоштанд.

6. Бобоҷон Ғафуров. .. бо мантиқу воқифона ҳарф мезаданд.

(наърае, он ҷо, ноилоҷ, ниҳоят, ҳар куҷое, ниҳоят).

## ДАРСИ 17. ҲИМОЯИ ТАНДУРУСТӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***фаҳмонидани мазмуни матни шунидашуда, ҷудо карда тавонистани исботи ахбори тавсилшуда.***
***Санҷиши истифодаи калимаҳои матн вобаста ба мавзӯъ, ивазкунии онҳо бо синоним, санҷиши лексикӣ, таҳрир.***

### *Машқи 25. Ҳикоятро хонда, аз рӯйи матн нақша тартиб диҳед.*

Сулаймони подшоҳ гуфтааст: «Донистам, ки барои онҳо чизе хубтар аз ин нест, ки айшу тараб намоянд ва дар ҳаёти худ некӣ кунанд. Ва агар ҳар одам бихӯрад ва бинӯшад ва аз ҳар меҳнати худ некӣ бинад, — ин низ атои Худост». Бале, хушҳолӣ кардан — қисмати зиндагии боэътидол аст. Вале боғайрат меҳнат кардан ҳам ҳаст.

Наврасони зиёд аз қаноатмандие, ки зи меҳнат бармеояд, ё аз эҳсоси худэҳтиромие, ки пас аз ҳалли мушкилие пайдо мегардад, бехабаранд. Баъзе навҷавонон имконияти омӯхтани касбу ҳунареро, ки бо он дар оянда худро таъмин карда тавонанд, надоранд. Ин мушкилии воқеиест барои волидон. Оё шумо ба фарзанди худ чунин имконият хоҳед дод? Агар шумо ба наврасатон қадр кардани меҳнати боғайратона ва ҳатто лаззат бурдан аз онро ёд диҳед, ӯ назари солимеро инкишоф медиҳад, ки тамоми умр барояш муфид хоҳад буд.

## Машқи 26. Оиди одобу ахлоқ мақолҳои халқиро ба хотир оред.

“Айби худ аз дӯстон мапурс, ки бипӯшонанд, тафаҳҳусе кун, ки душманон чӣ мегӯянд?”- гуфтааст Саъдӣ. Ин андешаи Саъдӣ ба гуфтаи Искандари Макдунӣ шабоҳат дорад, ки “Ман на ҳамеша манфиат аз дӯстон ёбам, балки аз душманон низ ёбам, аз он ки агар дар ман феъли зишт бувад.

Дар муошират боодоб будан, мавзуну пурмаъно ва бо ҳикмату зарофат ҳарф заданро мутафаккир хислату сифатҳои хуҷастаи инсон мешуморад ва касе, ки нисбати Шумо бо лутфу меҳрубонӣ ҳарф мезанад, сазовори ҳурмату эҳтиром асту бо тавозуъ хоксори вай бош, вале бо ту ба пайкор бархезад, дидагонашро аз хок пур кун. Яъне, бо ашхоси тундхӯй ба меҳру ҷавонмардӣ муошират оғоз макун, ки ин амал ба он монад, ки сухани нарм аз зангзада занг натавонад зудуд

Шахси фозилу заковатманд ва оқилу хирадманд набояд бо каси аблаҳу доно ва бехираду нодон сари баҳс бошад. Ва баръакс, ашхосе, ки дараҷаи фазилати хешро надониста бо донишмандон сари баҳс меоронд, нодон мешуморад. Ба андешаи ӯ, “ҳар кӣ бо донотар аз худ баҳс кунад, то бидонанд, ки доност, бидонанд, ки нодон аст”.

Ё ин ки бар муҷиби шафқат бипӯшонанд, то ман надонам ва душман бар муҷиби душманӣ бигӯяд, то маро маълум шавад, он феъли бад аз хештан дур кунам. Пас он манфиат аз душман ёфта бошам, на аз дӯст".




**Супориш.**

*Аз рӯйи намудҳои зарф ҷумлаҳо тартиб диҳед.*



# ФАСЛИ 4. МЕҲР – ОҚИБАТ ВА ДӮСТӢ

## ДАРСИ 18. МЕҲР- ОҚИБАТ ВА ОИЛА

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***бо воситаи ҷумлабандӣ ва оҳанги шахси гӯянда мавзӯи матнро интихоб намудан, инкишофи сатҳи фикррониии хонанда. Тартиб додани саволҳои гуногуни муаммовӣ аз рӯйи матн.***



### *Машқи 27. Матни додашударо хонед ва ҷумлаҳои содаи онро ёфта нависед.*







Фарзанди одам аз лаҳзаи таваллуд то дами марг ба омӯзиш ниёз дорад. Дар омӯзиш ва дарки олами воқеӣ волидайн нақши муҳим мебозанд. Гуфтан мумкин аст, ки фаъолияти омӯзгории волидайн аз лаҳзаи таваллуди фарзанд шурӯъ мешавад. Аз хӯрдану нӯшидан сар карда то роҳ рафтану хобидан, хондану навиштан, сухан гуфтану ҳурмату эҳтиром ба ҷо овარданро волидайн меомӯзонанд ва ин марҳилаи омӯзиш дар давраи кӯдакӣ маҳдуд намемонад. Инсонҳое ҳастанд, ки синну солашон ба ҷое

расидаасту ҳанӯз аз мактаби падару модар сабақ мегиранд. Аз ин нуқтаи назар гуфта метавонем, ки аввалин омӯзгори мо волидайнамон ба ҳисоб мераванд.



Агар ба саҳифаҳои таърих назар андозем мебинем, ки аксари бузургон дарси ибтидоиро аз волидайн гирифта, падару модари худро устоди нахустин мешуморанд. Пас, маълум мешавад, ки онҳо волидайни бузург доштаанд, ки дарси ибтидоиро аз даргоҳи маърифати онҳо аз бар намуда, ба пояҳои баланди илму маърифат расидаанд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки волидайн ба ҳаёти иҷтимоии ҳар шахс таъсир расонда, беҳтарин омӯзгори мову шумо ба ҳисоб мераванд. Зеро онҳо хислатҳои фарзанди худро беҳтар аз ҳама медонад. Онҳо медонанд, ки фарзандашон чиро дӯст медораду чиро не. Волидон ҳамеша мехоҳанд, ки фарзандашон муваффақ бошад, дар зиндагӣ азоб накашад ва ҳамеша хушбахт бошад.

Аз ин рӯ, волидон ҳар қадаре, ки рӯзгордида бошанд, ба фарзанди худ ҳамон қадар бештар сабақ меомӯзанд. Таъсири сухан муҳимтарин унсури таълиму тарбия ба шумор меравад. Омӯзгороне, ки ин маҳоратро доранд, дар таълиму тарбия ҳамеша муваффақанд. Сухани падару модар ба фарзанд таъсирбахш аст.

Мутаассифона, баъзе волидон бо сабабҳои гуногун таъсири сухани худро ба фарзанд аз даст додаанд. Чӣ хел мешавад, ки дигар сухани падару модар ба фарзанд асар намекунад? Аксари падару модар намунаи ибрати фарзанди худ мебошанд ва фарзанд низ кӯшиш мекунад, ки ба падар ё модари худ тақлид кунад.



Аммо баъзе аз волидайн ҳангоми роҳ додан ба хато қадру қимат ва шаъну шарафи худро дар назди фарзандон паст мекунанд. Масалан, вақте ки падар ё модар ба фарзанди худ насиҳат карда мегӯяд, ки дашном надеҳ, сухани бад ба забон нагир, калонсолонро эҳтиром кун, ба калонсолон салом гӯй, аммо худ ин амалҳоро риоя намекунад, он гаҳ сухани ӯ, насиҳати ӯ куллан ба фарзанд таъсир намекунад. Яъне мебояд, ки аввалан худи волидайн ботарбия бошанд, то ки фарзандашон тарбия гирад. Набояд фаромӯш сохт, ки кӯдак ба ҳама чиз аҳамият медиҳад ва ҳамеша дар пайи дарки олами атроф кӯшиш ба харҷ медиҳад. Амалҳое, ки дар кӯча ё дар хона рух медиҳанд, ҳатман ба рӯҳияи кӯдак таъсир мерасонанд. Бо ин сабаб волидайн бояд кӯшиш кунанд, то дар назди кӯдак бо овози баланд баҳс накунанд, якдигарро танбеҳ накунанд, суханони қабеҳ нагӯянд, зеро ҳар як амале, ки аз ҷониби волидон анҷом дода мешавад, кӯдак онро ба хотир мегирад. Яке аз нуқтаҳои муҳиме, ки барои волидайн зарур аст, ба ваъда вафо кардан аст. Агар ба кӯдак ваъда диҳӣ, ки фалон корро анҷом деҳ, ба ту фалон чиз мехарам, ҳатман онро иҷро бояд кард. Дар акси ҳол волидайн эътимод ва боварии фарзандашро нисбат ба худ аз даст медиҳанд.

***Аз манбаъҳои интернет.***



**Супоришҳо.**

*1. Фарзанд аз волидайн бояд чиҳоро ҳамчун намуна қабул намояд.*

*2. Аз рӯйи масъалаи дар матн овардашуда ва суратҳои додашуда нигоҳ карда, ба он шарҳ диҳед ва фикратонро нависед.*

*3. Фикратонро аз рӯйи муносибати фарзанду волидайн дар шакли қиёсӣ баён кунед.*

*4. Ҷадвали зеринро пур кунед.*



| **Меҳру оқибати падар ва фарзандон** | |
|---|---|
| беҳбудӣ | камбудӣ |
| | |

# ДАРСИ 19. АНДАР ШИНОХТАНИ ҲАҚҚИ ПАДАРУ МОДАР

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***бо воситаи ҷумлабандӣ ва оҳанги шахси гӯянда, мавзӯи матнро интихоб намудан, санҷиши сатҳи фикррониии хонанда.***
***Тафовути услуби расмӣ ва публисистиро бо воситаи дастгоҳҳои забон шиносонидан.***

## *Машқи 28. Матни додашударо хонед.*



Бидон эй писар, ки ... аз муҷиби хирад бар фарзанд воҷиб аст: худро ҳурмат доштан ва тааҳҳуд кардан.

Гуфт:

- Панҷ ҳазор динори накд бидиҳам.

Маҳол гуфт:

- Ёфтам Фатҳро зинда. Заврақе биёваранд ва Фатҳро бибуранд. Мутаваккил он чи маллоҳро гуфта буд, бифармуд то дар вакт бидонанд. Вазирро бифармуд ва гуфт, ки дар хазинаи ман рав, ҳарчи ҳаст, як нима ба дарвешон деҳ.

Он гоҳ гуфт:

- Таом оред, ки вай гуруснаи ҳафтрӯза аст.

Фатҳ гуфт:

- Ё амирулмӯъминин, ман серам.

Мутаваккил гуфт:

- Магар аз оби Даҷла сер шудӣ?

Фатҳ гуфт:

- На, ки ман ин ҳафт рӯз гурусна набудам, ки ҳар рӯз бисто нон бар табақе ниҳода ба рӯи об фурӯ омадӣ ва ман ҷаҳд кардаме то ду-сето аз он нон бигрифтаме ва зиндагонии ман аз он нон будӣ ва ба ҳар нон навишта буд: «Муҳаммад ибни Ал-Хусайн Ал-Аксоф». Мутаваккил фармуд, ки дар шаҳр муноди кунед, ки он мард, ки нон дар Даҷла афканд кист ва бигӯед, то биёяд, ки амирулмӯъминин ба ӯ некӯи хоҳад кард, то натарсад. Чунин муноди карданд. Рӯзи дигар марде биёмад ва гуфт:

- Ман он кас.

Мутаваккил гуфт:

- Ба чӣ нишон?

Мард гуфт:

- Ба он нишон ки номи ман бар рӯи ҳар ноне навишта буд, ки Муҳаммад ибни Ал-Хусайн Ал-Аксоф.

Мутаваккил гуфт:

- Нишон дуруст аст. Аммо чанд гоҳ аст, ки ту дар ин Даҷла нон меандозӣ?

Мард гуфт:

- Як сол аст.

Мутаваккил гуфт:

- Ғарази ту аз ин чӣ буд?

Мард гуфт:

- Шунида будам, ки некӣ куну ба об парто, ки рӯзе бар диҳад. Ва ба дасти ман некии дигар набуд. Он чӣ тавонистам кардам, ҳаме кардам, то худ чӣ бар диҳад. Мутаваккил гуфт:

- Он чӣ шунидӣ, кардӣ, бад-он чӣ кардӣ, самара ёфтӣ. Мутаваккил вайро дар Бағдод панҷ деҳ мулк дод. Мард ба сари мулк рафт ва муҳташам гашт ва ҳанӯз фарзандони ӯ дар Бағдод мондаанд.Ва ба рӯзгори Ал-Коим биамрилоҳ ман ба ҳаҷ рафтам. Эзиди таоло маро тавфиқ дод, то зиёрати худой бикардам ва фарзандони вайро бидидам ва ин ҳикоят аз пирои Бағдод шунидам. Пас то битавони аз некӯӣ кардан маёсой ва худро ба некиву накӯкорӣ ба мардумон намой ва чун намуди ба хилофи намуда мабош. Ва ба зуфон дигар магӯй ва ба дил дигар мадор то гандумнамои ҷавфурӯш набошӣ.

***(аз Қобуснома)***

**Савол ва супоришҳо.**

*1. “Некӣ куну ба об парто” чӣ маънӣ дорад?*

*2. Оё шумо дар ҳаёт бо чунин одамони накӯкор вохӯрдаед? Агар вохӯрда бошед, бо онҳо чӣ гуна муносибат доштед?*

*3. Аз матн ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқро ёбед ва онҳоро шарҳ диҳед.*

**Меҳру оқибат аввало аз ҳурмати падару модар оғоз меёбад. Фарзандони азиз, ҳурмату эҳтироми падару модаратонро ҳеҷ гоҳ аз хотир фаромӯш накунед. Ба падару модар чӣ гуна муносибат кунед, дар оянда аз фарзандони худ ҳамин гуна муносибатро дидан маълум аст!**

# ДАРСИ 20. СУДУ ЗИЁНИ ЗАБОН

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***ба саволҳои муаммовӣ аз сарчашмаҳо мисол оварда, ҷавоби дуруст додан, муқоисаи ҷавобҳои гуногун, шарҳ додани онҳо.***

***Аз маънои эмотсионалии таъбирҳо, мақол-зарбулмасалҳо, хусусиятҳои бадеии онҳоро фаҳмидан ва истифода кардан.***









***Машқи 29. Матни додашударо хонед.***

Луқмони ҳаким сиёҳчарда буд. Касе ӯро ба бандагӣ гирифт ва муддате хидмат мефармуд ва аз вай осори илм ва ҳикмат мушоҳида менамуд. Рӯзе хоҷа ба расми имтиҳон вайро гуфт:

• Гӯсфанде бикуш ва беҳтарин аъзои ӯро ба назди ман ор.

Луқмон гӯсфандро бикушт ва дилу забонаш пеши хоҷа овард.

Рӯзе дигар гуфт:

—Гӯсфанде бикуш ва бадтарин аъзояш биёвар.

Луқмон гӯсфанде дигар бикушт ва ҳам дилу забонаш овард.

Хоҷа гуфт:

—Ин чӣ гуна аст?

Гуфт:

—чиз беҳ аз дилу забон нест, агар пок бошад ва ҳеҷ чиз бадтар аз он нест, агар нопок бошад.

***Муҳаммад Авфӣ.***



**Савол ва супоришҳо.**

*1.Ҳикоятро ифоданок хонед ва гӯед, ки аз мутолиаи он ба чӣ хулоса омадед.*

*2. Суду зиёни забонро чӣ тавр мефаҳмед?*

*3. Андешаҳоятонро баён кунед.*

*4. Пок ва нопок будани забонро аз чӣ фаҳмидан мумкин аст?*

# ДАРСИ 21. ҲУРМАТУ ЭҲТИРОМИ ВОЛИДАЙН

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***мавзӯи услуби матнҳои адабиёти бадеӣ ва ғояҳои публисистии монанд, сохт, аудиторияи мақсаднок, фарқияти забониро ҳангоми таҳлил аниқ намудан.***
***Тартиб додани нақшаи мураккаб.***

### *Машқи 30. Матнро хонед ва кадом услуб будани матнро муайян кунед. Супоришҳоро иҷро намоед.*

Бидон, эй писар, ки воҷиб аст асли худро шинохтан ва ҳурмат доштан. Асли фарзанд падару модар аст.Ва зинҳор, эй писар, ки ранҷи падару модар хор надорӣ..... . Чун ту дар ҳаққи эшон муассир бошӣ, чунон бувад, ки ту сазои ҳеҷ некӣ набошӣ ва он кас, ки вай ҳақшиноси некии асл набошад, некии фаръро ҳам қадр надорад. Бо носипосон некӣ кардан аз хирагӣ бошад ва ту низ хирагии худ маҷӯй ва бо падару модари худ чунон бош, ки аз фарзандони худ тамаъдорӣ, ки бо ту бошанд. Зеро ки он ки аз ту зояд, ҳамон тамаъ дорад, ки ту аз падар дорӣ, ки ба масал одамӣҳамчун мева аст ва модару падар ҳамчун дарахт. Ҳарчанд дарахтро тааҳҳуд беш кунӣ, мева аз вай накӯтару беҳтар ёбӣ. Ва зинҳор, ки аз баҳри мерос марги падару модар нахоҳӣ, ки бе марги падару модар он чӣ рӯзии ту бошад, ба ту бирасад.............

Ба касе манигар, ки ҳоли ӯ беҳтар аз ҳоли ту бошад, ба касе нигар, ки ҳоли ӯ аз ҳоли ту бадтар бошад... Ва агар ба мол дарвеш гардӣ, ҷаҳд кун то ба хирад тавонгар бошӣ, ки тавонгарии хирад аз тавонгарии мол беҳтар ва ба хирад мол тавон ҳосил кард ва ба мол хирад ҳосил натавон кард. Ва ҷоҳил аз мол зуд дарвеш гардад ва хирадро дузд натавонад бурдан ва обу оташ ҳалок натавонад кардан. Пас, агар хирад дорӣ, бо хирад ҳунар омӯз, ки хирад бе ҳунар чун тане бошад бе ҷома ва шахсе бувад бесурат.............

Модаре як писар дошт. Рӯзе модар бемор шуд. Писар аз сари болини модар дур нашуда, хизмати ӯро кард. Табъи модар баланд мешуд. Писар дасташро ба пешонии модар гузошт ва пурсид, ки ба шумо чӣ шуд?

— Ба ман як пиёла об биёр, — гуфт модар. Писар дарҳол кӯзаҳоро гирифта сӯи чашма рафт. Писар бо кӯзаҳои пур аз об ба хона баргашт. Аз роҳи дари хонаашон омада ба модараш нигоҳ кард, ки модараш хоб буд.

Писар андешид, ки агар дарро во кунам модарамро норохат мекунам. Писар пиёлаи об дар даст пушти дар истод. Субҳидам модар аз хоб бедор шуду писарашро садо кард.

— Писарам дар куҷоӣ?

Писар об дар даст ба хона медарояд ва гуфт, ки ман инҷоям, бароят об овардам. Ва ин ҳикоят садоқати фарзандро нисбати модар нишон медиҳад. Воқеан ҳам сазовори чунин ҳурмату эҳтиром ҳастанд чунки:

*Якшаба он ранҷ, ки модар кашид,*
*Бо ду ҷаҳонаш натавон баркашид.*
*Модар ту фариштаи ҷаҳонӣ.*
*Модар ту зи дарду ранҷу андӯҳ,*
*Бо дасти дуот мераҳонӣ.*
*Модар ту калиди роҳи ҷаннат,*
*Модар ту бақои хонадонӣ,*
*Фарзанд агар ҷони ту бошад,*
*Модар ту дилу дидаи онӣ.*
*Модар чу туи ҳастии фарзанд,*
*Амсоли баҳори бехазонӣ.*

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Масъулияти фарзандро чӣ тавр мефаҳмед ва ҳис менамоед?*
*2. Ба фарзанди қобил, ки падару модарро қадр менамояд, чӣ гуна ном мегузоштед?*
*3. Барои эҳтироми падару модар бо истифодаи калимаҳои зерин (фарзандҳо, давраи кӯдакӣ, меҳри модар, ҷаннат, шири сафед, дуогӯй) матни мухтасар тартиб диҳед.*
*4. Аз матн пешоянд ва пасояндҳоро ёбед.*
*5. Кадом калима ва ибораҳои шевагӣ дар матн истифода шудааст.*

**Калима воҳиди хурдтарини забон аст, ки бо ёрии он дар нутқ ҷумлаҳо тартиб дода мешавад.**

**Калимаҳое, ки танҳо ба ин ё он маҳал хосанд, калимаҳои шевагӣ номида мешавад.**

**Калимаҳои соҳавӣ ба ин ёон соҳаи илм, санъат, техника ва истеҳсолот мансубанд, калимаҳои соҳавӣ номида мешаванд. Онҳоро истилоҳот низ меноманд.**

**Этимология- аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънояш “маънои ҳақиқии калима” мебошад.**

# ДАРСИ 22. ХУЛҚИ ХУШ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***ба саволҳои муаммовӣ аз сарчашмаҳо мисол оварда, ҷавоби дуруст додан, муқоисаи ҷавобҳои гуногун шарҳ додани онҳо***

***Истифодаи стратегияи хониш. Истифодабарии стратегия, шарҳ додан, хондани ифоданок, хониши таҳлилӣ.***

## *Машқи 32. Матнро хонед. Аз рӯйи мазмуни матн фикратонро баён намоед ва хулоса бароред.*

Чунин гӯянд, ки Нушервони одил дар айёми подшоҳии хеш хештанро бемор сохт ва устуворон ва аминонро бифармуд, то гирди подшоҳии ӯ бигарданд ва аз вайронаҳо хиште кӯҳна биоваранд, то бемории ӯро бад- он илоҷ кунанд. Ва ба мардумон чу нон намуд, ки пизишкон дармони ӯ бад- он фармудаанд. Пас бигаштанд ва боз омаданд. Гуфтанд: «Дар вилояти малик ҳеҷ ҷое вайрон наёфтем ва на хишти кӯҳан».

Нушервон шодмон шуд ва шукр кард ва гуфт: «Ман ин ба озмоиш кардам, ки бидонам, ки дар мамлакати ман ҷое вайрона мондааст ё на. Акнун, ки намондааст, подшоҳӣ ба тамом ва камол шуд, биҳамдиллоҳи ва минна.

Ва бидон, ки кӯшиши он подшоҳони кадим ба ободон доштани ин ҷаҳон буд, аз баҳри он ки донистанд, ки ҳар чанд ободонӣ бештар, вилояти эшон бешгар ва раият ба анбуҳтар бувад. Ва низ донистанд, ки ҳокимони ҷаҳон рост гуфтаанд, ки дин ба подшоҳӣ ва подшоҳӣ ба сипоҳ ва сипоҳ ба хоста ва хоста ба ободонӣ ва ободонӣ ба адл устувор аст. Ва ба ҷавру ситам кардан ҳамдастон набудандӣ ва аз касони хеш бедод кардан раво надоштандӣ, ки мардумон бо ҷавру ситам пой надоранд ва шаҳрҳову ҷойҳо вайрон шаваду мардумон бигурезанд ва ба вилояти дигарон шаванд. то ободон вайрон гардаду подшоҳӣ ба нуқсон уфтад ва дахл кам шаваду ганҷ тиҳӣ шавад ва айш бар мардумон талху бемаза гардад ва раият подшоҳӣ ҷоҳилро дӯст надораду ҳамеша бар вай дуои бад кунанд, то худои таъоло эшонро бархурдорӣ надиҳад ва зуд ҳалок шаванд.

***Муҳаммад Ғазолӣ.***

**Шарҳи луғатҳо:**

***устуворон—калонҳо, сардорҳо***
***аминон—вакилон***
***ҷобир—золим,ҷабркунанда***

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Гӯед, ки кадом лаҳзаҳои ҳикоя бароятон маъқул афтод. Он ҷумлаҳоро бори дигар хонед.*

*2. Ҳикоятро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Дар рафти хондан калимаҳои иқтибосиро шарҳ диҳед. Хулосаю андешаатонро мухтасар нависед.*

**Машқи 33. *Муродифҳои ҳар як калимаи додашударо муайян сохта, рӯ ба рӯяш нависед. Шарҳ диҳед, ки кадоме аз ин калимаҳо тоҷикӣ ва кадоме арабианд.***

Калимаҳое, ки ба забони тоҷикӣ аз дигар забонҳо дохил шудаанд, калимаҳои иқтибосӣ ном доранд. Дар луғатҳои тафсирӣ ба кадом забон тааллуқ доштани калимаҳои иқтибосӣ ишора мешавад.

| | |
|---|---|
| Осмон | Шамс |
| Офтоб | Само |
| Чой | Ҷиноят |
| Гунаҳ | Макон |
| Занг | Воқеан |

**Машқи 34. *Матнро бодиққат хонед ва мазмунашро нақл намоед.***

Мо як-ду хомаро гашт карда, як каллапӯш занбурӯғи хӯрдашуданӣ чидем. Дар ҳамин вақт шамол хеста, ҳаво вайрон шудан гирифт, то ба лаби рӯд омадани мо варзиши бод шиддат карда, ҳаворо гарду ғубор фурӯ гирифт. Молҳо бесаришта шуданд. Бачагон “хою бош” гуфта ба пароканда шудани онҳо монеъ мешуданд. Эргаш ҳам подаи худро туб карда ба канори рӯд, ки як қадар аз регзор чуқуртар буд, фуровард.

Рег кӯчида истодааст,— гуфт як бача аз болои хомаи рег бо оҳанги ҳаяҷономез.

Эргаш давида ба болои хомаи рег баромад ва ман ҳам аз дунболи ӯ давидам. Шамол аз тарафи шимолу шарқӣ меомад. Ман пуштамро ба тарафи омади шамол карда, якрӯя рафта базӯр ба рӯи хомаи рег баромадам. Рег монанди оби истодае, ки дар шамол лаппиш хӯрад, лапида-лапида, оҳиста-оҳиста пеш меомад ва қабатҳои рӯи рег лаппиш хӯрда ба канори

рӯд мешориданд ва қабатҳои зерин тапида аз дунболи онҳо ба ҳаракат медаромаданд. Шамол торафт шиддат мекард ва рӯи ҳаво аз ғубор тиратар мешуд.

***Садриддин Айнӣ.***



**Савол ва супоришҳо.**

*1. Ҷумлаҳои зарфдорро нависед ва ба кадом навъ таaллуқ доштани он зарфҳоро муайян кунед.*

*2. Гӯед, ки хома чӣ маъно дорад? Шарҳ диҳед, ки дар ин байт ба кадом маъно омадааст.*

*Гуфто, ки на қоғазу на хома,*
*Чун боз диҳам ҷавоби нома!*

***Низомии Ганҷавӣ.***



***Машқи 35. Матнро хонедва мазмуни онро нақл кунед. Гӯед, ки ҳадафи асосӣ дар кадом ҷумла ифода шудааст.***



Гунҷишке хонаи маврусии худро бозпардохту дар фурчае ошёнаи лаклаке хона сохт.

Ба вай гуфтанд:



- Туро чӣ муносибат, ки ба ҷуссае бад-ин ҳақирӣ бо ҷонваре бад-он бузургӣ ҳамсоя бошию худро бо вай дар маҳалли истиқомату манзили истиқомат ҳамсоя дорӣ?

Гуфт:



—Ман низ ин қадар донам, аммо ба донистаи худ амал натавонам. Дар ҳамсоягии ман морест, ки чун ҳар сол бачагон барораму ба хуни ҷигар бипарварам. ногоҳ бар хонаи ман тозаду бачагони маро қути худ созад. Имсол аз вай гурехтаам ва дар домани давлати ин бузург овехтаам. Умед медорам, ки доди маро аз вай биситонад ва чунон, ки хар сол бачагони маро қути худ гардонидааст, имсол вайро қути бачагони худ гардонад.

## ҚИТЬА:

*Чу рӯбоҳ дар бешаи шер бошад,*
*Зияд эмин аз захми чанголи гургон.*
*Зи бедоди хурдон амон ёбад он кас,*
*Ки гирад ватан дар чавори бузургон.*

***Абдураҳмони Ҷомӣ.***

**Шарҳи луғатҳо:**

***мавруей—меросӣ***
***фурча—сӯрох***
***ҳақирӣ—хурдӣ***
***чавор—наздикӣ, ҳамсоягӣ***
***дар доман овехтан—ҳамсӯҳбат шудан.***

**Супоришҳо.**

*1. Матнро дар гурӯҳҳо хонед ва мавзӯи мувофиқ ёбед, фикратонро шарҳ диҳед.*
*2. Калимаҳои иқтибосии матнро ёфта ба дафтаратон нависед.*
*3. Дар ҳаёт ин гуна ҳодисаро мушоҳида кардаед?*

***Машқи 36. Матнро хонед ва шарҳ диҳед, ки чаро Зафар сухани амакашро нафаҳмид.***

Амаки Зафар, ки аз деҳа ба меҳмонӣ омада буд. гуфт:
—Зафарҷон, ман зардачӯш шудам, рафта аз ошхона дуто бехӣ биёр.
—Зафар ҳайрон меистод. —Амакҷон, бехияш-чӣ?
—О, ҷони амакаш, дар деҳаамон аслан калимаи бехиро истифода мекунанд. Бехӣ, ин сабзӣ аст.

***Азиз Каримов.***

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Чаробехӣ-ро ҳама намефаҳманд?*
*2. Дар маҳалли Шумосабзӣ-ро боз бо кадом калима ном мебаранд?*
*3.Магар ба Шумо чунин ҳодиса рух дода? Мухтасар нависед.*

**Калимаи сабзӣ умумиистеъмолӣ буда, ба ҳамаи тоҷикон фаҳмо мебошад. Калимаи бехӣ танҳо дар нутқи одамони як маҳал истифода мешавад.**

### *Машқи 37. Вобаста ба маъно ва мавзӯи матн онро давом диҳед.*

## БОҒБОН

Боғбонӣ касби дӯстдоштаи падару бобоёнамон мебошад. Бобои ман боғ дорад. Дар боғи бобоям меваҳои гуногун...



### *Машқи 38. Матнро хонед.*

Дар рӯ ба рӯи дача (боғ) як бинои нав сохта шуда буд. Ман дидам, ки болои боми он бино пурбарф аст, аммо дар дигар ҷойҳо осори барф набуда, ҳаво он қадар ҳам сардӣ надошт. Ман аз тоҷики хазонрӯб пурсидам:

—Магар имшаб барф боридааст?

—Не, наборидааст,—ҷавоб дод ӯ.

Ман сафедии бомро ба ӯ нишон дода боз пурсидам:

—Пас ба рӯи бом он чизи барфмонанд чист?

—Намак аст.—гуфт ӯ дар ҷавоб.

—Чаро ба рӯи бом намак пошидаанд?— ман тааҷҷубкунон пурсидам, чунки то он вақт ба рӯи бом намак пошиданро надида будам.

— Бар боми нав то намак напошӣ, напояд,—гуфт дар ҷавоб.

Ман таъбири классикона, яъне он тоҷики бесаводро дида дар ҳайрат афтодам, таъбири ӯ ба ёди ман таъбири Саъдиро, ки дар «Гулистон» мегӯяд: «Он ки напояд, дилбастагиро нашояд» ба ёдам овард. Ман то он вақт дар навиштаҳои худ калимаи «пойдор, нопойдор»-ро кор фармоям ҳам, аз тарси он, ки омма намефаҳмад, «напояд»-ро кор намефармудам. Аммо он рӯз дидам, ки ин калима дар забони зинда будааст ва ҳақ дорад, ки дар умумӣ кардани ӯ кӯшида шавад.

***Садриддин Айнӣ.***



**Савол ва супоришҳо.**

*1. Осор чй маъноҳо дорад? “Осори барф”-ро чӣ тавр мефаҳмед?*

*2. Таъбнри классикоиа. яъне чӣ?*

*3. Калимаҳои ҷолиби дар маҳалли зиндагиатон бударо нависед ва бубинед, ки кадоме аз онҳоро ҳама мефаҳманд.*

**Фразеология як боби забоншиносӣ буда, фразеологизмҳо (таъбирҳо)-ро меомӯзад. Фразеологизмҳо ифода ва ибораҳое-анд, ки дар шакли устувору якпухт ва тайёр мавҷуданд. Маънои онҳо аз таркиби умумиашон бармеояд.**

**Фразеология аз калимаи юнонии «фразис» - ифода. «Логос» - таълимот таркиб ёфтааст.**

**Фразеология-як соҳаи илми забон буда, ибораҳои устувору аз ҷиҳати маъно яклухтро меомӯзад.**

## ДАРСИ 23. ҚАДРИ ДӮСТИ ҲАҚИҚӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***тафовути услуби расмӣ ва публисистиро бо воситаи дастгоҳҳои забон шиносонидан.***

***Бо воситаи ҷумлабандӣ ва оҳанги шахси гӯянда,мавзӯи матнро интихоб намудан, инкишофи сатҳи фикррони хонанда.***

### *Машқи 39. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои дар дохили қавс бударо гузоред.*

1. Алпинистҳо ба қуллаи кӯҳ... (нигоҳ карда) баромада рафтанд.

2. ... (мисли, монанди) тир парида рафт.

Кӯҳ... (барин) вазнин ғалтид.

Паранда. .. (барин) ҷисми сабук.

3. ... (туфайли, барои) ин гуноҳат аз падарамон мешунидагиамонро шунидем.

4. ... (аз сабаби, бо туфайли) бисёр меҳнат карданаш наҷунбида хоб мерафт.

5. Ин роҳи аз мобайни саҳро дарозкашида ба тарафи қишлоқ. .. (ҳамон қадар, ин қадар) тӯл кашида буд.

## *Машқи 40. Матнро хонда шунавонед ва дар синф муҳокима намоед.*

## ДӮСТӢ

*То тавонӣ, дӯстонро гум макун,*
*Дӯстони меҳрубонро гум макун.*





Оре, дӯст беҳтарин, наздиктарин ва азизтарин касест, ки инсонро дар зиндагӣ роҳбалад аст. Дӯст касест, ки ҳамчун оина айбатро рӯ ба рӯ гуфта, ҳамеша мекӯшад, маслиҳатчии наздик бошад. Дӯстон бояд дар ҳамаи маврид мададрасон, ёвар ва ислоҳкунандаи ҳама гуна хатогиву нуқсонҳо бошанд.

Дӯст аст, ки инсонҳо дар ҳаёт хотирҷамъ, дилгарм ва хонаободанд. Дӯстонанд, ки беморон дардро, ғамдорон ғамро ва хушбахтон дилхуширо бо ҳам дида аз дардҳову хушбахтиҳои ҳамдигар огоҳ мегарданд. Наметавон худ камбудиву афзалияти хешро донист.

Чун инсон зиндагӣ мекунад, кору фаъолият мебарад, ба чизе, ба касе, ба тарбияе, ба дилгармие ниёз дорад, хоса ба дӯст. Дӯст афзунии ҳар шодиву дармони ҳар дарду норасоиву нуқсони ҳаёти касро мекушояд, ҳамдард мегардад, зеро дона танҳо хирман намегардад, нони танҳо файзи дастурхон намешавад, шукуфтани муғчае бе ҷамоли офтобу боди субҳ сурат намегирад. Инсон ҳам бе дӯсти наздик буда наметавонад.

*То абад бо дӯстон осӯдагист,*
*Марг ҳам бе дӯстон осон нашуд.*

Гуфтаанд, ки ҳақ бар ҷониби ишоракунандаи ин маънии бузург аст. Дар урфият иборае ҳаст, ки дӯстон се навъанд. Забониву нониву ҷонӣ.

Дӯстон ҳақиқатан дар ҳамин се навъ буда метавонанд. Асоситаринашон дӯстони ҷонӣ онҳое, ки дар ҳамаи мавридҳо дар ғаму шодии кас ҳозиранд.

Аз касе пурсидаанд, ки дар зиндагӣ бародар хуб аст ё дӯст, ҷавоб дода: «Бародар хуб аст, агар дӯст бошад»

Аз ин суханон бармеояд, ки ҳатто бародарон низ душман буда метавонистаанд. Ин гуна бародароне, ки бо бародарони худ кинаву адоват



доранду душманӣ меварзанд, албатта дар муҳити оилаи носолим ба воя расидаанд, зеро дар тарбияи фарзандон муҳити хонаводагӣ сабабгор буда

метавонад. Дар оилае, ки дӯстию рафоқат вуҷуд надорад, ягонагиву якдигарфаҳмӣ вуҷуд дошта наметавонад, бинобар ҳамин фарзандон низ чун меваи дарахти пурбору бешафоат ба воя мерасанд.

Мардуми тоҷик ниҳоят мардуми меҳмоннавозу дӯстпарваранд ва дӯстонро бо тамоми мавҷудияташон дӯст медоранду мепарваранд. Ҳақиқат аст, ки саодату камолоти ҳар миллату давлат ва бахту иқболи баланди онҳо аз робитаи дӯстӣ пойдор мегардад.

Дӯсти ҳақиқӣ ҳамеша мекӯшад, ки ба шодии дӯсти худ боз шодие зам намояд, хотири болидаашро болидатар гардонад, танҳо ва танҳо манзили дӯсти худро ободу дили ӯро шод гардонад.

*Ҳамон дӯстӣ бо касе кун баланд,*
*Ки бошад ба сахтӣ туро ёрманд.*

Хулоса, дӯстӣ рамзи бузургест, ки софдилону бузургонро мепарварад. Дӯстӣ, ки ганҷи бебаҳост, бо озодагон роҳҳои бузурги боиффат гардидан, боифтихор будан, озода зистан ва аз душманон канора буданро мепарварад. Дӯстон ҳамдаму ҳамроз, ҳамқадаму мӯнису ғамхори одамони баландпарвозанд ва шахси бедӯст дарахти бешоху баргеро мемонад, ки зинатеро соҳиб буда наметавонад.

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Чӣ гуна дӯстро дӯстӣ ҳақиқӣ гуфтан мумкин аст?*
*2. Дар бораи дӯстӣ кадом шеърро азёд медонед, қироат кунед.*
*3. Бузургии дӯстӣ дар чист?*
*4. Аз матн калимаҳои мураккабро ёфта нависед.*

### *Машқи 41. Матни шеърро хонед.*

*Агар бозҷӯи хато аз савоб,*
*Наёбӣ яке ҳамнишин чун китоб.*
*Нахоҳад зи гетӣ магар коми ту,*
*На ҳаргиз ба зиштӣ барад номи ту.*
*Зи кори ҷаҳонат диҳад огаҳӣ,*
*Биёмӯзадат роҳу расми беҳӣ.*
*Бувад сӯйи озодагӣ раҳнамун,*
*Кунад мардро дину дониш фузун.*
*Китоб аст оинаи рӯзгор,*
*Ки бинӣ дар он розҳо ошкор.*

*Чунин ҳамнишин гар ба даст оварӣ,*
*Нашояд, ки бигзорию бигзарӣ.*

**Бадеъуззамон Фурӯзонфар.**

**Савол ва супориш.**

1. *Мазмуни шеърро мухтасар нависед.*
2. *Гӯед, ки кадом ҳиссаи калимаҳо зада намегирад.*
3. *Дар кадом калимаҳо зада дар ҳиҷои аввал меафтад?*

***Машқи 42. Шеърро аз хотиратон нависед.***

*1. Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.*

*2. Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,*
*Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.*

*3. Дӯст машмор он ки дар неъмат занад,*
*Лофи дӯстию бародархондагӣ.*
*Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,*
*Дар парешонҳолию дармондагӣ.*

*4. Бани Одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

# ДАРСИ 24. БАҲСИ ДӮСТОНА

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***бо воситаи ҷумлабандӣ ва оҳанги шахси гӯянда,мавзӯи матнро интихоб намудан, инкишофи сатҳи фикррониии хонанда.***

***Эзоҳ додан ба муаллиф, истифодаи сарчашмаҳои аз китоби дарсӣ гирифташуда.***

***Машқи 43. Матнро хонед. Аз рӯйи мазмуни матн баҳс ронед.***

Аз Луқмони Ҳаким пурсиданд:
- Кадом талхӣ бошад, ки оқибат ширин шавад?
Гуфт:
- Сабр.
Боз гуфтанд:
- Кадом шириние бошад, ки охир талх гардад?
Гуфт:
- Шитоб.
Ва боз гуфтанд:
- Кадом пироҳанест, ки ҳаргиз кӯҳна нагардад?
Гуфт:
- Номи нек.

**Супоришҳо.**

*1. Аз мазмуни ҳикоят кадом маъно бармеояд, нависед.*
*2. Боз кадом ҳикоятҳои Луқмони Ҳакимро медонед?*
*3. Муколама чист?*

***Машқи 44. Зарбулмасалҳоро нависед ва мулоҳизаатонро дар бораи пешоянди бе хаттӣ баён созед.***

*1. Бе меҳнат роҳат муяссар намешавад.*
*2. Беша бе шер не, дарё бе моҳӣ.*
*3. Бе шамол шохи дарахт намеҷунбад.*
*4. Г ул бе хор намешавад, гушт бе устухон.*

Пешоянди бе чунин тобишҳо дорад:

Дар амали ҷумла иштирок надоштани касе, чизе ва ё ҳодисае:

—Мо бе ҳеҷ душворӣ ба қулла баромадем. Дарси забон бемисол не, дарси таърих бесол.

Барои амали ҷумла шарт будани иштироки касе ё чизе:

— Бе об зиндагӣ намешавад. Бе китоб дониш нест. Беаҷал кас намемирад.

Дар адабиёти бадеӣ бидуни муродифи пешоянди бе шуда меояд:

— Кор бидуни шитоб идома мекунад.

**Пешояндҳо ҳиссаи номустақили нутқ буда, дар ибораю ҷумла муносибатҳои гуногун, яъне амалӣ ба ашё нигаронидашударо аз ягон ҷиҳат шарҳ медиҳанд:**

**а) макон- Рӯдакӣ дар Панҷрӯд таваллуд шудааст.**

**б) замон- Рӯдакӣ дар ҷавонӣ ба шеъру суруд рағбат дошт.**

**в) масофа- Овозаи ин шоири забардаст то Бухоро рафт.**

**г) восита- Рӯдакӣ бо шеъри худ машҳури ҷаҳон гашт.**

**ғ) мақсад- Рӯдакӣ ба Бухоро барои таҳсил рафтааст.**

# ДАРСИ 25. ҲАЁТ БО ТАНСИҲАТӢ ЗЕБОСТ

## *7.г/ш 1. Порчаҳои матнро шунида истода, пешгӯйи кардани инкишофи воқеа ва хотимаи он*

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***порчаҳои матнро шунида истода , пешгӯйи кардани инкишофи воқеа ва хотимаи он.***

***Мавзӯи услуби матнҳои адабиёти бадеӣ ва ғояҳои публисистии монанд, сохт, аудиторияи мақсаднок, фарқияти забониро ҳангоми таҳлил аниқ намудан.***



### *Машқи 45.. Матнро хонед.*

### *АҲАМИЯТИ ВАРЗИШ*



Варзиш яке аз воситаҳои беҳтарини муаррифӣ кардани давлат ва миллат мебошад. Миллати мо низ ба варзиш ҳамчун воситаи муҳими беҳдошти саломатӣ ва ташаккули ҷисмониву маънавии инсон ҳанӯз аз замонҳои қадим майлу рағбати зиёд дошт.

Ниёгони мо барои беҳдошти саломативу нерӯи ҷисмонӣ ва ҳамеша омода будан ба дифои марзу бум ва мардуми хеш усулҳои гуногуни варзиш, амсоли давидану ҷаҳидан, найзарониву шамшерзанӣ, гурзпартоиву камонварӣ, аспдавонию чавгонбозӣ, гӯштину шиноварӣ ва дигар навъҳои варзишро инкишоф медоданд.

Онҳо ҷавононро ба хотири тавоноии маънавию ҷисмонӣ аз овони хурдсолӣ барои иҷрои машқҳои гуногуни варзишӣ омода месохтанд, ки чунин анъанаи неки ниёгон то замони мо боқӣ мондаанд.

Чунончи, Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и хеш намудҳои гуногуни машқҳои ҷисмонии мардуми ориёиро хеле хуб ба қалам дода, Абӯалӣ ибни Сино усулҳои назариявию амалӣ ва аҳамияти варзишро дар саломатии инсон васеъ талқин мекард. Ӯ зикр карда буд, ки агар ҳар фард пайваста ба варзиши бадан машғул шавад ва ба меъёрҳои он риоя намояд, барои истеъмоли дору ягон ниёзе намемонад.

Беҳуда нест, ки таърихнигорони соҳаи варзиши ҷаҳонӣ Абӯалӣ ибни Синоро яке аз барҷастатарин бунёдгузорони паҳлӯҳои назариявӣ ва амалии ин соҳа номидаанд.

Тарғибу ташвиқи варзиш ва иҷрои мураттаби машқҳои ҷисмонӣ дар давраҳои минбаъда низ машғулияти асосии мардум, бахусус ҷавонон гардида, вобаста ба тақозои замон намудҳои нав ба нави он арзи вуҷуд намудаанд.

Мусаллам аст, ки варзиш дар ҳаёти инсон ҳамчун омили тавонои таҳкими дӯстӣ ва ҳамкории натанҳо варзишгарон, балки халқҳову давлатҳои зиёд маҳсуб мешавад.

Илова бар ин, варзиш барои насли ҷавон ҳамчун мактаби муҳими ҷаҳонфаҳмию тарғиби арзишҳои олии инсонӣ, аз қабили дӯстиву бародарӣ, сулҳу озодӣ, эҳтиром ба халқу миллатҳои гуногун ва ҳамкориҳои судманди байни халқу миллатҳо хизмат мекунад. Ҳаракатҳои оммавии варзишии ҷаҳонӣ, аз ҷумла бозиҳои олимпӣ ва мусобиқаҳои умумиҷаҳонӣ борҳо собит намудаанд, ки варзиш дорои қудрати бузурги созанда дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Имрӯз яке аз ҳадафҳои асосии варзиш ҳамчун қосиди сулҳ дар ҷаҳон маҳз ҳамин аст.

***Аз манбаи интернет***

**Супоришҳо.**

*1. Аз рӯйи стратегияи диаграммаи Венн фикратонро шарҳ диҳед.*
*2. Аз матн пешояндҳои истифодашударо муайян кунед ва вазифаашонро гӯед.*
*3. Аз матн сифатҳои аслӣ ва нисбиро муайян карда, дар ду сутун нависед.*

**Пешояндҳои содаи номӣ бо исму мафҳумҳои исмшуда омада, тобишҳои гуногуни маънои зоҳир мекунанд: тарафи, назди, пеши, самти, сӯйи, баъди, ҷониби, мувофиқи, баробари,ҷузъ.**

***Машқи 46. Ба ҷойи нуқтаҳо аз пешояндҳои қавсайн мувофиқашро гузошта, ҷумлаҳоро нависед. Гӯед, ки пешояндҳо ба ҷумлаҳо чӣ тобишҳои маъноӣ бахшидаанд.***

1. ... оши болаззату чойи кабуд айни муддаост.
2. ... Тараз мерафтем.
3. ... дамидани субҳ гулхан хомӯш гашт...
4. ... ривоятҳо ин деҳа анорзор будааст.

(баробари, ҷониби, мувофиқи, баъди).

## ДАРСИ 26. ЭЪЗОЗ КАРДАНИ ТАБИАТ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***фаҳмонидани мазмуни матни шунидашуда, ҷудо карда тавонистани исботи ахбори тавсилшуда.***
***Тартиб додани саволҳои гуногуни муаммовӣ аз рӯйи матн.***

***Машқи 47. Матнро ифоданок хонед. Бо кадом услуб навишта шудани матнро муайян кунед, супоришҳоро иҷро намоед.***

Табиат ин хонаи инсон, манбаи зиндагии ӯст. Инсон қадри худ, бахту саодати худро маҳз аз саховати табиат меёбад, ӯ аз авалин рӯзҳои арзи ҳастӣ кардани худ бо табиат алоқаи мустаҳкам пайдо мекунад ва сарватҳои онро чун манбаи зиндагӣ истифода мебарад. Мо ҳар қадар ки бо табиат дилбастагӣ дошта бошем, онро

ҳифз ва захираҳояшро афзун гардонем, саховати он нисбат ба мо хеле зиёд мегардад ва агар онро беист тахриб кунем, барои ин аз табиат ҷазо мебинем. Табиат бо назокату малоҳати худ ба табъу ҳолат ва ақлу заковати инсон таъсир мерасонад. Дуруст фармудаанд, ки «Ҳифзи табиат ҳифзи Ватан аст».

Бояд тазаккур дод, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон ҳифзи табиат, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои он, солимгардонии муҳити зист вазифаи умумидавлатӣ ва қарзи маънавии ҳар фард мебошад. Муҳофизати табиат яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Одамизод аз замонҳои қадим табиат ва неъматҳои онро муътабар ҳисоб мекард. Мувофиқи фармудаҳои Қуръони маҷид низ одам бояд сарватҳои табииро самаранок истифода барад, ҳифз намояд ва ба доғдоршавии муҳити зист роҳ надиҳад. Вале имрӯз табиати мо ба ғамхорӣ эҳтиёҷ дорад.

Дар муассисаҳои таълимӣ ташкил кардани гӯшаҳои экологӣ, ахбори экологӣ, созмон додани маҳфилу гурӯҳҳои «Нозирони экологӣ», «Мушфиқони табиат», «Меҳру шафқат ба табиат» ва ғайраҳо бисёр муфид аст.

Инчунин, тавассути радиою симо ва матбуоти даврӣ бо истифода аз «Китоби сурхи Қазоқистон» ва бо ҷалби мутахассисони соҳибкасбу ботаҷриба ба роҳ мондани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ оид ба таълиму тарбияи экологии насли наврас пайомади нек хоҳад дошт. Хусусан, дар аксари мавзеъҳои кӯҳии Қазоқистон барои ҷамъоварӣ ва киштти дастии тухми набототи кӯҳӣ мебояд хонандагон ва одамони кордонро сафарбар кард. Зеро дар давоми чандин садсола мо ба табиат он қадар захмҳои маҳвсозе задем, ки табиат бе ягон чунучаро ба ёрдаму мадади одамони худшиносу ғамхор эҳтиёҷи калон дорад.

Дар ин ҷода корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд. Лекин дар чунин шароите, ки вазъи экологии ҷумҳуриямон қарор дорад, мо бояд боз корҳои зиёдеро ба сомон расонем, нисбат ба табиати кишварамон саҳлангорӣ ва бетарафиро ихтиёр накунем ва ба харобшавию косташавии он ҳеҷ гоҳ роҳ надиҳем. Дар акси ҳол наслҳои оянда ин саҳлангорию харобкориҳои моро намебахшанд.

***Аз манбаи интернет.***

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Инсон ва табиатро чӣ бо ҳам мепайвандад фикри шумо чӣ гуна аст?*

*2. Чаро табиатро ҳифз менамоем? Фикратонро баён намоед ва нависед.*

*3. Аз матн сифатҳои мураккабро муайян кунед ва ба дафтаратон нависед.*

*4. Оё шумо ба ягон паранда лона сохтаед?*

***Машқи 48. Матнро хонед ва хулосаатонро бо ду-се ҷумла нависед ва аз пешоянди барои истифода кунед.***

Ҷуфте кабӯтар дар аввали тобистон донае чанд фароҳам оварданд ва дар гӯшае барои зимистон захира ниҳоданд. Он донаҳо нам дошт. Чун тобистон ба охир расид, ҳаво асар карда донаҳо хушк шуд ва аз будаш камтар менамуд. Кабӯтари нар дар ин вақтхо аз хона ғоиб буд.

Чун боз омад, донаро андак дид. Ҷуфти худро маломат намуда гуфт:

—Ин донаҳо барои хӯроки зимистон ниҳода будем, ки чун шиддати сармо падид ояд ва аз касрати барф дона дар саҳро намонад, ба он рӯз гузаронем. Дар ин вақт, ки дар кӯҳу дашт чина ёфт шавад, ту захирараро чаро хӯрдӣ? Охир шунидаӣ, ки ҳукамо гуфтаанд:

Кунун, ки баргу наво ҳаст, ҷахде кун, Захирае бинеҳ аз баҳри бенавоии хеш.

Кабӯтари мода гуфт:

—Аз ин донаҳо ман нахӯрдаам.

Кабӯтари нар чун донаро камтар медидӣ ба гапи мода бовар намекард ва ӯро мезад, то ки бимурд.

Пас дар фасли зимистон, ки боронҳо борида, осори рутубат ба дару девор зоҳир шуд, дона нам кашида ба ҳоли асл бозомад. Кабӯтари нар донист, ки сабаби нуқсон чӣ будааст.

Пас дар фироқи ёри ғамгусор нолидан оғоз кард ва ба зорӣ мегиристу мегуфт:

— Ҷудоии дӯст сахт аст ва сахттар он ки пушаймонӣ суд нахоҳад дошт.

Ба кори хеш тааммул намой, к-аз таъҷид, Зиён куниву касеро зиён надорад суд!

***аз «Калила ва Димна».***



**Савол ва супоришҳо.**

*1. Ҳикмати порча дар чист?*

*2. Оқибати беандешагӣ ба чӣ ҳол мерасонад?*

*3. Зарбулмасалҳои дар ин мавзӯъ медонистагиатонро нависед.*

# ДАРСИ 27. НОН – НЕЪМАТИ БЕБАҲО

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***истифодаи стратегияи хониш,шарҳ додан, хондани ифоданок, хониши таҳлилӣ.***

***Шунидан ва хониши маводҳо оиди калимаҳои устувор,ибораҳоро бо синоним иваз намуда, матни ҷамъбасти сохтан.***



## *Машқи 49. Матнро хонед.*







Нон аз шумори он муқаддасотест, ки дар ҳама давру замон инсон ба он ниёз дорад. Агар дақиқтар андеша ронем, ҳастии инсонро бе нон тасаввур кардан нашояд. Аз ин рӯ, нон бебаҳотарин сарвати ҳаёти моддии инсон аст ва қадру манзалати он дар радифи сарватҳои муқаддаси маънавӣ қарор дорад.

Агар назаре ба оинаи таърих андозем, дарҳол хоҳем фаҳмид, ки одамони қадим бо шикори ҳайвонот рӯз мегузарониданд. Хӯроки асосии онҳо гӯшт буд. Баъдан онҳо оҳиста-оҳиста киштукори заминро ёд гирифтанд. Нахустин чизи ба замин киштаи онҳо дони гандум буд. Аз ҳамон замон то ин рӯз нон барои инсон неъмати азизу бебаҳо боқӣ мондааст. Қадр кардани нон ҳамчун анъанаи писандида аз як аср ба асри дигар мегузарад. Аз қадим одамон нисбати нон эҳтироми махсус дошта, ҳар резаи нонро ба чашм мемолиданд ва намегузоштанд, ки нон хор шавад.

Нон рамзи бебаҳотарини неъмати дунё, хушбахтиву комронӣ, муҳаббату садоқат, дар чаридаи олам шабеҳи шоҳбайте сабт гаштааст. Дар он ҷое, ки нон аст, адабу фарҳанг ва санъат низ ба мушоҳида мерасад. Нон зиннати дастархон, қуввату дармони мардум аст. Дар тӯли таърих ҳазорҳо нафар одамон ба вазъи гарони зиндагӣ рӯ ба рӯ шуда, «нон»-гӯён ҷон додаанд. Ба ин маънӣ Сайидо гуфтааст:

*Муяссар нашуд дидани рӯйи нон,*
*Басе халқ нон гуфта доданд ҷон.*

Халқи тоҷик анъанаҳои фаровони ҳамидаи миллӣ дорад. Масалан, ба зери бистари кӯдак гузоштани нон, меҳмонро бо нону намак пешвоз гирифтан ва ҳангоми сафар нон дар бар доштан ҳар яке рамзи худро дорад. Хулоса, аввалин чизе, ки ба рӯи хон мегузоранд, нон аст. Оре, нон давлати Худодод ва нерӯи ҷисми инсонист. Бояд зикр намуд, ки муносибати на ҳама одамон бо нон як хел аст, дар ҷомеаи шаҳрвандии мо онҳое, ки нони муфт мехӯранд, ҳеҷ гоҳ ба қадри он намерасанду қимати нонро ҳам намедонанд. Бо мақсади расидан ба қадри нон гузаштагони мо бо зӯри ду бозу нон мехӯрданд. Шоир Мушфиқӣ фармудааст:

*Мудом, эё нури чашмам, Мушфиқӣ, аҳли вафо мебош,*
*Ҳунарро пеша медору ба зӯри хеш мехӯр нон.*

Фаровонии нон ба қобилияти кордонӣ ва талошҳои мунтазами деҳқон вобаста аст. Маҳз бо фидокорӣ ва меҳнатиқарини он аз замин гандум мерӯяд. Одамон гандумро орд карда, нонҳои гарму лазиз мепазанд.

Илова бар ин, ҳамин нуқта мусаллам аст, ки ҳар неъмате, ки инсон ба воситаи меҳнати ҳалол дарёфт мекунад, барояш азиз аст. Саодати рӯзгори мо бо нон марбут аст. Ончунон инсон ба нон ниёз дорад, ки ҳангоми гуруснагӣ бо ганҷи зиёд як пора нон мехарад. Бале, барои шахси гурусна нон мисли ганҷи дунёст:

*Ташнаро як қатра об аз дурри дарё беҳтар аст,*
*Гушнаро як пора нон аз ганҷи дунё беҳтар аст.*

Аз ин рӯ, бузургдошти ин неъмати муқаддас вазифаи ҳар як сокини сайёра мебошад, зеро нон шабеҳи хуршеди олами иҷтимоӣ дилу дидаи моро равшан мекунад.

**Супоришҳо.**

*1. Ба матн боз чӣ гуна ном гузоштан мумкин, фикратонро бо далелҳо исбот кунед.*
*2. Аз матн калид калиаҳоро муайян кунед, бо воситаи онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.*

## *Машқи 50. Матнро хонед ва гӯед, ки моҳияти асосӣ дар кадом ҷумла сарсатр баён шудааст.*

Рӯбоҳе дар бешае ватан сохта буд. Сабоҳе дар талаби тӯъма ҳар тараф мегашт. Мурғи хонагие дид, хост то ӯро сайд кунад. Овози табле ба гӯшаш расид. Нигоҳ кард, ба болои дарахт ҷуссае дид,қавию фарбеҳ. Аз ӯ овози баланд истимоъ намуд. Қуввати томеаи рӯбоҳ дар ҳаракат омада. аз камини мурғ бархосту қасди қавиҷусса карда ҷаст ба сад меҳнат, ба болои дарахт рахти худро кашид. Чун пӯстро бидарид, ҷуз бод чизе надид. Оташи ҳасрат дар дили рӯбоҳ афтод, оби надомат аз дида борида гуфт:

— Дареғ, ба воситаи ин ҷуссан пурбод сайди ҳалоли ман аз даст рафту аз ин сурати бемаънӣ фоидае ба даст наёмад.

*Дуҳул дар фиғон аст доим, вале,*
*Чӣ ҳосил, чу андар миён ҳеҷ нест?*
*Агар доние ҳаст, маънӣ талаб.*
*Ба сурат машав ғарра, к-он ҳеҷ аст.*

Пас ҳоли инсонро аз лисони ӯ бояд донист... Чунон ки гуфтаанд: шиносед мардро аз гуфтор, на аз ҷомаву дастор.

***Самандари Тирмизӣ.***

**Шарҳи луғатҳо:**

***истимоънамудан — шунидан***
***томеа — тамаъкорӣ, ҳирс***
***камин — камингоҳ, шинак***
***рахт — рафтан, равона шудан***

**Супоришҳо.**

*1. Ҳадафи асосии матн дар чист?*
*2. Пешояндҳои матнро аз ҷиҳати сохт ва тобиши маъноӣ шарҳ диҳед.*
*3. "Шиносед мардро аз гуфтор, на аз ҷомаву дастор" ба ин мақоли халқӣ чӣ гуна мисолҳо оварда метавонед, нависед.*



**Пешояндҳои таркибӣ аз пешояндҳои аслӣ ва исму зарфҳое таркиб меёбанд, ки маънии луғавиашонро қариб гум карда, фақат барои тафсили пешоянд хизмат мекунанд.**

**1. Пешояндҳои таркибии изофӣ, ки аз пешоянди аслӣ, исм ва изофат иборат аст: ба тарафи, ба сӯйи, дар рӯйи.дар болои,аз ҷиҳати, аз барои, ба муносибати...**

**2. Пешояндҳои таркибии беизофат, ки аз ду пешоянд иборатанд: доир ба, оид ба, нисбат ба, ғайр аз, пеш аз, то ба...**

## ДАРСИ 28. СЕҲРИ СУХАН

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***Нақл кардани мазмуни матни шунидашуда, ҷудо карда тавонистани исботи ахборҳо.***

***Муайян кардани тафовути сохт ва жанрии хроника, хабар,очерку хуҷҷатҳои ташкилотӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ.***



***Машқи 51. Матни додашударо хонед ва бо кадом услуб навишта шудани онро муайян кунед.***



### *СЕҲРИ СУХАН*



Забон аслиҳаест, ки дар натиҷаи кору таҷрибаи солиёни зиёди суханварон ба дараҷаи камоли имрузӣ расида ва ҳар кореро аз хуб ё бад метавонад анҷом бидиҳад.



Мардум барои ин ки ба сухани касе гӯш диҳанд ва қаноатманд гарданд, бояд ба ӯ эътимод дошта бошанд ва ӯро дуруст ва ростгӯй ва донову самимӣ ва хайрхоҳу меҳрубон бидонанд ва арҷманду гиромӣ бидоранд. Ин масъала далелу бурҳон ва тавзеҳу баён лозим надорад ва шак нест, ки шунавандагон ҳар гумонҳову эҳсосотро дар бораи гӯянда бештар дошта бошанд, сухани ӯ муассиртар ва нофизтар аст. Пас ҳар кас хоҳад, ки дар дунё дар бахши суханварӣ дастболо шавад ё ба мақому мартабае бирасад, бояд чунон зиндагӣ намояд, ки мардум ӯро ба ин сифат бишиносанд. Ба суханвар бояд мардум муҳаббату эҳтиром дошта бошанд, то ки суханаш дар дилҳо нишинад, аз каломаш ба ин ақоид ва эҳсосот дар бораи ӯ бигараванд, вагарна ба суханаш гӯш надиҳанд.

Пас суханвар бояд ростгӯй, беғараз ва хайрхоҳ бошад. Он омили асосие, ки гӯяндаро назди шунаванда мӯътабар мегардонад, сухани маъқулу аз рӯйи фаҳм ва хирад аст, ки бо далелу бурҳон ва аснод собит гардад. Хулқи некӯ писандида, одоби гуфтор, фурутанӣ ва хоксорӣ ба дилҳо роҳ ёфтан аст. Сухангӯйи беадаб, бешарм, дурушту дағал ва зиштгуфтор дилҳоро ранҷа намояд ва хотирҳоро парешон созад.Бахусус, шикастанафсӣ ва фурӯтанӣ хислатҳои хуби суханвар буда, парҳез аз кибру ғурур, худписандӣ ва худситоӣ ба иззати нафси мардум расидан аст.

Бояд гуфт, ки сухангӯйӣ ва суханнависӣ дар мавриди мухталиф яксон наметавонад буд. Забони умури хонавода ё идора, таърихнависӣ, достонсароӣ монанди андарз ва насиҳат дигар асту олами ишқу шурӯ шанг, илму ҳикматро бо рангу равиши дигар бояд баён намуд. Дар ҳақиқат, агар барои ҳар табиату ҳолати суханварӣ дастури мукаммале иншо намоем, ҳадду каноре надорад. Беҳтарин раҳнамо ва дастур дар ин боб гуфтори суханварони номӣ асту василаи ташхис дар ин боб завқу салиқа, лекин бархе аз устодони адаб ва суханварӣ ҳамаи қисмҳои суханро дар се поя ва дараҷа шуморидаанд:

- Сухани сода.
- Сухани ороста ва пероста.
- Сухани бошукӯҳ.

Дар сухани сода ҳеҷ навъ ороиш ва пероише ба кор бурда намешавад. Равонӣ ва фасоҳат лозим аст ва бас монанди номанигорӣ ва гузориши умури оддӣ, ки гӯянда ба ҷузъ огаҳ сохтани шунаванда ҳадафи дигаре дар назар надорад.

***Аз манбаи интернет.***



**Супоришҳо.**

*1. Аз матн пешояндҳои таркибии беизофатро муайян кунед ва шарҳ диҳед.*
*2. Матнро ба қисмҳо ҷудо кунед. Вобаста ба мазмуни қисмҳо сарлавҳа гузоред.*
*3. “ Забон донӣ-ҷаҳон донӣ”, “Забон дар даҳон посбони сар аст” ва дар мавзӯъҳои дигар бо мисолҳои воқеӣ кори эҷодӣ, реферат тайёр намоед ва намоиш ташкил кунед.*
*4. Кори эҷодии намунавӣ дар рӯзномаҳои маҳаллӣ чоп шавад, мувофиқи мақсад мешуд.*



# ФАСЛИ 5. МУСИҚА, САНЪАТ ВА АСБОБҲОИ МУСИҚИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## ДАРСИ 29. ТАЪРИХИ САНЪАТИ МУСИҚӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

*фаҳмонидани мазмуни матни шунидашуда, ҷудо карда тавонистани исботи ахборҳо.*

*Донистани фарқияти сохт ва жанрии хроника, хабар, очерку хуҷҷатҳои ташкилотӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ.*





### *Машқи 52. Матнро хонед ва маънидод кунед.*

Сӯҳбати мову Ҳайрат дар аввали мулоқот монанди дӯстони дерина гарм шуд ва ӯ аз ман шеъри худамро пурсид. Ман ҳам ибо накарда ба ӯ як шеъри худро, ки ҳамон сол ба муносибати сайри гули сурх ва ба сабаби нарафта монданам ба он сайр бо тахаллуси «Айнӣ» навишта будам, нишон додам. Ин ҳамон шеър буд, ки дар вақти эҷод карданам ба Шарифҷон Махдум нишон дода будам ва ӯ вайро бе тасҳеҳ таҳсин намуда, ҳатто дар бораи аз они худи ман будани он шеър шубҳа карда буд.

Ҳайрат он шеърро баъд аз хонда шунавондани ман ба дасти худ гирифта, дубора бо мулоҳизахои дуру дароз хомӯшона мутолиа карда, баъд ба ман бо овози баланд хонда, камбудиҳояшро нишон дода, дубора кор карда баромаданамро маслиҳат дод.

Ман он шеърро ҳамон вақт бо роҳбарии Ҳайрат дуруст карда будам ва дар ин ҷо барои ёдоварии он дӯсти меҳрубонам нақл карданро муносиб дидам.

Ҳайрат ҳам дар он мулоқоти аввалин якчанд ғазали худро аз ёд хонда ба ман шунавонд ва ба муносибатҳое, ки дар рафти сӯҳбат мебаромаданд, қасидаҳои чилбайтӣ ва панҷоҳбайтии устодони гузаштаро бе ҳеҷ даккахӯрӣ ва мулоҳаза аз ёд хонда медод. Аз ин хислаташ маълум мешуд, ки ӯ қувваи ҳофизаи фавқулоддае дорад.

***Садриддин Айнӣ.***

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Оё шумо навиштаи худро аз назари дӯсте мегузаронед? Ин амал ба шумо маъқул аст ё не?*
*2. Дар хусуси мулоқоти аввалинатон бо дӯсти хеле наздик иншое нависед.*
*3. Мулоқот гарм шуд-ро чӣ тавр мефаҳмед?*

### *Машқи 53. Матнро хонед ва маънидод кунед.*



Борбад (тақр. 585 – 589) сароянда, навозанда, мусиқидони форс-тоҷик, асосгузори маҷмӯи силсилавии мусиқии устодонаи форсӣ-тоҷикӣ ва Шарқ. Бо номҳои Борбади Марвазӣ, Борбади Ромишгар, Паҳлапат, Фаҳлбад, Фаҳлбоз ҳам ёд мешавад.Маънои калимаи «Борбад» дар забони паҳлавӣ (форсӣ-тоҷикии миёна) — ба мартабаи бузург ё ба бори бузург расидан аст.

Фаъолияти омӯзишӣ ва ҳунарандӯзиаш асосан дар Марв (Марвиҷаҳон), ки аз бузургтарин марказҳои фарҳангии замони Сосониёнбуд, ҷараён гирифтааст. Мувофиқи ахбори манобеи хаттии арабизабон, форсии тоҷикӣ, арманӣ хонаводаи Борбад тақрибан солҳои 588 – 590 ба ин шаҳр кӯчидааст. Сарвари ромишгарони дарбори шоҳаншоҳи сосонӣ Хусрави Парвиз (592 – 628) Борбад асосҳои амалию назарии шеъру мусиқиро аз падараш, ки мусиқидону фарҳангии шинохтаи замонаш буд, омӯхтааст. Борбад аз овони ҷавонӣ аз донандагони шеъру мусиқӣ овозхонӣ, сознавозӣ ва асосҳои назарии мусиқиро омӯхта, дар асоси «Готҳо», «Яшт», «Ясно» таронаҳои гуногунмавзӯи мавсимию маросимӣ эҷод менамояд. Дар шаклу анвои шеърию мусиқӣ «транак» (tranak – тарона), «чикамак» (chikamak – чакома), «срут» (srut – суруд), «патвожа» (patwajak) ва ғ. асарҳо меофарад ва чун сароянда, навозанда ва шоири боистеъдод ба камол мерасад. Асари силсилавии мусиқии Б.Хусравонӣ, ки дар манобеи адабию таърихӣ ва мусиқӣ бо номҳои «Дастони Хусравонӣ», «Роҳи Хусравонӣ» ва дар арабӣ бо унвони «Тариқат-ал-мулукия» машҳур аст, бинобар тавзеҳу тавсифи мусиқидонон аз аввалин маҷмӯи мӯҳташами устодонаи созию овозӣ дар таърихи тамаддуни мусиқии мардуми эронӣ

ва умуман Шарқ мебошад. Ин асар маҷмӯи ситоишии ҳамосию таърихӣ буда, ба шоҳаншоҳи сосонӣ Хусрави Парвиз (590 – 628) бахшида шудааст.

Борбад инчунин силсилаи дигари мусиқиро бо номи «Сраишник» – Srayishnik сохтааст, ки дар сурудҳои он табиат, сиришту тақдири инсон, корнамоии паҳлавонон ва ғ. ситоиш гардидаанд. Дар манобеи хаттӣ ин силсила бо номи «Сарвад Ҳунавак» (сурудҳои хушоҳанг, замзамаи сохту таркибан ситоишӣ бештар ёд шуда, дар ташаккули маҷмӯи мусиқии тавсифии минбаъда нақши муассир доштааст. Борбад дар дарбори шоҳаншоҳони сосонӣ ба мартабаи «сарвар», «шоҳи ромишгарон» мерасад.

Фаъолияти эҷодии Борбад дар дарбор дар ҳамкорӣ бо мусиқидонон, ҳунарвароне чун Накисо, Саркаб, Бомшод, Ромтин, Озодвори Чангӣ, Гесӯи Навогар рангину пурбор гузашта, маҷмӯи зиёди суруду оҳангҳои маросимию мавсимӣ эҷод менамояд. Дар адабиёти илмии мусиқии форсии тоҷикӣ ва арабизабон (Форобӣ, Котибии Хоразмӣ, Ибни Зайла, Насируддини Тусӣ ва дигарон) намунаи барҷастаи таснифоти устодонаи мусиқиро дар мисоли маҷмӯаи силсилаи Борбад «Тариқат-ул-қадимия», «Тариқат-ал-фаҳлизия», «Форсиёт», «Форсивонсуруд» натиҷагирӣ кардаанд. Оид ба зиндагӣ ва эҷодиёти Борбад дар манобеи хаттии тоисломӣ, давраи исломии асрҳои миёна тавсифоти зиёд зикр ёфта, аз шӯҳрат ва маҳорати эҷодию иҷроиаш бисёр сухан меравад. Ӯро муаллифи 30 лаҳн, 365 оҳангу тарона, 7 достони «Хусравонӣ», бунёдгузори сабки «Марвисраишних» (марвихонӣ), муассису танзимгари «тақвими мусиқӣ» дар тамаддуни мусиқии мардуми Шарқи Миёнаю Наздик, тадвингари аввалин мактаб, равияи устодонаи иҷроӣ ва ғ. донистаанд.

***Аз манбаи интернет.***

**Супоришҳо.**

*1. Матнро дар гурӯҳҳо бо диққат хонед ва муҳокима намоед.*

*2. Аз манбаъҳои интернет дар бораи мусиқанавозони тоҷик маълумот ҷамъ оварда реферат тайёр намоед.*

*3. Аз матн пешояндҳоро ёфта, тобиши маъноии онҳоро гӯед.*

**Дар забони тоҷикӣ ду пасоянди аслӣ – ро ва барин вуҷуд дорад, ки ҳар ду маънои мустақили луғавӣ надоранд. Пасоянди –ро шахсу ашё ва ҳодисаи муайян ва ягонаро нишон медиҳад.**

**Пасоянди қати, кати бештар дар гуфтугӯ истеъмол мешавад ва ҳамчун пешоянди бо барои ифодаи тобиши ҳамроҳи ва воситаи иҷро хизмат мекувнад: Ман бародарам қати омадам. Ҳезумро табар кати кафондам.**

# ДАРСИ 30. НАМОЯНДАГОНИ БАРҶАСТАИ САНЪАТИ МУСИҚӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***ахбори матнӣ ва графикӣ ( диаграмма, нақша, сурат нишонаҳои шартӣ) шарҳ додан.***

***Санҷиш ва истифодаи калимаҳои дохили матн вобаста ба мавзӯъ, ивазкунии онҳо бо синоним, санҷиши лексикӣ, таҳрир.***

***Машқи 54. Матни додашударо бо диққат хонед ва муҳокима намоед.***



Зиёдулло Шаҳидӣ аз ҷумлаи шинохтатарин чеҳраҳои ҳунарии тоҷик аст, ки дар Самарқанди бостонӣ дар хонаводаи ҳунарпеша, мутриби шинохтаву варзида Муқаддасхон дида ба олам кушодааст.

Зиёдулло Шаҳидӣ соли 1939 ба Сталинобод (ҳоло — Душанбе ) омадааст ва ба ҳайати роҳбари ансамбли тарона ва рақси Филармонияи давлатии тоҷик (1939—1952) кор кардааст. Ӯ аз композиторони барҷастаи рус Александр Степанович Ленский ва Сергей Баласанян дарси композитсия омӯхтааст (1943—1946). Студияи миллии дусолаи назди Консерваторияи Москва (1949) ва шӯъбаи миллии Консерваторияи мазкурро хатм кардааст. Зиёдулло Шаҳидӣ ба омӯзиши касбу ҳунар худро маъмур ҳисобид ва тадриҷан пеши хунёгарони номии Иттиҳоди Шӯравӣ дарси ҳунару маҳорат омӯхт.

Соли 1957 баъди хатми Консерваторияи ба номи Чайковскийи шаҳри Москва аввалин барномаи консертии худро доир кардааст, ки аз ҷониби мухлисони созу наво хуш пазируфта шудааст.

Аз нимаи дуюми солҳои 60-ум Зиёдулло Шаҳидӣ бештар ба жанри симфонӣ мароқ зоҳир менамояд.

Бояд зикр намуд, ки охири солҳои 60-ум □70-ум бисёр композиторони тоҷик ба Шашмақом рӯ меоварданд. Новобаста аз он, ки дар ибтидо ӯ касбияти мусиқии суннатии тоҷик, аз ҷумла Шашмақомро эътироф накард. Ҷамъбасти мубоҳиса доир ба масъалаҳои инкишофи мусиқии тоҷик, баъдтар ӯ муносибати хешро нисбат ба ин шоҳасар тағйир медиҳад ва дар ҷодаи мақоми симфонӣ достони «Бузрук» ва «Симфонияи мақомҳо»-ро меофарад. Асари «Симфонияи мақомҳо» дар съезди VI Иттифоқи композиторон ва симпозиуми байналмилалии мусиқишиносон бахшида ба мақомот (Самарқанд, 1983) садо дод ва дорои тақризҳои хеле хуб гашт.

Охири солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-ум марҳилаи пуравҷи фаъолияти эҷодии композитор мебошад. Ӯ асарҳои калонҳаҷми достони симфонии «Ба хотираи М. Турсунзода эҷод мекунад.

Зиёдулло Шаҳидӣ дар корҳои раёсати Иттифоқи композиторон ҳам фаъол буда, солҳои 1956—1960 ба ҳайати раиси Иттифоқи композиторон кор кардааст.

*“ Аз википедия”.*



**Супоришҳо.**

*1. Шумо дар бораи боз кадом композиторони халқи тоҷик маълумотҳо медонед.*

*2. Оё шуморо ягон намуди санъати мусиқа шавқманд карда метавонад? Дар бораи намудҳои саъати мусиқӣ фикратонро баён кунед.*

*3. Аҳамияти мусиқӣ ва сурудро дар ҳаёти инсон бо далелҳо шарҳ диҳед.*

*4. Ҳамкорӣ: ҳаёт бо суруд ва ҳаёт бе суруд аз рӯйи ин ҳолатҳо бо стратегияи “Ҷадвали Т” сутунҳоро пур кунед.*

**Ҳаёт бо суруд ва ҳаёт бе суруд**

| ***Беҳбудӣ*** | ***Камбудӣ*** |
|---|---|
| | |

# ДАРСИ 31. ЭСТРАДАИ ТОҶИК

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***ба саволҳои муаммовӣ аз сарчашмаҳо мисол оварда, ҷавоби дуруст додан, муқоисаи ҷавобҳои гуногун, шарҳ додани онҳо.***

***Шунавоӣ ва хониши маводҳо оиди калимаҳои устувор ва ибораҳоро бо синоним иваз намуда, матни ҷамъбастӣ сохтан.***



***Машқи 55.Матн оиди овозхон, мутриб, оҳангсоз ва ҳунарпешаи шоистаи халқи тоҷик Ҷурабек Муродовро бо диққат хонда, фикратонро баён кунед.***



Ҷӯрабек Муродов - овозхон, мутриб ва оҳангсози тоҷик. Ҳунарпешаи шоистаи ҶШС Тоҷикистон, 1967 ҳунарпешаи халқии ҶШС Тоҷикистон 1974, ҳунарпешаи халқии СССР соли 1979 мебошад.

Ҷӯрабек Муродов 24 декабри соли 1942 дар деҳаи Куруд, ноҳияи Айнӣ ба дунё омадааст. Солҳои 1962—1963 баъд аз хатми Донишкадаи педагогии Ленинобод дар ҳайси ассистенти кафедраи педагогика ва методикаи синфҳои ибтидоӣ кор кардааст.. Солҳои 1963—1992 — ҳофиз, роҳбари дастаи бадеӣ, роҳбари бадеии Филармонияи давлатии Тоҷикистон буд. Аз соли 1992— ҳофизи Театри давлатии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи К. Хуҷандӣ, сипас роҳбари бадеии ансамбли Шашмақоми назди Кумитаи давлатии телевизион ва радиои Тоҷикистон, профессори Академияи мусиқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Факултети санъати ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров (аз соли 1994) мебошад.Аз соли 2006 — ба ҳайси ҳофизи Театри давлатии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи К. Хуҷандӣ кор карда истодааст.

Падари Ҷурабек Муродов — Ғолибеков Муродбек (тав. 1904). Модар — Фатҳулоева Бибиоиша (тав. 1900). Ҳамсар — Исмоилова Мушарафа Абдуғафаровна.. Фарзандон: писари калонӣ Фирдавсбек Ҷурабекович, Хусравбек Ҷурабек,, Парвизбек Ҷурабекович, Ҷонибек Ҷурабекович мебошанд.

Ҷӯрабек Мурод солҳои 70-80-уми асри пушти саршуда як силсила мақолаҳои илмӣ таълиф намудааст, ки дар роҳи омӯзиши мусиқии суннатӣ бебаҳоянд. Махсусан, мақолаҳои ӯ — «Умри ҷовидонаи санъаткор» (роҷеъ ба ҳофиз, бастакор ва машшоқи забардасти халқи тоҷик Ҳоҷӣ Абдулазиз (Ҳоҷӣ Абдулазиз Расулов), «Ба рағми булбулон» (ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди Домулло Ҳалим), «Ҳофизи мумтози халқ» (оид ба асолати навозандагию сароянлагии устоди мумтози мусиқии халқию классикии тоҷик Бобоқул Файзуллоев), «Ҳунарвари бузург» (роҷеъ ба Борбади Марвазӣ) ва ғайраро метавон зикр намуд, ки барои бедор намудани завқи мусиқишиносии хонанда арзиши баландро соҳибанд. Ҷӯрабек Мурод сарояндаи ҷӯянда ва нисбат ба касби худ серталаб аст. Ӯ пайваста санъати мусиқии гузаштаю имрӯзаи миллатамонро бо як ҳисси шавқмандӣ меомӯзад. Махсусан намунаи овозҳои ҳофизони халқӣ ва ҳирфаии тоҷик Ҳоҷӣ Абдулазиз, Содирхон, Домулло Ҳалим, устод Шодӣ, Акашариф Ҷӯраев, Бобоқул Файзуллоев, ки ба қарта сабт шудаанд, ҷамъ намуда, унсурҳои бо худ хос ва характерноки вокализми халқӣ-профессионалии тоҷикро ба комёбиҳои навинаш пайваста меомӯзад. Ин аст яке аз чашмгиртарин асрори шӯҳратёри ӯ дар ҷодаи санъат.

Ҷӯрабек Мурод ба маънои пурраи сухан эҷодкори ҳақиқии санъат мебошад. Зеро ин абармарди дунёи санъат дар иҷрои ҳар як суруди нав тарафҳои тоза ба тозаи истеъдоди худро ба мухлисон зоҳир мекунад. Пешравии ӯро ҳатто аз суруд то суруд ва аз оҳанг то оҳанг метавон мушоҳида намуд. Дуди чароғ хӯрдану дандон болои ҷигар гузоштан ва зулмотро ба субҳ бадал намудан гувоҳи умри 50-солаи санъаткории ӯст. Маҳз ҳамин сӯхтанҳову сохтанҳои устод дар роҳи эҳёи санъати мусиқӣ ва овозхонии аҷдодонамон боис гардид, ки номи муборакаш вирди забонҳову сабти китобу қомусҳои зиёде гардад.

Аз ҷумла, соли 1998 ҷилди якуми китоби бисёрҷилдаи тарҷумаиҳолӣ дар Москва таҳти унвони «Дар тамаддуни имрӯза, кӣ кӣ аст?» аз чоп баромад. Китоби мавриди назар фарогири 3 боб буда, қисматҳои «Инсони асри XX», «200 нафар арбоби барҷастаи имрӯз» ва «Хазинаи тиллоӣ»-ро дар бар мегирад. Боиси ифтихори бузург ва сарбаландии мо тоҷикон аст, ки дар байни 200 нафар шахсиятҳои барҷастаи ҷаҳон, аз қабили санъаткорони бузург Людмила Зикина, Иосиф Кобзон, Алла Пугачёва, Филипп Киркоров, Валерий Леонтев, Лариса Долина ҳунарманди маҳбуби мо, устод Ҷӯрабек Мурод низ ҷой гирифтааст.

***Аз манбаъҳои интернет.***

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Оё шумо дар бораи ҳофизи халқӣ Ҷурабек Муродов шунидаед.*

*2. Аз манбаъҳои интернет сурӯди “Нонреза”-и Ҷурабек Муродовро ёфта, шунавед.*

*3. Ин суруд дар шумо чӣ гуна тасаввурот пайдо намуд, хаттӣ баён кунед.*

*4. Чаро одамон нонро қадр мекунанд?*

***Машқи 56. Аз рӯйи расм бо воситаи пайвандаки ҳам ҷумлаҳо тартиб диҳед. Бо воситаи калимаҳои такрор ва ба ҷойи пайвандаки ҳам пайвандаки барин-ро истифода бурда ҷумлаҳо созед ва онҳоро шарҳ диҳед.***



## ДАРСИ 32. АСБОБҲОИ МУСИҚИИ МИЛЛИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***диалог оиди мавзӯъҳои иҷтимоӣ - ҷамъиятӣ, таълимӣ, монолог, полилог (интервю, баҳсу мунозара, навигарӣ, суруд, эҷодиёти адабӣ-бадеӣ), шарҳи масъалаҳои гузошташуда.***

***Муайян кардани тафовути сохт ва таркиби матн.***

***Машқи 57. Матнро хонед. Мазмуни онрот баён намоед.***



Созҳои мусиқии мардуми тоҷик таърихи бою рангин ва қадима дошта, сарчашмаи пайдоиши баъзеи онҳо ҳатто аз ҳазорсолаҳои пеш аз милод об мехӯрад.Мусиқии мардуми тоҷик аз замонҳои хело қадим ба ду гурӯҳи асосӣ – базмӣ ва рамзӣ ҷудо гардида, вобаста ба ин созҳои мусиқӣ низ, аз рӯи хусусияти садодиҳиашон ба ин ду гурӯҳ тақсим мешуданд.

Дар маъхазҳои хаттии давраи Сосониён аз қабили «Фарҳанги паҳлавик», «Корномаи Ардашери

Бобакон», «Пандномаи Зарирон», «Андарзи Хусрави Қубодон» ва ғайра дар бораи созҳои гуногуни мусиқӣ маълумот дода шудааст. Дар замони давлатдории Сосониён барои гузаронидани базмҳои тоҷгузорӣ,нишастҳои шоҳона ва дигар маросимҳо созҳои мусиқии овозашон маҳину форам ба монанди руд, даҳруд, рубоб, вочик (сози мусиқии монанд ба рубоб, ки чор тор дошт), думбак, таблак, чағона, сато, най, мӯҳра, даҳамдам, меҳрак ва ғайра истифода мешуданд...

**Супоришҳо.**

*1. Вобаста ба мазмуни матн мавзӯи мувофиқ интихоб намоед.*
*2. Шумо кадом асбобҳои мустқиро навохта метавонед?*
*3. Ҷумлаҳои сархати аввалро навишта,*
*онҳоро таҳлили синтаксисӣ кунед.*

***Машқи 58. Матнро хонед ва мазмунашро нақл намоед.***

## *КАСБИ МАН*

*Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,*
*Сад айб ба як ҳунар накӯшӣ.*
*Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст.*
*Дар дидаи мардумон азиз аст.*

Оре, ҳар як инсон бояд дар зиндагӣ ҳамеша бар он чаҳд намояд, ки соҳибаклу соҳибхирад ба воя бирасад. Байни дӯстону наздикон обрӯю эътибор ва манзалату қимат дошта бошад. Муҳити иҳотакарда ӯро пазируфта эҳтиромашро ба ҷо оранд. Лекин ин нишонаҳои бузург барои инсон ба осонӣ муяссар намешаванд. Барои ба даст овардани обрӯ машаққати зиёд лозим меояд. Барои соҳибкасб гаштан бисёр мебояд омӯхт. Барои ифтихорманд гаштан худ бояд кони ақлу заковат ва мардонагиву далерӣ буд. Соҳибақл бояд буд, то пешаи дурустеро интихоб намуда, тавассути меҳнати бузург обрӯ пойдор кард. Шахсияти баркамол ва озодфикр ҳанӯз аз овони хурдӣ дар худ фикри интихоби пешаи асосиро мепарварад. Ин ақидаи бузург ҳар инсонро аз аввал бояд дар дилаш бедор гардад. Зеро равшании ҳар як рӯз аз оғози саҳари он маълум мегардад. Интихоби касб низ пешаи худододист, ки табиатан дар дили кас пайдо мегардад.

*Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,*
*Меҳри онро дар дилаш андохтанд.*

Интихоби касб бояд дар кас бо як фикри дурандешонаву ҷиддӣ ва таҳаммулпазир пайдо гардад, зеро барои омӯхтану соҳибкасб гаштан машаққатҳои зиёд пеш меоянд. Барои омӯхтани касб ҳамаи он машаққату азиятҳоро пурбардор будан лозим аст. Шахсони сабуксору бетааммул наметавонанд соҳибкасб гарданд. Сабуксарон дар интихоби касб сахт азият мекашанд, зеро ба машаққату заҳмати зиёд тобовар бошанд. Ин аст, ки дар ҳаёт на ҳар кас соҳибкасб буда метавонад. Аммо шахсияти пурбардор ва барнодил ба ҳеҷ гуна душворӣ нигоҳ накарда, ҳунар меомӯзад ва пешаи худро интихоб карда, ҳар лаҳзаи ҳаёташро баҳри касби пуршарафи худ дареғ надошта меҳнат мекунад. Мегӯянд, ки меҳнат одамро аз се хокистари бузург мераҳонад: дармондагӣ, фисқ ва эҳтиёҷ».

Агар кас пешаи дуруст интихоб карда меҳнат намояд. Пас ӯ ҳамеша ҳама гуна дарду ранҷро низ аз сари худ дур карда метавонад. Илова бар ин пешаи дурусту пурмаҳсул ва ҳунари воло чун давлати поянда ва чашмаи афзоянда ба кас танҳо ва танҳо давлат, хушбахтӣ ва ободиву нур меорад. Албатта. ҳунарвар ва соҳибкасб ҳамеша соҳибиззат аст, зеро заҳмати бепоёнаш ҳамеша ба хонадонаш сарбаландӣ меорад. Сарбаландии ҳар як қавм натиҷаи меҳнату машаққати худи ӯст. Ифтихори ҳар як соҳибкасб мояи ранҷи пурмаҳсули ӯст, ки осон ба даст наомадааст. Баҳри ҳар як ободӣ ва бурдбории зиёд меҳнати ҳалол мебояд.



**Супоришҳо.**

*1. Аз матн ҳиссаҳои номустақили нутқро муайян кунед.*

*2. Ба ҳиссаҳои номустақил таъриф диҳед.*



**Пайвандакҳо ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ буда, барои алоқаи байни калимаҳо, қисмҳои ҷумлаҳои мураккаб хидмат мекунанд.**

**Пайвандакҳо тағйир намеёбанд ва аъзои ҷумла шуда наметавонанд. Онҳо ҷун пешояндҳо муносибатҳои гуногуни маъноиро ифода мекунанд.**

**Пайвандакҳо аз рӯйи вазифа ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: пайвасткунанда ва тобеъкунанда.**

**Машқи 59. Ба ҷойи нуқтаҳо ҳиссаҳои ёридиҳанда гузошта, ҷумлаҳоро пурра намоед.**

*Намуна: Ангурзорҳо хонандагони синфҳои 7"А"ва синфҳои 7"Б" парвариш мекунанд.*

1. Ангурзорҳо хонандагони синфҳои 7"А"... синфҳои 7"Б" парвариш мекунанд.
2. ... борон меборад,. .. осмон мусаффо мешавад.
3. То ин майдон. .. гандум,. .. пахта мепошанд.
4. ... мехонем,. .. кор мекунем,. .. дар вақташ истироҳат мекунем.
5. ... офтоб мебарояд,. .. ҳаво гарм мешавад.

( ва, гоҳ, гоҳе, ҳам, ё,. ..ё, баъзан,... баъзан.)

## ДАРСИ 33. МАЪЛУМОТ ОИДИ АСБОБҲОИ МИЛЛӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***услуби матнҳои адабиёти бадеӣ ва ғояҳои публисистии монанд, сохт, фарқияти забониро ҳангоми таҳлил аниқ намудан.***

***Эзоҳ додан ба фикри муаллиф ва баёни фикри шахсӣ.***



**Машқи 60. Матнро хонед.кор дар гурӯҳҳо. Ҳар дуи матни додашударо хонда, ба мазмунаш аҳамият диҳед ва мулоҳизаҳои худро нисбати боз дигар асбобҳои мусиқӣ баён намоед.**

### ТАНБӮР



Танбӯр- (аз юнонӣ-«танбӯра», «тан»-яъне «дил» ва «бӯра»-яъне «хароши-дан»), – сози миллии мусиқии тоҷикон, ки торӣ мебошад. Аз чӯби зардолу, тут-ва ғ. сохта мешавад. Танбӯр, сози қадимии тоҷикист, ки бо нохунаки филиззӣ навохта мешавад.. Косаи он низ мурутшакл буда, дастаи дароз дорад. Косаи танбӯрро аз чӯби тут, зардолу ва ғ. сохта, бо тахтачаи тунук рӯбаст мекунанд. Сарпӯши косаашро бештар аз чӯби чормағз метарошанд. Барои

мавҷнокии овоз чанд ҷои сарпӯшро сӯрох мекунанд. Миқдори пардаҳояш 16-19-то буда, бо риштапай (аз рӯдаи ҳайвонот тайёр мекунанд) баста шудааст.

Танбӯрҳои давраи қадим (асрҳои 2-то милод ва 1милод) ду тор дошта, бо камонча навохта мешудаанд. Баъдтар дар замони Сосониён (асрҳои 3-7) танбӯр такмил ёфт ва яке аз созҳои маъмулу машҳӯри он замон гардид. Торҳои онро аз рӯдаи ҳайвонот ва баъзан аз абрешим тайёр мекарданд. Муаллифони бештари маъхазҳо садои танбӯрро мушобеҳи сози машҳӯри қадима барбат медонанд. Вале тафовути танбӯр аз барбат дар он будааст, ки танбӯр косаи хурду дастаи дароз доштааст. Дар асрҳои минбаъда (асрҳои 8-10) танбӯри хуросони дар сарзамини Осиёи Миёна ва Хуросон такмил ёфта, ба он тори сеюм илова гардид ва аз созҳои машҳӯри мақомнавозӣ ба шумор мерафт. Дар асоси маълумоти маъхазҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки танбӯр созӣ қадимии халқҳои форсу тоҷик буда, дар даврони бостон мисли дигар созҳои мусиқи дар Осиёи Миёна ва Осиёӣ пеш ба вуҷуд омада, сипас ба кишварҳои Юнону Рум паҳн гардидааст. Танбӯр дар тӯли бо тағйироти ҷузъи то замони мо дар шакли сетораи дастадароз, ки косаи кӯчаки мурудшакл дорад омада расидааст.

Дар нимаи дуюми асри 20 танбӯр такмил ёфта, ба он тори чорум илова гардид. Ин шакли танбӯр дар партитура овозҳои регистри миёна ва пастро дар бар мегирад. Нотааш дар калиди скрипка сабт шуда аз навишташ як октава паст нишон медиҳад. Торҳои танбӯр биринҷӣ буда, бо фосилаи кварта ҷӯр мешаванд: тори якуми ля-и октаваи хурд, тори ми-и октаваи хурд, тори сеюму чорум ля-и октаваи хурд. Яъни, се тори охир вазифаи ҳамоҳангии зеровозҳои лаҳниро иҷро мекунанд. Ҳаҷми садодиҳии танбӯри такмилёфта (чортора) аз нотаи ми-и октаваи хурд то ре (ми)-и октаваи сеюмро дар бар мегирад ва аз 30 пардаи филлизӣ иборат аст. Пардаҳо дар даста насб шудаанд. Ин танбӯр техникӣ буда, барои хонандагони навомӯз қулай мебошад.

Вале танбӯри халқӣ, бо тембру форами садояш аз танбӯри такмилёфта бартарӣ дорад.

## *ДУТОР*

Дутор, сози мусиқии халқи Осиёи Миёнааст. Дар байни халқҳои Осиёи Марказӣва Туркистон Шарқӣ маъмул аст. Он аз аҳди қадим чун сози якканавозӣ ва ҷӯршаванда истифода мешавад. Маълумоти нахустинро оид ба сохт, тартиб, парда ва диг. хусусиятҳои дутор мусиқидони машҳур Зайнулобидин Ҳусайнӣ дар рисолаи мусиқиаш «Қонуни илмӣ ва амалии

мусиқӣ» (фасли «Дар баёни дутор») сареҳан овардааст. Мувофиқи китоби ӯ дутор дар мусиқии а. 15 мақоми хос дошта, дуториёни машҳури давраш Юсуф Мавлуди Дуторӣ, Хоҷа Исҳоқи Дуторӣ, Хоҷа Муҳаммади Дуторӣ ва диг. дар санъати дуторнавозӣ назир надоштаанд.

Дутори замони пеш аз дутори имрӯза андаке фарқ дошта: пардаҳояш камтар (аз 10 зиёд набуданд), косааш бузургтар, дастааш кӯтоҳтари мушобеҳ ба сози барбат, торҳояш абрешимӣ ё филиззӣ буданд, бомизроб (захма) навохта мешуд. Ҳоло миқдори пардаи дутор 12 ва аз он бештар буда, ҳамчун сози дӯстдоштаи мардуми ӯзбек, тоҷик, афғон, эрон туркман, қорақалпоқ, уйғур ва диг. шӯҳрат дорад. Дутор аслан аз чӯби тут ва зардолу сохта мешавад. Гоҳо аз чӯби дарахти чормағз истифода мекунанд. Тарзу тариқи сохтани дутор аз дигар созҳои мусиқӣ фарқ дорад; косаи дуторро (аксар аз чӯби зардолу) аз тахтачаҳои тунуки нимдоираи ба ҳам ширеш месозанд, ки шакли мурӯдро дорад. Роғҳои байни тахтачаҳоро бо қабурға (тахтачаи тунук) ё дигар маводи наҷҷорӣ рӯйпӯш мекунанд. Гоҳо қисмати берунии косаи дуторро кандакорӣ ё наққошӣ менамоянд. Гарданаи коса нӯги тамоми тахтачаҳоро ҳалқасон нигоҳ медорад, ки аксар хотамкорӣ ва садафкорӣ мешавад. Рӯйи коса бо тахтаи тунуки аз чӯби тут тарошидашуда рӯйпӯш мегардад. Ба гарданаи коса дастаи суфтаи тарафи рӯяш ҳамвор, ки дар қисми болоӣ барои гӯшакҳо сӯрох ва барои нигоҳ доштани торҳо булбулак дорад, часпонида мешавад. Дастаро баъзеҳо устухонбандиву садафкорӣ намуда, бо пулакчаҳои ҷилодор оро медиҳанд. Дутор бо зеҳ пардабандӣ мешавад. Дутор чун сози якканавозӣ ва ансамблӣ садои мулоиму форам дошта, тембраш нафису ширадор аст. Ба кварта, квинта ва унисон ҷӯр мешавад.

Солҳои охир дутор таъмир шуда, дутори тенор ном гирифт. Ин навъи дутор бо кварта ҷӯр шуда, тори якумаш «ре»-и октаваи якум ва тори дуюм «ля»-и октаваи хурдро дар бар мегирад. Нотаи он дар калиди скрипка сабт шуда, аз навишташ як октава паст садо медиҳад. Диапазонаш аз «ля»-и октаваи хурд то «ре»-и октаваи сеюмро фаро мегирад. Дутор маҳорати баланди навозандагиро талаб намуда, бо нохуни нарангушт ва ангушти ишорат (дар ҳар ду тор баробар) навохта мешавад. Дар байни халқ «Муноҷот», «Сувора», «Ҷигарпора», «Дилхироҷ», «Танавор», «Роҳат», «Қӯшчинор», «Сегоҳ», «Чоргоҳ» барин навоҳои дутор машҳуранд. Баъзан бо садои дутор қисмҳои созиву овозии «Шашмақом» низ хуб иҷро мешаванд.

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Боз кадом асбобҳои мусиқии миллиро медонед?*
*2. Кадом намудҳои дуторро медонед?*
*3. Барои сохтани дутор аз кадом намуди дарахтҳо истифода мебаранд?*
*4. Мафҳуми “диапазон”-ро маънидод кунед.*

## ДАРСИ 34. АЗ МЕҲНАТ ЁБЕД РОҲАТ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***мазмуни порчаҳои матнро шунида истода пешгӯйи кардани инкишофи воқеа ва хотимаи он.***
***Тартиб додани нақшаи мураккаб, бо навиштани матнҳои гуногунжанр.***

***Машқи 61. Матнро хонед. Мазмуни ҳикояро нақл кунед, сипас мухтасар нависед.***

### *ДАВЛАТ ЧИСТ?*

Як марди бадавлат буд. Се писар дошт ӯ. Рӯзе нисбати ин хонадон байни ду ҳамсояи ӯ гуфтугӯ ба амал омад:

— Ҳамсоя, мо ҳам мисли ҳамин ҳамсояамон заҳмат мекашем, кор мекунем, ҳамеша дар тараддуд, вале сабаб чӣ бошад, ки ӯ бадавлат асту мо не?

— Инро аз худи давлат пурсидан лозим, — гуфт ҳамсоя. Ҳамсояҳо давлатро пеши худ хонданду ба ӯ гуфтанд:

— Сабаб чист, ки ту ба ин ҳамсояи мо ёр ҳастию ба мо не? Давлат гуфт:

— Шумо мехоҳед инро донед? — Ҳа мехоҳем, — гуфтанд ҳамсояҳо.

— Ин тавр бошад, ман аз хонадони ӯ рафтанӣ мешавам, бинед чӣ мешавад.

Баъди ин давлат ба бой гуфт, ки мехоҳад хонадони ӯро тарк бикунад.

Бой ба ҳар се писараш алоҳида-алоҳида маслиҳат карданӣ шуда, аввал аз писари калонӣ пурсид:

— Писарам, давлат аз хонадони мо меравам мегӯяд, ту ба ин чӣ мегӯӣ?

— Рафтанӣ бошад равад, ба мо давлат не, тифоқӣ даркор, — гуфт писари калонӣ.

Баъди ин бой аз писари миёна пурсид. Писари миёна ҳам гапи писари калониро гуфт. Баъд бой аз писари хурдӣ пурсид:

— Писарам, давлат аз хонадони мо меравам мегӯяд, ту ба ин чӣ мегӯӣ? — Давлат равад, раваду тифоқӣ наравад, моён тифоқ зиндагӣ кунем, давлат ҳеҷ ҷо намеравад, — гуфт писари хурдӣ.

Баъди ин падараш ба пеши давлат рафту ҷавоби писаронашро гуфта дод. Давлат гуфт:

— Ҷои ман хонадонест, ки он ҷо тифоқӣ бошад. Ҳамсояҳо ин гапро шунида гуфтанд

Давлат ин тифоқӣ, дустӣ, ҳамдилӣ будааст.

**Супоришҳо.**

*1. Дар зери мафҳуми давлат шумо чиро мефаҳмед?*
*2. Калимаҳои тифоқӣ, дустӣ, ҳамдилӣ кадом ҳиссаи нутқ аст?*
*3. Мазмуни матнро дар гурӯҳҳо таҳлил карда, якчанд саволҳои муаммовӣ созед.*
*4. "Дӯстон аз дӯстӣ ёбанд бахт, душманӣ орад ба одам рӯзи сахт"- мисраи зеринро маънидод намоед.*

**Пайвандакҳои пайвасткунанда ва, -у,-ю, аммо, вале, лекин, балки, ҳарчанд, ё, ёки, ё...ё, аъзоҳои чида, ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ҷумлаҳои алоҳидаро бо ҳам мепайванданд.**

**Пайвандакҳои тобеъкунанда ки, чунки, зеро, зеро ки, агар, вақте ки, барои он ки, бо нияти он ки ҷумлаҳои содаи дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъбударо ба ҳам алоқаманд месозанд, ки яке асосӣ, дигаре тобеъ аст.**

### *Машқи 62. Матнро хонед ва фикри худро баён кунед. Дар гурӯҳҳо муҳокима намоед.*

Чӣ бояд кард, ки матнҳои хондашуда фаромӯш нагардад

Хондан — ин яке аз усули беҳтарини омӯзиш, ҳамту форам гузаронидани вақт аст. Албатта, наҳама хонданро дӯст медоранд, аммо қисми зиёди одамон бе маҷбурӣ мехонанд. Бо туфайли хондан мо тамоми

маълумотҳои заруриро ба даст меорем. Симову садо ҳар қадар кӯшиш кунанд ҳам, наметавонанд пурра маълумот пешкаш намоянд. Барои бисёриҳо душвории хондан дар он аст, ки матнҳои хондаашонро дар ёд нигоҳ дошта наметавонанд. Барои ҳама маълум, ки тез хондан лозим аст, вале чӣ тавр ҳамаи онро дар хотир нигоҳ дошт? Биёед мебинем, ки рӯҳшиносони касбӣ ва ҳамту дӯстдорони хониш, ки хондаҳояшонро нағз дар хотир мегиранд, чӣ маслиҳат медиҳанд.

1. Баъзе мутахасисон маслиҳат медиҳанд, ки он чизеро, ки мехонед, ҳатман ба дигарон нақл кунед.

2. Ҳангоми хондан зери лаб гап задан ё ин ки хаёлан он чизеро, ки айни ҳол хондед, талаффуз кардан лозим нест. Ҳамаи ин дар хотир нигоҳдории матни хондаатонро суст мегардонд, ба парешоншавии диққат мусоид мекунад, системаи асаб ва чашмро монда месозад.

3. Хондаатонро қайд намоед. Агар адабиёти бадеӣ хонда истода бошед, ин корро накунед, чунки он бе ин ҳам дар хотир мемонад. Вале агар сухан дар бораи корҳои илмӣ техникӣ равад, он гоҳқайд ҳатмист. Баъзе лаҳзаҳои мураккабро қайд намуда шумо фикрҳои муаллифро барои худ осон мегардонед.

4. Хондани он чизеро, ки барои шумо ҳар чӣ бештар зарур аст, пагоҳӣ хонед, чунки дар ин вақт майнаи сар беҳтар кор мекунад. Пеш аз хоб хондан лозим нест — чунин хониш дар хотир нигоҳдориро бад мегардонад. Ғайр аз ин хобатон ҳам вайрон мешавад. Вале бояд гуфт, ки баъзе одамон шабона беҳтар фикрронӣ мекунанд, аз ин рӯ шабона маслиҳати моро мувофиқи ҳиссиётҳои шахсӣ ва неруи биологии худ истифода баред.

5. Пеш аз он, ки ягон асарро хонед, аввал бо мундариҷа, фикрҳои танқидии дигар олимон ё шоирон оиди ҳамин асар шинос шавед.

6. Ҳангоми хондан кӯшиш кунед садоҳои оинаи нилгун, ғалоғулаи кӯдакон, садои дағали ягон намуди техникӣ ба шумо халал нарасонад.

7. Ҳангоми хондан кӯшиш кунед назаратон ҳар чӣ бисёртар калимаҳоро фаро гирад. Кӯшиш кунед назаратон ба ақиб яъне ба пораи матни аллакай хондашуда барнагардад, чунки ин дар ёд нигоҳ доштани матни хондашударо душвор мегардонад.

# ДАРСИ 35. СЕҲРИ МУСИҚӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***фаҳмонидани мазмуни матни шунидашуда, ҷудо карда тавонистани исботи ахбори тавсилшуда.***
***Ахбори матнӣ ва графикиро ( диаграмма, нақша, сурат нишонаҳои шартӣ) шарҳ додан.***

***Машқи 63. Ба тасвирҳои додашуда мавзӯъ интихоб намоед ва иншои эҷодӣ нависед.***






***Машқи 64. Бо матни додашуда шинос шавед. Супоришҳоро иҷро намоед.***

## ***САНЪАТ***

Санъат – равиш ва натиҷаи маънои ифодаи ҳиссиёт дар образ. Ҳамон тавр маҳорати баланди тавоноӣ, дар хамаи муҳити фаъолият аст. Санъат – ин истеъдоди баён кардани хабари муайян ба тамошобин ва шунаванда танҳо ба тарзи яке аз се нақша (санъати тасвирӣ), Суруд, рақс, мавод ва маҷмуи ин маводҳо (бисёр меди)- театр, балет, опера, синематограф. Адабиёт як намуди санъат, маҳорати баён кардани хабар бо ёрии мактуб ба ибтидои давраи ихтиро кардани мактуб мерасонад. Санъат ҳамчун намуди санъати кори инсон давраи ибтидоӣ то давраи ташкилкунии маводи то забонии алоқа ва равиши санъати эстетикӣ ва давраи сарф шудаи функсияи забони тозаи худ мегардад.



## РУБОБ



**Рубоби прима**, сози торӣ мизроби мусиқиест аз оилаи рубобҳо тахминан баъди солҳои 50-уми асри 20 нав ихтироъ шудааст. Косахонаи он ба мисли косахонаи рубоби қашғарӣ буда, дастааш хеле кӯтоҳ аст. Рубоби прима чор тор дошта ба мисли ғижжак бо квинта ҷӯр карда мешавад: тори якум ми-и октаваи дуюм, тори дуюм ля- и октаваи якум, тори сеюм ре-и октаваи якум ва тори чорум сол-и октаваи хурд.

Нотаи он дар калиди скрипка сабт шуда, мувофиқи навишташ садо мабарорад. Ин соз дар гурӯҳи рубобҳо дар оркестр овозҳои аз ҳама регистри баландро фаро мегирад ва ва нисбати дигар оилаи созҳои мазкур аз ҷиҳати иҷрои асарҳои техникӣ бартарии калон дорад.

**Рубоби бадахшонӣ** - сози мусиқии торӣ мизробиест, ки дар асрҳои 17-18 дар Бадахшон ба вуҷуд омада дар дигар мавзеъҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Бухоро хеле маъмул гардид. Тахмин меравад, ки сози мазкур дар асоси уд ё тори қафқозӣ (аз ду косахона иборат аст) ба вуҷуд омадааст: аз рӯи садо ва системаи пардивию торӣ ба барбат (уд) шабоҳат дорад. Рубоби бадахшӣ дар гузашта чун сози якканавозӣ истифода мешуд ва дар ансамблҳои созӣ вазифаи овозҳои регистри бамиро ба ӯҳда дошт.Онро ҳоло ҳам дар ансамбл ва оркестрҳо чун садои регистри миёна истифода мебаранд.

Косаи он нисбат ба дигар косаи рубобҳо бузургтар ва мурудшакл, дастааш кӯтоҳ (8-10 см) буда, нӯги он ба қафо хам хӯрдааст, ки дар он гӯшакҳо чойгиранд. Дарозии умумиаш 80 см буда, косахона бо пӯсти бӯзу гӯсфанд ва дастаро бо тахтачаи тунук рӯйкаш мекунанд. Ин шакли рубоби бадахшӣ 5-пардаи асосӣ ва 6-7 пардаи иловагӣ дорад. 5-то тори асосӣ (зеҳи ё синтетика) ва 4-5 тори иловагӣ дар боло дошта, онҳо дар танаи қисми болои косахона чой дода шуда, вазифаи садои зангӯларо адо мекунанд.



## ДОМБРА



Домбра асбоби миллии халқи қазоқ буда, ду намуд дорад. Вай аз ҷиҳати сохт ба дутор монанд буда, торҳои он аз абрешим ёки рудаи ҳайвон буда, ду тор дорад, онҳо бештар дар байни кварта ба соз оварда мешавад. Дар дастаи домбра пардаи доимӣ ва басташуда вуҷуд надорад.

Домбраи қазоқӣ бо дастаи махсуси басташуда аз дигар асбобҳои мусиқӣ фарқ мекунад.

Ин асбоб солҳои 30-юми асри XX аз сари нав кор карда шуд ва навъҳои пиккало, прима, тенор, бас ва контрабас пайдо шуданд.Домбраи қазоқӣ аз соли 1934 дар оркестри Давлатии ба номи Қурманғозӣ ҳамчун асбоби миллӣ ҷойи махсус дорад.

**ҒИҶҶАК ба гурӯҳи торӣ-камонии созҳои мусиқӣ дохил мегардад.**



Ғиҷҷак аз чӯби зардолу, тут, чормағз сохта шуда, аз даста ва косахона иборат аст, ки косахонаи он бо пӯст пӯшонида шудааст. Чор сим дорад, ки дар квинта ҷӯр шуда, бо камонча навохта мешавад.

Адвораш дар калиди скрипка навишта мешавад.

Вобаста ба имкониятҳои зиёди техникӣ ва садобарорӣ яке аз созҳои асосӣ ва якканавоз ба ҳисоб меравад. Дар тамоми гурӯҳҳои ҳунарӣ ва оркестр ҳамчун сози асосӣ истифода мебаранд.

Сохти ғиҷҷак аз гӯшакҳо, остона, даста, торҳо (4 тор), харак, косахона, мембрана, муштак, пой ё худ поя, камончӯб, зеҳ иборат аст.

Дар мусиқии тоҷик ду шакли ғиччакро истифода мебаранд: доирашакл ва чоркунҷа.

**Ғиҷҷаки кӯҳистонӣ**, дарозиаш 55-60см, иборат аз ду тор, чоркунҷашакл.

**Ғиҷҷаки косахонааш** доирашакл нисбат ба ғиҷҷаки кӯҳистонӣ маъмултар буда, бартариҳои зиёдеро дорост.

**Ғиҷҷакҳоро бештар** аз чӯбҳои тут, зардолу ва чормағз тайёр мекунанд.

Дар **Бадахшон намудхои гуногуни ғиҷҷак** вомехӯрад:

**Давлатбекғиҷҷак.** Ин соз андаке мурӯдшакл буда, чаҳор тор дорад, камончаи он аз чӯби бед ва мӯйинаи камончааш аз думи асп тайёр карда мешавад.

## КАРНАЙ

Карнай - сози мусиқии нафасии қадимаи мисин. Аз қадимулайём шакли худро дигар накардааст. Шаклаш дарозрӯя буда, танаи дарози охираш ба зангӯлаи калон монандӣ дорад ва аз қисмати мобайн ҷудо мешавад. Аз ду қисм сохта мешавад, дар вақти истифода ин ду қисм ба якдигар часпонда мешаванд. Карнай садои хеле баланди хоса дорад. Дар иду туйу маъракаҳои ҳам хонаводагӣ ва ҳам расмии давлатӣ дар ҷои кушодаи беруна истифода бурда мешавад. Дар замони ҳозира дар аввали маъракa истифода бурда шуда, кушодашавии онро хабар медиҳад.



**Савол ва супоришҳо.**

*1. Дар маҳали шумо кадом асбобҳои мусиқии миллиро истифода мебаранд?*

*2. Домбра ва нмудҳои онро аз манбаъҳои интернет ёбед ва дар бораи онҳо матни хурди эҷодӣ тартиб диҳед.*

*3. Тафовут ва монандии дутор ва рубоб дар чист?*

*4. Аз матни боло пайвандакҳои пайиҳамро муайян кунед.*

*5. Ғиҷҷакнавози номвари тоҷикро гӯед.*

# ДАРСИ 36. САНЪАТКОРИ МАҲБУБИ ХАЛҚ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***диалог оиди мавзӯъҳои иҷтимоӣ - ҷамъиятӣ, таълимӣ, монолог, полилог (интервю, баҳсу мунозара, навигарӣ, суруд, эҷодиёти адабӣбадеӣ), шарҳи масъалаҳои гузошташуда.***

***Услуби матнҳои адабиёти бадеӣ ва ғояҳои публисистии монанд, сохт, фарқияти забониро ҳангоми таҳлил аниқ намудан.***

***Машқи 65. Матнро хонед. Ба мазмуни матн муносибати худро баён кунед. Кадом асарҳои ин санъаткорро медонед? Дар гурӯҳҳо муҳокима намоед.***

## *БАҲОР*

Фирӯз Ҳоҷиевич соли 1942 дар шаҳри Душанбе таваллуд ёфтааст. Ӯ оҳангсози касбии тоҷик, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон мебошад.

Эҷодиёти Баҳор рангин буда, дар онҳо таҳлили амиқи ҳодисаҳои зиндагӣ, олами ботинӣ ва рӯҳии инсон ба назар мерасад. Балети «Дувалронии нозанин», симфонияҳои «Бузург» (ба хотираи Ибни Сино), «Достон» (1969), «Мароқанд» (1970) асарҳои беҳтарини Баҳор мебошанд. Достони симфонии «Мароқанд» шӯҳрати Баҳорро дар хориҷа афзуд. Асарҳои хурдҳаҷми Баҳор: кантатаҳои «Зери байрақи ту», «Таронаи Октябр», асарҳо барои хор – «Марши озодӣ» (шеъри С. Айнӣ), «Байрақи зафар» (шеъри А. Лоҳутӣ) ва ғ. Муаллифи зиёда аз 50 суруд, инчунин суруду мусиқии спектакл ва кинофилмҳост. Аз с. 1996 дар ш. Берлин зиндагӣ ва фаъолият дорад. Соли 1997 дар ш. Берлин нахустин консерт аз рӯйи асарҳои Баҳор доир гардид. Солҳои 1998–2009 дар Берлин, Гамбург, Бремен, Коттбус ва дигар шаҳрҳои Олмон аз рӯйи асарҳои Баҳор 29 консерт дода шуд. Солҳои 2001–06 раиси Ҷамъияти Олмон – Тоҷикистон буд ва дар тарғиби мусиқии тоҷикӣ дар хориҷа ҳиссаи бузург гузошт.

Солҳои 1997–2007 ҳамроҳи мусиқишинос Э. Гейзер дар ш. Берлин клуби мусиқии «Флейтаи афсунгар»-ро ташкил кард. Соли 2008 дар фестивали «Кинои тоҷик дар Фаронса» нахустнамоиши филми «Сирҳои оила»-и реж. В. Аҳадов бо мусиқии Баҳор баргузор гардид. Январи 2008 Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон ӯро бо ордени «Дӯстӣ» сарфароз гардонд. Моҳи марти 2008 барои комёбиҳои эҷодиаш дар с. 2007 бо

Мукофоти Иттифоқи композиторони Россия ба номи Шостакович қадр карда шуд. Апрели 2008 дар Конкурси байналмилалии композиторон ба номи С. Прокофев дар ш. Санкт-Петербург барои силсилаи 24 сарахбор ва фуга барои фортепиано сазовори ҷоизаи аввал гардид. Асарҳои Баҳор дар бисёр кишварҳои дунё иҷро шудаанд.

**Супориш.**

*Аз манбаъҳои интернет ва дигар манбаъҳо дар бораи санъаткори дӯсдоштаи худатон маълумот дастрас намуда, хонед.*

**Пайвандакҳо мувофиқи маънои вазифаашон ба пайвандакҳои замону тарз, миқдору сабаб, мақсаду шарт, хилофу макон ҷудо мешаванд.**

**Замон-вақте ки, то вақте ки, баъд аз он ки, даме ки, то даме ки...**

**- Вақте ки Амир Музаффар Савдоро ба дарбор кашида, ба худ надим (ҳамсуҳбат) қарор додааст, аҳволаш хеле бад шудааст.**

**Тарзи амал- ба тарзе ки, дар ҳолате ки, бе он ки... –Ман ин корҳоро, ба тарзе ки гурба ҳаракати мушро пояд, поида меистодам.**

**Мақсад- то, то ки, барои он ки, аз баҳри он ки... – Одамон омаданд, тоҷӣ гуна будани ҷояшонро бубинанд.**

**Шарт – агар (гар, ар), агар ки, ба шарте... –Агар вақт ёбам, ба хонаи онҳо рафта, он баёзро мехонам.**

**Сабаб – азбаски, чунки, зеро, зеро ки, модоме ки... – Азбаски дар ин ҷоҳо об баровардан мумкин нест, ба кишти лалмӣ маҷбур шудем.**

**Хилофӣ – агарчӣ, гарчанде ки бо вуҷуди он ки... – Агарчи ганҷҳояш пурбаҳоянд, валекин мардумони он гадоянд.**



# ***ФАСЛИ 6. ИНТЕРНЕТ ВА МАНБАЪҲОИ ИҶТИМОӢ***

## ДАРСИ 37. ОЛАМИ ВИРТУАЛӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***фаҳмонидани мазмуни матни шунидашуда, ҷудо карда тавонистани исботи ахбори тавсилшуда.***
***Бо тарзи нигоҳ доштани сохт ва таркиби эссе, ёфтани роҳи ҳалли иҷрои муаммоҳои овардашуда ва навиштани он (эссеи мубоҳисавӣ).***

***Машқи 66. Матнро хонед. Мазмуни онро нақл намоед. Супоришҳоро иҷро кунед.***

Интернет маълумотро пурра ба нуқтаҳои гуногуни олам мерасонад. Ин корро ровени шабакавии модели ISO OSI анҷом медиҳад.

Қисмҳои гуногуни Интернет байни ҳамдигар ба воситаи компютерҳо пайваст мешаванд. ки онро узел меноманд. Узелҳо намунаи шӯъбаҳои почтаҳо мебошанд, ки дар он ҷо дар бораи усули интиқоли пакет дар шабака, роҳи минбаъдаи пакети почта муайян карда мешавад. Байни узелҳо алоқаи бевосита мавҷуд нест.

Барои кор дар чунин ситема талаб карда мешавад, ки ҳар як узел дар бораи алоқаҳои мавҷуда, ба кадом узелҳои наздиктарин додани пакети ахбор маълумот дошта бошад, Дар Интернет узелҳо муайян мекунанд, ки пакети маълумотро ба куҷо фиристанд, онро ба куҷо фиристанд ва мефиристанд. Чунин протсесс хати сайр номида мешавад.

Узелҳое, ки ба хатисайрсозӣ машғуланд узели хатисайрсоз номида мешавад. Дар Интернет номгӯи қоидаҳо оид ба кор бо пакетҳо мавҷуд аст. Протоколи Интернет (IP) ба масъалаи адресатҳо ва чӣ кор кардан бо пакетҳо дар тӯли сафарашон сару кор дорад. Моҳияти кори протоколи IP ба қоидаҳои пакети почта монанд аст. Ҳар як пакет дорои сарлавҳа мебошад, ки дар он маълумот дар бораи адресати пакет ҷойгир карда шудааст. Ин маълумот барои ба куҷо расондани пакет басанда аст.



**Супоришҳо.**

*1. Матнро хонда, ба чӣ гуна хулоса омадед, моҳияти зарур будани интернетро муайян кунед, фикратонро бо мисолҳои ҳаётӣ нависед.*

*2. Аз матн ҷумлаҳои содаро муайян кунед.*

*3. Аз матн аломатҳои китобатии истифодашударо муайян кунед ва вазифаи онҳоро гӯед.*

## ДАРСИ 38. МАН ВА МАНБАЪҲО ИҶТИМОӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***эзоҳ додан ба фикри муаллиф, истифодаи сарчашмаҳо аз китоби дарсӣ, маҷалла-рӯзнома, энциклопедия, интернет.***

***Шунавоӣ ва хониши маводҳо оиди калимаҳои устувор ва ибораҳоро бо синоним иваз намуда, матни ҷамъбастӣ сохтан.***



*Машқи 67. Матни додашударо хонед, фикру мулоҳиза ронед.*



### *ОСЕБИ МАҒЗИ САР*





Осеби мағзи сар феълан собит шуда, ки телефони мобилӣ зарар дорад ва он аз ҳама зиёд ба афканишоти электромагнитӣ, ки гӯшӣ (трубка) дар атрофи худ ҷамъ мекунад, алоқаманд аст. Чунин майдонро ҳар як асбоби барқӣ, чӣ яхдон ва чӣ телевизору чӣ печи хурдмавҷ, ба вуҷуд меорад. Вале телефони мобилӣ бевосита бо мағзи сари мо сарукор дорад ва чандин карат таъсири зарари майдони электромагнитиро ба мағзи сар зиёд менамояд. Тибқи андешаи олимон афканишоти электромагнитӣ пеш аз ҳама барои он ба инсон аз ҳад зиёд хатарнок аст, ки он муддати зиёд аз худ ягон аломате нишон надода, дар паёмад ба организм самараи гӯшношунид ба бор меорад. Махсусан, агар он ба узви мураккаб ва ҳассос - мағзи сар алоқаманд бошад. Чунки тағйироти начандон калони мағзи сар метавонад ба тамоми организми инсон таъсири бузург расонад. Андешаҳои зиёде вуҷуд доранд, ки баъди таъсири афканишоти телефони мобилӣ дар мағзи сари инсон ҳодисаҳое рух медиҳанд. Андешаи аз ҳама муҳим бар асари истифодаи тӯлонии телефони мобилӣ имконияти ба вуҷуд омадани касалиҳои

саратонӣ мебошад. Онро олимон дар натиҷаи таҷрибаҳои бешумори бо ҳайвонот ва одамон гузаронидаашон пешниҳод намудаанд.

Масалан, Уилям Стюарт, олими шотландӣ, дар кирмҳои боронӣ таҷриба гузаронд. Нурафканиҳои телефони мобилӣ сохтори сафедаи кирмҳоро иваз намуд. «Бофтаҳои зинда чун пораи гӯшт дар печи хурд-мавҷ бирён мешаванд», тасдиқ мекунад Стюарт.

Чунин таҷрибаҳо дар Русия низ гузаронда шуданд. Қурбоққаҳои одиро дар майдони электромагнитии басомадаш баланд муддати 10-15 дақиқа санҷиданд. Ҳангоми шуоъзании ҳатто хеле паст дили ҳар як қурбоққаи дуюм аз кор монд.

Хулосаҳои олимон хеле рӯҳафтодакунанда буданд: «Аз эҳтимол дур нест, ки ба мағзи сари одам низ телефонҳои мобилӣ айнан чунин таъсири манфӣ мерасонанд, чунки сохтори он ба мағзи сари калламуш монанд аст».

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Ба муаммои дар матн овардашуда чӣ гуна муносибат доред?*
*2. Ба ҳаёт назар андозед, барои асабӣ будани ҷавонони имрӯза, ба якдигар дағалона муносибат доштани онҳо, манбаъҳои иҷтимоӣ ёки телефонҳои мобилӣ сабаб шуда метавонанд ё не?*
*3. Аз матн пайвандакҳои истифодашударо ёбед.*

***Машқи 68. Матни додашударо хонед ва ба он мавзӯи мувофиқ гузоред. Супоришҳоро иҷро намоед.***

Имрӯз ман аз Google истифода карда, ҷаҳонбиниамро васеъ намудам. Масалан, мо дирӯз аз камерае, ки дар боғи ҳайвонот гузошта шуда буд, бо воситаи тасвир лаҳзаҳои хӯрок хӯрдани филҳои Африкаро тамошо кардем. Якчанд рӯз пештар бошад, ба шаршараи Ниагара саёҳати онлайн ташкил кардем. Бо воситаи You Tube чӣ хел пайдо шудани ашёҳоро бо мултфилмҳо тамошо кардем. Бо воситаи Ozon.ru пеш аз хоб бурдан китобҳои ба мавзӯъҳои гуногун додашударо баосонӣ дастрас намуда, хонда метавонем. Агар мо маҷбур шавем, метавонем аз масофаи дур истода, бо воситаи Viberчӣ қадар хоҳем, ҳамон қадар мулоқот кунем..

**Супоришҳо.**

*1. Фикр кунед, мулоҳиза ронед, аз манбаъҳои иҷтимоӣ чӣ гуна бояд истифода бурдан лозим, фикратонро мухтасар нависед.*

*2. Мавзӯъ интихоб намоед, дар асоси ҳамин мавзӯъ ба онлайн саёҳат кунед.*

### *Машқи 69. Ҷумлаҳои зеринро нависед, сараъзоҳоро муайян кунед.*

1. Ин китобҳоро ман хонда баромадам. 2. Шумо китобҳоро хонед ва нақл кунед. 3. Ба кори онҳо дахолат накунед, аммо рафти корро назорат кунед. 4. Онҳо ба назди Беҳрӯз рафтанд. 5. Аз вай ҳолу аҳвол пурсиданд. 6. Ман ҷонамро коҳонида ба парандаҳо дон пошидам.

**Супоришҳо.**

*1. Аз матн ҷонишинҳоро муайян кунед ва онҳоро шарҳ диҳед.*

*2. Дар бораи ҷонишин ва намудҳои он маълумот диҳед.*

*3. Ҷонишинҳо ба ҷойи кадом ҳиссаҳои нутқ омадаанд?*

## ДАРСИ 39. ИНТЕРНЕТ - МАНБАИ АХБОР

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***фаҳмонидани мазмуни матни шунидашуда, ҷудо карда тавонистани исботи ахбори тавсилшуда.***

***Тафовути услуби расмӣ ва публисистиро бо воситаи дастгоҳҳои забон шиносонидан.***

### *Машқи 70. Бо нақша кор кунед. Супоришҳоро иҷро намоед.*




**Савол ва супоришҳо.**

*1. Аз рӯйи нақшаи овардашуда фикратонро баён кунед.*

*2. Вазифаи ҷонишинро дар ҷумла муайян кунед.*

*3. Дар бораи бандакҷонишинҳо чиҳоро медонед?*
*4. Дар бораи чор хели ҷонишин маълумот диҳед.*





**_Машқи 71. Матнро бо диққат хонед._**

Тарзи дуруст истифода бурдани компютер дар чист?

Дар айни замон, дар ҳар гӯшаву канори кишвар хонаҳои компютерӣ ҳаст, ки ҷавонон бисёртар аз онҳо истифода бурда баъзе барои бозӣ ва баъзе барои шабакаҳои интернетӣ маблағҳои зиёдро сарф менамоянд. Ин амал насли наврасро аз хондан боз медорад. Нигоҳ накарда ба ҳамаи ин, компютер ҷиҳати хуб низ дорад. Имрӯзҳо дар ҳама касбу кор компютер истифода бурда мешавад. Компютер ва технологияи информатсионӣ имрӯз дари худ ва олами донишро ба насли имрӯза боз кардааст.



**Савол ва супоришҳо.**

*1. Компютер дар ҳаёти инсон чӣ гуна аҳамиятро соҳиб аст?*
*2. Оиди матн фикратонро гӯед ва ба ҳамин мазмун вобаста саволҳо тартиб диҳед.*

## ДАРСИ 40. АЗ “ТУРИ ТОРТОНАК” ЭҲТИЁТ ШАВЕД

**_МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:_**

**_муайян кардани тафовути сохт ва жанрии хроника, хабар,очерку ҳуҷҷатҳои ташкилотӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ_**

**_Вобаста ба шароити коммуникативӣ терминҳои халқӣ ва илмиро аз сарчашмаҳо истифода бурда, диолог монолог ё полилог тартиб дода, фикри худро бо исботу ҷамъбаст баён намудан._**



**_Машқи 72. Матнро бо диққат хонед._**

### *АСРИ XXI– АСРИ ОЛАМИ ВИРТУАЛӢ*

Беҳуда нест, ки асри XXI – ро асри тараққиёти илму техника ном бурдаанд. Инкишофи технология имрӯзҳо нисбат ба фоида зарараш бисёртар аст, насли имрӯзаро хусусан муомила ва муоширати байни якдигарро дигар намудааст. Албатта барҳамхӯрдани технологияро тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Тавсияҳо барои хуб омӯхтани компютер ва истифодаи он:

Аслан, барои фаҳмидани компютер аввалан шуморо мебояд забони русӣ ва агар хоҳед то дараҷаи олӣ донед, забони англисиро низ донистан зарур аст, чунки ҳар он барнома ва системае, ки дар дохили компютер ҳаст, ҳамаи онҳо бо ин ду забон тартиб дода шудаанд ва дар дуюм шуморо мебояд бештар бо намудҳои гуногуни барномаҳо кор кунед, нововобаста аз намуди онҳо(яъне графикӣ, матнӣ...). Дар замони ҳозира ҳар он чизе, ки ихтироъ мешаваду кашф мегардад тавассути компютер сохта мешавад, ҳатто маводҳои хӯрока ҳам. Ҳар он чизе, ки шумо мехоҳед бо компютер анҷом диҳед, аввалан дар бораи он маълумотҳои хосса ва бо кадом барномаҳо сохта мешавад, ҳатман донед. Имрӯзҳо дар интернет, дар бораи ҳамаи барномаҳо маълумот гирифтан мумкин аст, кӯшиш намоед, ки ҳар он маълумотҳое, ки дастрас менамоед, бештар бо расмҳо фаҳмонида бошад(скриншот). Тавассути он расмҳо шумо ҳарчи тезтар ва хубтар мефаҳмед.

Кӯшиш намоед, ки камтар бо бозиҳои компютерӣ машғул шавед, чунки бештари вақтро дар онҳо бефоида сарф менамоед. Ҳар он касбе, ки шумо мехоҳед дар оянда бо он машғул шавед, дар бораи он маълумотҳо гиред, маводҳо ё худ китобҳое, ки заруранд сабт намуда аз он истифода баред, ин барои шумо муваффақиятҳои бештарро пеш меорад, яъне шумо аллакай дар бораи ин касб маълумотҳои зиёд доред ва кӯшиш намоед, ки бештар китобҳо хонед. Агар ба шумо китобхонӣ он қадар хуш наояд, китобҳоро дар шакли аудио гиред, ин гуна китобҳо дар интернет бисёр аст, шуморо мебояд танҳо бодиққат гӯш кунед.

Агар шуморо кори компютерӣ хаста карда бошад ва маҷбуредон корро ба анҷом расонед, пас мусиқии дилхоҳатонро гузошта коратонро давом диҳед, албатта дар ин маврид хастагии шуморо бартараф менамояд. Гуфтанием, ки муддати дароз нишастан дар назди компютер ба системаи асаби шумо зарари бениҳоят калон мерасонад. Олимони англис чунин ақида баён намудаанд, ки баъд аз ҳар як – ду соат ҳар як инсони бо компютер сарукордошта, бояд то 20 – 30 дақиқа аз назди компютер дур шавад ва гузоштани растании кактус дар назди компютер хело хуб аст(нурҳои зараровари компютерро ба худ мегирад).

**Супоришҳо.**

*1. Мазмуни матнро дар асоси стратегияи “Жигсо” нақл кунед.*

*2. Дар гурӯҳҳо дар асоси “Ҷадвали Т” оиди манбаъҳои интернет баҳсу мунозара ташкил кунед.*

| Манбаъҳои интернет | |
|---|---|
| афзалиятҳо | зарарҳо |
| | |

### *Машқи 73. Матнро давом диҳед.*

Имрӯз мо барои иншо навиштан нақша тартиб доданро ёд гирифтем. Пас аз нақшаи тартибдодашуда сарсухан навишта мешавад. Ҳамаи мо сарсухани пас аз нақша навишташударо интихоб намудем. Дар синф корро оғоз намудем, вале пас аз овози зангӯла давоми матн ҳамчун кори мустақилона супориш дода шуд.

**Супоришҳо.**

*1. Матнро эҷодкорона давом диҳед ва мазмуни онро нақл кунед.*

*2. Аз рӯйи матн саволҳо тартиб диҳед.*

*3. Дар мавзӯи “Иншои аввалини ман” иншо нависед.*



# ФАСЛИ 7. ДӮСТИИ ХАЛҚҲОИ ҚАЗОҚИСТОН

## ДАРСИ 41. ПОЙДЕВОРИ ДӮСТӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***ба саволҳои муаммовӣ аз сарчашмаҳо мисол оварда ҷавоби дуруст додан, муқоисаи ҷавобҳои гуногун, шарҳ додани онҳо.***

***Тартиб додани саволҳои гуногуни проблемавӣ аз рӯйи матн.***



***Машқи 74. Матнро хонед. Пайвандакҳои шахсиро муайян кунед.***



Дӯстӣ омили ҳамзистии осоишта ва бахту саодати мардум аст ва маҳз ба шарофати он одамон тинҷу осуда, дар канори ҳам ва сарбаландона зиндагӣ мекунанд. Аз баракати дӯстист ин ҳама ободию бунёдкорӣ ва ҳар куҷое дӯстист, сарсабзию пешравӣ таъмин аст.

Баръакси ин душманӣ боиси вайронкориву фоҷеаҳо ва ранҷишу озор мешавад, зиндагиро барои инсонҳо талх мекунад. Ин нуктаи таъкидгару ҳикматборро Саъдии бузургвор дар сатҳи олии сухан ба назм овардаву барои ҷаҳониён ҳикмати волою безаволу муассире офаридааст:

*Дарахти дӯстӣ биншон, кикоми дил ба бор орад,*
*Ниҳоли душманӣ баркан, киранҷи бешумор орад.*

Шоиру нависандагони дигари тоҷик низ дар ситоишу тавсифи дӯстӣ суханони баланду дилписанд гуфтаанд. Чунончи, ба фармудаи Фирдавсии суханофарин, ҳар дастае, ки бо дӯстиву рафоқат ба ҳам наомадааст, бебақост, монанди лашкаре пароканда аст ва:

*Пароканда лашкар наояд ба кор,*
*Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.*

Дӯстӣ қувваҳоро муттаҳиду сарҷамъу афзунтар месозад, зиндагиро рангину ширину пурмаънӣ мекунад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки дар оилаҳо ба тарбияи насли наврас дар рӯҳияи дӯстию рафоқат ва ҳамдилию мададгорӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад. Тарбияи дӯстӣ бояд ҷузъи муҳими тарбияи ахлоқӣ дар фаъолияти ҳамарӯзаи омӯзгорон ва роҳбарони синфҳо бошад. Ҷавонон бояд аз хурдӣ аҳамияту моҳияти дӯстӣ, нерӯи тавонои онро донанд, бо ҳамдигар дӯстию рафоқати самимӣ барқарор кунанд, ба қадри дӯст ва дӯстӣ бирасанд.



**Супоришҳо.**

*1. Мазмуни матнро нақл кунед ва аз шеърҳои дар мавзӯи дӯстӣ азёд кардаатон порчаҳо гӯед.*
*2. Дар бораи дӯстӣ мақолу зарбулмасалҳо гӯед ва онҳоро шарҳ диҳед.*
*3. Дӯстон аз дӯстӣ ёбанд бахт, Душманӣ орад ба одам рӯзи сахт. Байти зеринро хаттӣ маънидод намоед.*

## ДАРСИ 42. ЯК ТАҚДИР, ЯГОНА ВАТАН

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***бо воситаи ҷумлабандӣ ва оҳанги шахси гӯянда,мавзӯи матнро интихоб намудан, инкишофи сатҳи фикррронӣ. Истифодаи калимаҳои ташдидӣ дар нутқ, аниқ намудани маънои услубӣ.***

*Машқи 75. Матнро бо диққат хонед. Супоришҳоро иҷро намоед.*



Бояд таъкид кард, ки солҳои тӯлонӣ дар мамлакати мо дар тахти роҳбарии Президентамон Нурсултон Назарбоев таҳкими ризоияти байниҳамдигарӣ ва ризоияти байни миллатҳо,, тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ тақвият дода шуд.Навъовариҳои васеи ислоҳот дар ҳамаи соҳаҳо ҳамчун асос барои саъю талошҳои ҳаёти минбаъда, барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ хизмат мекунанд.

Имрӯз беш аз 130 миллат ва элатҳо дар шароити баробарҳуқуқӣ ва ҳамбастагӣ зиндагӣ мекунанд, инчунин якҷоя башукуфоии минбаъдаи Ватанамон хизмат мекунанд. Ҳамаи шароитҳои зарурӣ барои таъмини ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунӣ, маориф, меҳнат, фарҳанг, анъана ва арзишҳои манфиатҳои онҳо ва қобилиятҳои онҳо сохта шудаанд. Бо шарофати ин гуна диққати сарвари мамлакатамон, мероси ғании таърихиву фарҳангии мардуми мо барқарор ва қадр карда шуд.





Иштироки озоди ҳамаи гурӯҳҳои этникӣ дар раванди идоракунии давлатӣ, равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ кафолат дода шудааст. Илова бар ин, зарурат дар мактабҳои таҳсилоти умумии мо омӯзиш дар панҷ забонҳо, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо дар забонҳои бисёрҷониба, барномаҳои радио ва телевизион пайдо шуда истодааст.

Ҳоло дар кишвари мо зиёда аз 150 маркази фарҳангии миллӣ амал мекунанд. Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев соли 1995 Ассамблеяи халқҳои Қазоқистон барои ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои ин марказҳо таъсис дода шуда, онҳо бо кӯмаки амалӣ ва методӣ таъмин карда шуданд.Таъсири онҳо ба сулҳ ва ҳамоҳангӣ дар ҷомеаи мо, мустаҳкам намудани муносибатҳои минбаъдаи миллӣ, рушди анъанаҳои миллӣ ва умумибашарӣ мусоидат мекунанд. Инҳо чорабиниҳои сершумор, консертҳо, ҳизбҳо, фестивалҳо, конгрессҳо ва конфронсҳо мебошанд.Барои мисол, “Қазоқистон хонаи умумии мо”,” Ватан беназир аст, Ватан ягона ”, дар зери чунин шиорҳо фестивал ба иди ҳақиқии дӯстии халқҳо табдил гардидааст, гӯем ҳам муболиға намешавад. Ҳар сол, рӯзи ҷашни





миллӣ ва фарҳангӣ мо бо иштироки марказҳои мадании миллатҳои гуногун қайд карда мешавад. Илова бар ин, конфронсҳои илмӣ ва амалӣ ва мулоқотҳо, ки ба санаи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Қазоқистон бахшида шудаанд, ташкил карда мешаванд. Ба қатори онҳо рӯзҳои фарҳангҳои миллӣ, даҳрӯзаҳо,, идҳои миллӣ дохил мешаванд. Дар ҳақиқат, намояндагони миллатҳо дар кишвари мо ҳамчун  як оила мебошанд. Онҳо дар роҳи шукуфоии Ватанамон кор мекунанд ва бо ин хушнудӣ баракат хоҳанд бурд. Дар ҳақиқат, таҳаммулпазирӣ калиди сулҳ аст, ва сулҳ калиди пешрафт аст.



**Супоришҳо.**

*1. Дар гуруҳҳо матнро муҳокима намоед, дар асоси стратегияи “Спектри қадриятҳо” матнро таҳлил кунед.*

*2. Аз матн пайвандакҳои хилофиро муайян созед.*

*3. Дар мавзӯъҳои “ Қазоқистон - макони дӯстӣ”, “ Ватан аз остона сар мешавад” эссе нависед.*

## ДАРСИ 43. ДӮСТӢ – ЯГОНАГИИ ДИЛ ВА ЗАБОН

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***бо тарзи нигоҳ доштани тафовути санъатҳои бадеӣ навишта тавонистани мақолаи хурд, ривоят, тавсифнома.***

***Интонатсия дар дохили ҷумла, истифодаи маънои луғавии аксенти мантиқӣ.***







### *Машқи 76. Матнро хонед.*

Хушбахтӣ ва садоқатмандӣ калимаҳоест, ки бо якдигар робита доранд. Аниқтараш, садоқат  дӯстӣ буда, дӯстӣ маънои онро дорад, ки садоқатманд аст.Дар ҳақиқат, садоқат, ки аз забони арабӣ меояд, маънои дӯстиро  ифода мекунад. Дӯсти ҳақиқӣ ҳамеша содиқ аст.

Бештари ҳамсӯҳбатони мо мегӯянд, ба самимияту инсонгарӣ ва чеҳраи гарми дӯстонашон таваҷҷӯҳ мекунанд. Баъзеи аз онҳо гуфтанд, дӯсти хуб он аст, ки дар лаҳзаҳои мушкил дасти кӯмак дароз кунад, рози дилро бишнавад, мисли ин. На ҳар дӯст аз имтиҳони замон мегузарад.

Дар давраи хубию хушӣ кас дӯстони зиёд дорад, аммо чун бо мушкиле гирифтор гашт, шояд касе дар паҳлӯи ӯ китф ба китф биистад, ки дӯсти ҳақиқии ӯст ва дигарон аз ӯ канор хоҳанд гирифт. Бузургон гуфтаанд, дӯстон ба се навъанд: ҷонию забонию нонӣ. Ба дӯсти забонӣ бояд ҳарфи хуш заду ӯро гусел кард, ба дӯсти нонӣ нон доду худро раҳо намуд, аммо бояд омода буд, ки барои дӯсти ҷонӣ ҷон дод.

Онҳое низ кам нестанд, ки аз дӯстони забонӣ ва нонии худ шикоят доранд. Аммо агар навбати сухан ба Шумо дода шавад, чӣ хоҳед гуфт? Шумо дӯстони худро чӣ гуна, аз рӯи чӣ нишонаҳое интихоб мекунед? Дӯсти хубро чӣ гуна мешиносед?...

**Супоришҳо.**

*1. Матнро эҷодкорона давом диҳед.*

*2. Дар мавзӯъҳои “Дарахт -  бо решааш, Инсон – бо дӯстонаҳ”, “Дӯст – такягоҳ” эссе нависед.*



# ФАСЛИ 8. ОДОБИ ТАЪОМХӮРӢ, ТАЪОМҲОИ БА ДИГАРГУНИҲОИ ГЕНЕТИКӢ ОВАРАНДА

## ДАРСИ 44. СОЛИМ ШУДАН ХОҲӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***фаҳмонидани мазмуни матни шунидашуда, ҷудо карда тавонистани исботи ахбори тавсилшуда.***

***Муайян кардани тафовути сохт ва жанрии хроника, хабар, очерку ҳуҷҷатҳои ташкилотӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ.***



### *Машқи 77. Матни додашударо таҳлили эҷодӣ кунед.*





Хӯрдани меваи анор миқдори гемоглобинро дар огранизм зиёд мегардонад. Аз ҳама хусуияти асосии меваи анор мубориза бурдани он бо камхунӣ мебошад. Ҳангоми камхунӣ шарбати меваи анорро ба миқдори 0,5 истакон давоми рӯз се маротибагӣ, 30 дақиқа қабл аз таомхӯрӣ, истеъмол намоед. Агар аз рӯи ҳамин қоида ду моҳ аз меваи анор истеъмол намоед, аз камхунӣ табобат меёбед.

Меваи анор фишори баландро паст мегардонад. Донаҳои анор фишори хунро дар организм мӯътадил мегардонад. Пӯсти решаи хушккардашудаи анор дар чой андохтаи он системаи асабро ором карда, хоби шабонаро бароҳат мегардонад.

Оби ҷӯшонидашудаи пӯсти анор барои чайқонидани даҳон ва гулӯ истифода мебаранд, ки он дарди даҳон ва гулӯро табобат мекунад. Моддаҳои таркибии пӯсти анор дардро бартараф менамоянд ва кислотаҳои органикии он бошад, инфектсияҳои зарароварро нобуд месозанд. Меваи анор яке аз меваҳои ширинест, ки истеъмоли он ба гирифторони бемории

қанд натанҳо мумкин аст, балки ба онҳо фоидаовар низ мебошад. Барои ин давоми рӯз 60 катраӣ аз шарбати анор ҳамарӯза 4 маротибагӣ истеъмол намудан лозим аст. Дар ин маврид, аллакай дар давоми се рӯз сатҳи қанди хун паст мегардад.

Пӯсти меваи анор ба пӯсти инсон фоидаовараст. Пӯсти рӯятон равғанин, рихинакдор ё шамол кашидаасту намедонед чӣ кор кунед? Дар ин маврид пӯсти анорро дар равғани зайтун нимбирён карда, ба рӯятон дар шакли ниқоб молед. Онро дар дохили яхдон нигоҳ доред ва дар як ҳафта аз ду маротиба зиёд истифода накунед. Бо хокаи аз пӯсти хушккардашудаи меваи анор ҷойи сӯхтаро босамар табобат кардан мумкин аст.

Истеъмоли шарбати меваи анор ҳангоми шамолкашии гурда, ҷигар, гушу чашмҳо, буғумҳо ва узвҳои дохилӣ хело шифобахш аст. Барои ин ба болои ду қошуқа хокаи пӯсти анор як истакон об рехта, 30 дақика ҷӯшонед ва ҳамарӯза ба миқдори 50 граммӣ, 2—3 маротибагӣ қабл аз таомхӯрӣ истеъмол намоед.

**Супоришҳо.**

*1. Матни додашударо хонда, аз мазмуни он мустақилона матн тартиб диҳед.*
*2. Дар гурӯҳҳо ҷадвали семантикӣ созед.*
*3. Вобаста ба матн саволҳо тартиб диҳед.*
*4. Дар ҳавлии шумо кадом намуди меваҳо месабзад. Дар бораи аҳамияти онҳо маълумот диҳед.*

***Машқи 78. Шеърро ифоданок хонед.***

*Ҳавои сард омад, ҷӯй ях баст,*
*Фарози кӯҳоро абр пӯшид.*
*Шамоли тунд аз машриқ хурӯшид,*
*Ба рӯйи бому дарҳо барф биншаст.*
*Ба ҷойи рӯзҳои гарму тафсон*
*Зимистон шуд,*
*Зимистон шуд,*
*Зимистон!*
*Ба рӯйи теппа шодон мебароем,*
*Ки рӯйи барфи нав ҳар сӯй тозем*
*Ки ҷо-ҷо ҳайкале аз барф созем,*

*Зи нав васфи зимистонро сароем:*
*Ба ҷойи рӯзҳои гарму тафсон*
*Зимистон шуд,*
*Зимистон шуд,*
*Зимистон!*
*Куҷо дорем мо парвои сармо,*
*Биборад акнун ҳар қадар ҳам?*
*Ба зери барф монад бому дар ҳам.*
*Набошад интиҳо шодии моро:*
*Ба ҷойи рӯзҳои гарму тафсон*
*Зимистон шуд,*
*Зимистон шуд,*
*Зимистон!*



**Супоришҳо.**

*1. Порчаҳои шеърро маънидод кунед.*
*2. Дар васфи зимистон боз кадом шеърҳоро медонед?*
*3. Шеърро аз назм ба наср баргардонед.*



**Таҳлили морфологии пайвандакҳо**

**Накшаи таҳлил**

**1. Кадом ҳиссаи нутқ аст. Маълумоти умумӣ.**

**2. Аломатҳои морфологӣ:**

**а). ................ ;**

**б) пайваст ё тобеъ;**

**в) тағйир намеёбад;**

**3. Вазифаи синтаксисӣ.**

**Намунаи таҳлил**

**Ятим роҳ мерафт, аммо намедонист, ки ба куҷо меравад.**

**Аммо пайвандак буда, қисмҳои ҷумлаи мураккабро алоқаманд мегардонад; аломатҳои морфологиаш; пайваст, тағйир намеёбад ва аъзои ҷумла намешавад. Аз ҷиҳати сохт сода аст.**

**Ки пайвандак аст ва он ҷузъҳои ҷумлаи мураккабро бо ҳам алоқаманд менамояд; аломатҳои морфологиаш; тобеъ, тағйир намеёбад ва аъзои ҷумла намешавад. Аз ҷиҳати сохт сода аст.**

# ДАРСИ 45. ДАРМОНИ ДАРДҲО

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***ахбори матнӣ ва графикӣ ( диаграмма, нақша, сурат нишонаҳои шартӣ) шарҳ дода.***
***Ба тафовути таърифи пайвандаку пешояндҳо риоя намуда, аз рӯйи вазифаҳояшон тартиб додани ҷумлаҳо.***

### *Машқи 79. Матнро хонед.*

### *Сирпиёз*



Сирпиёз (чеснок) воситаи хубест барои нигоҳ доштани саломатӣ. Ба ғайр аз доштани таъми махсус ва ҳамчун маводи хуштаъмкунанда истифода шуданаш, он инчунин, дорои хусусиятҳои зиёди шифобахш аст. Бояд қайд намуд, ки сирпиёз дар тибби мардумӣ хеле васеъ истифода бурда шуда, бисёр бемориҳоро рафъ месозад.

Таркиби сирпиёз аз пайвастагиҳои азотдор ба монанди натрий, калий, калсий, магний, кремний, кислотаҳои сулфат ва фосфор, витаминҳои C, D, B, моддаҳои истихроҷкунанда, равғани эфир иборат аст.

Ба шарофати таркиби бойи муолиҷавиаш сирпиёз қодир аст, ки фишори хунро паст намояд, ҳамчунин хусусиятҳои бедардкунӣ, зудбаркарорёбӣ, зиддивирусӣ, несткунандаи кирми меъда, зиддизаҳролудӣ ва ғайраро дорост. Дар таркиби сирпиёз элементи селен мавҷуд аст, ки бо хусусиятҳои зиддиоксидантии худ маъруф аст.

Сирпиёз дар таркиби худ беш аз чаҳорсад компонентҳои муфид дорад. Он дар организм холестиринро коҳиш дода, гардиши хунро тезтар ва фишори хунро паст мекунад, ҳамчунин, хусусияти зиддиилтиҳобиро дорост. Сирпиёз метавонад на танҳо зидди пиршавӣ ва ифлосшавии артерияҳои марказӣ, балки артерияҳои канорӣ низ мубориза барад. Натиҷаи дилхоҳ, метавонад баъди истеъмоли ҳаррӯзаи ду – се донаи сирпиёз ба даст ояд. Ба сирпиёз бӯйи баланди махсусро моддаҳои сулфитдор медиҳанд. Аз ин рӯ, барои раҳо намудани бӯй аз даҳон, пораи лимӯ, шохчаи ҷаъфарӣ (петрушка), тухмии ҳел(кардамон), дорчин (корица) хоида

бинед ва ё ин ки даҳонатонро бо шир чайқонед. Сирпиёз масунияти баданро мустаҳкам менамояд, организм қобилият пайдо мекунад, ки бар зидди таъсири зиёновари муҳити зист мубориза барад. Он метавонад миқдори зиёди бактерияҳоро нобуд созад.

**Супоришҳо.**

*1. Ба се гурӯҳ тақсим шавед. Матнро ҳам ба се қисм тақсим карда хонед ва фикр баён кунед.Оё шумо сирпиёз истеъмол кардаед? Дар бораи ҷиҳатҳои фоидабахши он маълумот диҳед.*
*2. Аз рӯйи хоҳиш се ҷумлаи матнро интихобан таҳлили морфологӣ кунед.*
*3. Дар ҳавлии шумо кадом сабзавотҳои шифобахш мерӯяд?*



### *Машқи 80. Матнро хонед. Дар гурӯҳҳо мазмуни матнро муҳокима намоед.*







Чандин сол қабл витаминҳои гурӯҳи B дар дастурхони мардуми мо фаровон буд. Ҳама нони сиёҳи гандумӣ (орди осиёби бобоӣ), шавла (каша), лӯбиёгиҳо ва дар баҳорон хуч мехӯрданду шири аз лиҳози экологӣ тозаи говро нӯши ҷон мекарданд. Аммо имрӯз қариб дар ҳама ҷо аксарият нони сафед, ба ҷойи шавла макарон, ба ҷойи мева қанду нӯшобаҳои ширини газдор истеъмол мекунанд.

Бинобар ин, бисёриҳо ба мушкилоти норасоии витаминҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Гап дар сари он аст, ки қанду орди сафед, маҳсулоти қаннодӣ, макарон витамин надоранд ва организм маҷбур мешавад, ки захираи бе ин ҳам ночизи витаминҳоро барои аз худ намудани карбогидратҳо сарф намояд. Ғайр аз ин, дар одамони тамокукашу майпараст витаминҳои B1 ва B4 зудтар хориҷ мешавад. Барои фаъолияти системаи марказии асаб B1 (тиамин) аҳамияти хос дорад ва он барои рафъи асабоният, дарди мушакҳо ва табларза кумак мерасонад. Тиамин дар таркиби ҷигар, гурда, марҷумак (гречка), сулӣ (овёс) ва нони ҷавин зиёд аст.

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Оё шумо чойи наҳорӣ менӯшед?*
*2. Шумо ҳангоми нӯшидани чойи наҳорӣ чиҳоро истеъмол мекунед?*

*3. Аз рӯйи мазмуни матн мавзӯи мувофиқ интихоб намоед.*
*4. Нақшаҳои кори ҳаррӯзаатонро чун тартиби рӯз нависед.*

# ДАРСИ 46. ТОЗАГӢ – ГАРАВИ САЛОМАТИСТ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***вобаста ба шароити коммуникативӣ, терминҳои халқӣ ва илмиро аз сарчашмаҳо истифода карда, диолог монолог, полилог, фикри худро бо исботу ҷамъбаст баён намудан. Пешвандҳоро фарқ карда тавонистан, вазифаашонро донистан ва ҷойи онҳо дар ҷумла.***



## *Машқи 81. Матни зеринро хонед.*

Об манбаи ҳастии ҳамаи мавҷудоти олам аст. Об захираи бузургест, ки воқеияти он ҷаҳону зиндагониро таровату зебоӣ ва сарсабзиву озодагӣ мебахшад. Ҳастии гулу гиёҳ, ҳайвоноту наботот, растаниву инсоният, хосса зиндагии осоиштаву ободӣ ва озодагиву пурбаракатӣ ҳама ба об, вобастагӣ дорад. Обро инсон барои нӯшидан, пухтани хӯрок, шустушӯӣ, сохтани манзил, тозагии кӯчаҳо, обёрии заминҳо истифода мебарад. Инчунин одам бо роҳдои обӣ завраќу киштӣ ронда, ҳар гуна бор ва мусофиронро мекашонад. Оби шаршарадор турбинаҳоро ба ҳаракат даровaрда, ҷараёни электрикӣҳосил мекунад. Бо қувваи оби зиёд чархи санги осиёб, дастакҳои обҷувоз ҳаракат мекунанд. Кори ягон соҳаи саноат бе об пеш намеравад. Дар фабрикаву заводҳо обро барои тайёр кардани маҳлули рангҳо, оҳар додани матоъ, коркарди пӯст, тайёр кардани қоғаз, собун, нонпазӣ, нӯшокиҳои гуногун истифода мебаранд.



Модоме ки асоси зиндагии ҳамаи мавҷудоти олам обро медонем, пас вазифадорем, ин маъхази бузургро чун асоси ҳастӣ, чароғи равшанидиҳанда, созгори дунёи ҳастӣ эҳтиром намоем, тозаву озода нигоҳ дорем, нагузорем, ки нохалафе

ин мӯъҷизоти бузургро ифлос гардонад, ба он партовҳо партояд ё ягон амали носазое нисбати он раво бинад, зеро:

*Зи ҷӯе, ки хӯрдӣ аз он оби пок,*
*Набояд фикандан дар он сангу хок,*

Тоза нигоҳ доштани об ва муқаддас шумурдани он, қимат донистани ҳар қатраи ин мӯъҷизаи бузург қарзи ҳар як инсони асил аст, зеро об на танҳо ҳамчун манбаи ободӣ, балки маъхази нуру рӯшноӣ ва маҳсули шодиҳои олами ҳастист.

*Об бошад гавҳари қимматтар аз лаълу гуҳар,*
*Покии ҳар қатраи он покии хайрулбашар.*

Об ҳаст ободӣ ҳхаст, мегӯянд. Об аст, ки кулли мавҷудоти олам дар афзоишу рушду нумӯъ ва пояндагӣ ӯ қарор дорад. Об аст, ки дар дами марг қатрае аз он ошомида инсон нафас рост мекунад. Об аст, ки гулу гиёҳ аз он рангу бӯй, таровату пояндагӣ мегиранд. Бе об ҳаёт маъно надорад. Зиндагиро аз ҳастии об асос аст. Мутаассифона баъзе аз инсонҳои беандеша ва номурод дидаю диниста обҳоро ифлос мегардонанд. Дар дарёҳо партовҳо мепартоянд. Обро бе сарфаю сариштакорӣ истифода мебаранд, ки ин ба касодиҳо оварда мерасонад. Дар ҳамаи китобҳо сарфаю сариштакорӣҳамеша тақозо карда мешавад ва тозаю озода нигоҳ доштани он,макруб накардани ҳар қатраи он вазифаи муқаддаси ҳар як шахс диниста мешавад.

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Аз рӯйи стратегияи “БББ” матнро ифоданок хонед.*
*2. Оё шумо ифлос кардани обро мушоҳида кардаед?*
*3. Бо кадом роҳ обро тоза нигоҳ доштан мумкин, намоиш ташкил кунед.*
*4. Мазмуни матнро мухтасар нависед.*

### *Машқи 82. Матни зеринро бо диққат хонед.*

Табиат чӣ зебост. Хониши парандагон, равиши об, нурпошии офтоб ва рӯшноидиҳии моҳтоб дар ҳаёти ҳаряки мо як ҷои аниқи худро дорост. Фаслҳо бошанд ба табиат зебогии дигареро мебахшанд, то ки он ба инсоният ёрирасон бошад. Зимистон бо ҷомаи сафеди худ ҳамаҷоро пӯшонда, ба замин барои дар баҳори пурсабз рӯидани ҳосил қувва мебахшад. Бо омади баҳор ҳамаҷо сабз гашта мусичаҳо бо овози ширини худ ба гӯши деҳқон, ки бо киштукор машғул мегардад, шеърҳо мехонанд. Пас гармии тобистон ба он тухми коридаи деҳқон нигоҳубин карда онро мерӯёнад. Дар тобистон сабзавоту меваҳо ба инсон саломатӣ бахшида ӯро ба фасли тиллогин, яъне тирамоҳи заррин гусел мекунанд. Табиат гӯё бо тилло пӯшида гашта дар кӯчаҳои баргҳои зебои дарахтон ороиши тасвирнашавандаро мебахшанд. Пас аз гармии тобистон салқинии тирамоҳ чӣ хуш мевазад. Қатраҳои борони тирамоҳ аз тиреза лағжида ба шахс ҳисҳои фаромӯшнашавандаро мебахшанд. Деҳқони серкор бошад, ҳосили худро ҷамъ карда чун табиат ба се моҳи истироҳат меравад.

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Мазмуни матнро хаёлан тасвир намуда, аз нав ҳикоя намоед.*
*2. Чаро дар зимистон табиат ба хоб меравад?*
*3. Дар гурӯҳҳо стратегияи “Шаш сарпӯши донишманд”-ро истифода баред.*

## ДАРСИ 47. НОН ҲАМ НОН, НОНРЕЗА ҲАМ НО

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***ба саволҳои муаммовӣ аз сарчашмаҳо мисол оварда, ҷавоби дуруст додан, муқоисаи ҷавобҳои гуногун, шарҳ додани онҳо.***

***услуби матнҳои адабиёти бадеӣ ва ғояҳои публисистии монанд, сохт, фарқияти забониро ҳангоми таҳлил аниқ намудан.***

## *Машқи 83. Матнро хонед ва ба хабари ҷумлаҳо аҳамият диҳед.*

*Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,*
*Нони гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм.*

***М. Турсунзода.***

Нон аз шумори он муқаддасотест, ки дар ҳама давру замон инсон ба он ниёз дорад. Агар дақиқтар андеша ронем, ҳастии инсонро бе нон тасаввур кардан нашояд. Аз ин рӯ, нон бебаҳотарин сарвати ҳаёти моддии инсон аст ва қадру манзалати он дар радифи сарватҳои муқаддаси маънавӣ қарор дорад.

Агар назаре ба оинаи таърих андозем, дарҳол хоҳем фаҳмид, ки одамони қадим бо шикори ҳайвонот рӯз мегузарониданд. Хӯроки асосии онҳо гӯшт буд. Баъдан онҳо оҳиста-оҳиста кишту кори заминро ёд гирифтанд. Нахустин чизи ба замин киштаи онҳо дони гандум буд. Аз ҳамон замон то ин рӯз нон барои инсон неъмати азизу бебаҳо боқӣ мондааст. Қадр кардани нон ҳамчун анъанаи писандида аз як аср ба асри дигар мегузарад. Аз қадим одамон нисбати нон эҳтироми махсус дошта, ҳар резаи нонро ба чашм мемолиданд ва намегузоштанд, ки нон хор шавад. Нон рамзи бебаҳотарини неъмати дунё, хушбахтиву комронӣ, муҳаббату садоқат, дар чаридаи олам шабеҳи шоҳбайте сабт гаштааст. Дар он ҷое, ки нон аст, адабу фарҳанг ва санъат низ ба мушоҳида мерасад. Нон зиннати дастархон, қуввату дармони мардум аст. Дар тӯли таърих ҳазорҳо нафар одамон ба вазъи гарони зиндагӣ рӯ ба рӯ шуда, «нон»-гӯён ҷон додаанд. Ба ин маънӣ Сайидо гуфтааст:

*Муяссар нашуд дидани рӯйи нон,*
*Басе халқ нон гуфта доданд ҷон.*

Халқи тоҷик анъанаҳои фаровони ҳамидаи миллӣ дорад. Масалан, ба зери бистари кӯдак гузоштани нон, меҳмонро бо нону намак пешвоз гирифтан ва ҳангоми сафар нон дар бар доштан ҳар яке рамзи худро дорад.

Хулоса, аввалин чизе, ки ба рӯи хон мегузоранд, нон аст. Оре, нон давлати Худодод ва нерӯи ҷисми инсонист. Бояд зикр намуд, ки муносибати на ҳама одамон бо нон як хел аст, дар ҷомеаи шаҳрвандии мо онҳое, ки нони муфт мехӯранд, ҳеҷ гоҳ ба қадри он намерасанду қимати нонро ҳам намедонанд. Бо мақсади расидан ба қадри нон гузаштагони мо бо зӯри ду бозу нон мехӯрданд. Шоир Мушфиқӣ фармудааст:

*Мудом, эё нури чашмам, Мушфиқӣ, аҳли вафо мебош,*
*Ҳунарро пеша медору ба зӯри хеш меҳӯр нон.*

**Супоришҳо.**

*1.Мазмуни матнро мухтасар баён кунед.*
*2.Вобаста ба мазмуни матн саволхо тартиб диҳед ва калидҷумлаҳоро муайян кунед.*
*3.Дар мавзӯи “Қадри нон” матн тартиб диҳед ва дар онҳо намудҳои хабарро муайян кунед.*
*4.Вазифаи хабарро дар ҷумла гӯед.*

### *Машқи 84. Матнро хонед.*

Шахсе бо бахиле дӯстӣ дошт.Рӯзе бахилро гуфт:

• Ҳоло ба сафар меравам, ангуштарини худ ба ман деҳ, онро бо худ хоҳам дошт, ҳар гоҳ онро бубинам, туро ёд хоҳам кард. Бахил ҷавоб дод,ки:

• Агар маро ёд доштан мехоҳӣ, ҳар гоҳ ангушти худ холӣ бинӣ, маро ёд кун, ки ангуштарин аз фалон хоста будам, надод.

***(М. Авфӣ).***

**Супоришҳо.**

*1.Мазмуни матнро накл намоед.*
*2.Аз рӯйи мазмуни матн мавзӯи мувофиқ интихоб намоед.*
*3.Ба мазмуни матн саволҳо тартиб диҳед.*
*4.Матнро аз рӯйи стратегияи “Жигсо” муҳокима намоед. Ҳар як гурӯҳ фикратонро ба якдигар хаттӣ баён кунед.*

### *Машқи 85. Бо ҷадвали зерин кор кунед. Намудҳои феълро фаҳмонед.*

Намудҳои феъл

Феъли сода

Феъли сохта

**Супоришҳо.**

*1. Бо истифодаи намудҳои феъл ҷумлаҳо тартиб диҳед.*

*2. Ҷӯмлаҳоро таҳлили морфологӣ кунед.*

**Феъли таркибӣ**

***Машқи 86. Аз феълҳои дар поён овардашуда матн ҳосил кунед.***

*Хон, рав, фиристон, оғоз кун, навиштанд, донистанд, нақл намуданд, намешавад, мумкин нест, хабар дод.*

**Супоришҳо.**

*1. Бо феълҳои амр ҷумлаҳо тартиб диҳед.*

*2. Феъл чанд замон дорад гуфта диҳед.*

*3. Бо феълҳои таркибӣ 3 – 4 ҷумлаҳо тартиб диҳед.*

## ДАРСИ 48. РАФТИ ТАРТИБИ КОР

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***порчаҳои матнро шунида истода , пешгӯйи кардани инкишофи воқеа ва хотимаи он.***

***Тафовути услуби расмӣ ва публисистиро бо воситаи дастгоҳҳои забон шиносонидан***

***Машқи 87. Хонед. Супоришҳоро дар гурӯҳҳо иҷро намоед.***

1. Диҳӣ – мегирӣ, коштӣ – медаравӣ.
2. Аз як дона гандум атола пухта намешавад.
3. Касе, ки сараш дард намекунад, ҷӣ парво дорад.
4. Кадом ангуштро нагазӣ, як хел дард мекунад.
5. Касе, ки худаш афтид, гиря намекунад.
6. Касе, ки оҳиста роҳ равад, хеле дур меравад.
7. Аз дасти одами бад оби ҳаёт диҳад ҳам манӯш.
8. Бо ароба ҳам харгӯшро дастгир мекунад.
9. Сӯзиши сухан дардноктар аз сӯзиш дар оташ аст.
10. Ба одами бад некӣ кунӣ, қадрашро намедонад; ба одами нек бадӣ кунӣ, фаромӯш намекунад.
11. Риши сафедшуда дигар сиёҳ намешавад.

12. Аз гап гап мебарояд, агар хомӯш истӣ, аз кучо он барояд.
13. Сухане хуб аст, ки кӯтоҳ бошад.
14. Пир дар байни ҷавонон нодон мешавад, ҷавон дар байни пирон – доно.

**Супоришҳо.**

*1. Ҳар як зарбулмасали дар боло овардашударо дар гуруӯҳҳо маънидод кунед.*
*2. Зарбулмасал ва мақол аз ҳам чӣ фарқ дорад?*

***Машқи 85.Ҷумлаҳоро нависед ва фразеологизмҳои ишорашударо шарҳ диҳед. Гӯед, ки онҳо дар ҷумлаҳо ба чӣ вазифа омадаанд.***

1. Аз суханони пур аз таҳсин ва ҳайратангез мо ҳамчун одамони мамлакати хеш **курта-курта гӯшт гирифтем** ва **сарамон ба осмон расид.** (М.Т.)

2. Қорӣ Ишкамба бо шунидани ин пешниҳод **ба пӯсташ намеғунҷид**. (С.А.)

3. Агар аз баъзе таъсирҳои ҷузъии забони ӯзбекӣ **чашм пӯшем,** содатарин ва софтарини лаҳҷаҳои форсӣ забони тоҷикӣ аст. (С.А.)

4. Дар ин миён гург ҳам набуд, маълум аст, ки инҳоро **гургони дупо рабудаанд**. (С.А.)

**Бо истифода аз фразеологизмҳои зер ҷумлаҳо тартиб диҳед ванависед.**

Дарди сар, арақи ҷабин, ду мағзи як бодом, коҳи кӯҳнаро бод додан, чамш дӯхтан, панҷ панҷааш ҳунар, дилу бедилон, аз худ рафта.

### *Машқи 89. Аз рӯйи нақша ҷумлаҳо тартиб диҳед ва сабаби гузоштани аломатҳои китобатро шарҳ диҳед.*

1.------------------------------------ ва ------------------------------------
2. --------------------------------------, вале ------------------------------------
3.-------------------------------------, ё ----------------------------------------
4.---------------------------------------, аммо ----------------------------------
5.--------------------------------------- ва -----------------------------------------
6.--------------------------------------- у -----------------------------------------

**Супоришҳо.**

*1. Таърифи ҳиссаҳои нутқро гӯед.*
*2. Чаро пайвандакҳо аъзои ҷумла шуда наметавонанд?*

### *Машқи 90. Матни зеринро давом диҳед.*

Зеҳнатро ба як ҷо ҷамъ карда хон. Ба кунҷковӣ амал кун. Гуфтаҳои устодонро бодиққат гӯш кун ва супоришҳои онҳоро аз тахти дил иҷро намо. Дар машғулотҳо худатро бо боварии комил нишон деҳ. Ба машғулотҳо дар вақташ омада, вазифаҳоро иҷро намо...

**Супоришҳо.**

*1. Ба матн мавзӯи мувофиқ интихоб намоед ва бо суханони худ мазмуни онро нақл кунед.*
*2. Аз матн феълҳои амриро навишта гирифта, онҳоро ба феълҳои ҳикоягӣ баргардонед.*
*3. Боз кадом масъулияти хонандагонро медонед?*

### *Машқи 91. Ҷумлаҳои зеринро хонед ва ба дафтаратон нависед.*



1. Аз дастат ояд, корҳои иҷро мекардагиатро як нафас ҳам дер накун. 2. Олим бошӣ, олам аз они ту. 3. Ҳар қадар некӣ кун, ки аз ин накӯтар нест... 4. Кӣ гуфтааст, дар тӯли даҳр чист аз некӣ хубтар ! 5. Бекор бошӣ, китоб хон, ҳусни хатро зебо кун, хатат саводнок мешавад. 6. Заминро сер дорӣ, замин туро сер мекунад. 7. Заминро парвариш кунӣ, ҳосилат пурбор мешавад. Дурӯғ гуфта нафъ барӣ, дар охир зиён мебарӣ.

**Супоришҳо.**

*1.Ҷумлаҳоро хонед ва феъҳоро муайян кунед.*
*2. Бо воситаи феълҳои таркибӣ худатон мустақил ҷумлаҳо созед.*
*3.Кадом намуди ҷумлаҳоро медонед, гӯед.*

### *Машқи 92. Ҷумлаҳои зеринро хонед ва нависед.*

1. Соат ҳашт шуд, аммо мудири банк аз Сариағоч наомад. 2.Додоҷон каланд мезад, вале фикраш ба дӯсташ Азиз банд буд. 3.Он замин шудгор набуда, балки дарёи Келес яхбаста будааст.

*4. Дев бо одам наёмезад, матарс,*
*Баъд битарс аз одамони девсор.* *(Саъдӣ)*

*5. Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.* *(Рӯдакӣ)*

**Супоришҳо.**

*1. Аз ҷумлаҳои дар боло овардашуда пайвандакҳоро муайян кунед.*
*2. Байтҳои назмро ба наср баргардонед.*
*3. Ба зери феъҳо хат кашед.*

### *Машқи 93. Ҷумлаҳоро нависед, феълҳои шартиро маънидод кунед.*

1.Агар ҳаёт ангуштарин бошад, нигин муаллим, агар ҳаёт шоир бошад, сухан муаллим.2.Ман агар ба суханам вафо кунам, ҳамаи муаммоҳоям ҳал мешавад.3.Агар кори дигаронро мо иҷро намоем, нақшаҳоямон зуд амалӣ мегардад.4.Аз меҳнат матарс, аз миннат тарс.5.Дӯстҳоят гар аз ту дур шаванд, бидон ки дар ту манманӣ ва кибру ғурур ҳаст.6.Лозим бошад, барои ҳақиқат ҷонатро фидо кун.

**Супоришҳо.**

*1.Ҷумлаҳои матнро хонед ва маънидод намоед.*

*2.Аз матн ҷумлаҳои феъли шартӣ доштаро муайян кунед.*




## *Машқи 94. Аз рӯйи ҷадвали зерин мисолҳо биёред.*




**Супоришҳо.**

*1. Аз рӯйи нақша ба 3 намуди феъл мисолҳо биёред.*

*2. Тафовути байни феъҳоро гуфта диҳед.*

*3. Аз рӯйи ҷумлаҳои тартиб додаатон матн созед.*

### *Машқи 95. Панду ҳикматҳои зеринро хонед.*

1.Чу гуфтори беҳуда бисёр гашт,
Сухангӯй дар анҷуман хор гашт.
2. Шунида суханҳо фаромӯш макун
Ки тоҷ аст бар фарқи дониш сухун.
******************************(Фирдавсӣ)

3. Қадру баҳои мард на аз ҷисми фарбеҳ аст,
Баъд қадри мард аз сухану илми пурбаҳост.
******************************(Носири Хисрав)

4. Сухан бояд ба дониш дарк кардан,
Чу зар санҷида, он гаҳ харҷ кардан.
******************************(Низомӣ)

5. Оламеро як сухан вайрон кунад,
Рӯбаҳони мурдаро шерон кунад.
*******************************(Румӣ)

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Мазмуни шеърро аз рӯйи фаҳмиши худатон гуфта диҳед.*
*2. Гуфторҳои доир ба сухан гуфташударо шумо чӣ тарз қабул кардед?*
*3. Байтҳои якум ва дуюмро аз назм ба наср баргардонед.*

## ДАРСИ 49. ОДОБИ ТАЪОМХӮРӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***бо воситаи ҷумлабандӣ ва оҳанги шахси гӯянда,мавзӯи матнро интихоб намудан, инкишофи сатҳи фикрронии хонандагон.***
***Истифодаи стратегияи хониш,, шарҳ додан, хондани ифоданок, хониши таҳлилӣ.***

### *Машқи 96. Ҷумлаҳои зеринро хонед ва мазмуни онҳоро шарҳ диҳед.*

1. Борон нарм-нарм ба рӯяш сила мезад, гили нам варақ-варақ аз нақши пояш мехест. 2. Деҳ чун ҳамеша барвақт дар хоб буд. 3. Ниёз қаблан дар чунин ҳоле пеш наафтода буд. 4. Кампирак боҳавсала номаҳоро як-як таҳ карда, дар сандуқ мемонад. 5. Шаҳрвандон ҳама пасрӯ

ҳаракат мекарданд. 6. Модар дарро оҳиста ва бесадо мекушояд, модар чун фариштаи Осмон сабук ва беовоз роҳ мегардад. 7. Садриддин Айнӣ ниҳоят бомантиқу воқифона ҳарф мезаданд.

**Супоришҳо.**

*1. Ба маъно ва мазмуни ҷумлаҳо эътибор диҳед ва ба хусусиятҳои фоидаовари онҳо таъриф диҳед.*
*2. Худатон мустақил аз чунин гуна ҷумлаҳо матн тартиб диҳед.*
*3. Ҷумлаҳоро таҳлили морфологӣ кунед.*



***Машқи 97. Матни зеринро хонед. Сараъзоҳоро аз дохили ҷумлаҳо муайян карда, ба зерашон хат кашед.***

### *Одоби таъом хӯрдан*







Бояд бо дастри рост хӯрд. Бояд дастҳоро шуст.Аз назди худ хӯрд, агар таом дар як табақ бошад ва чанд кас дар он шарик бошанд. Бо се ангушти хурд, хӯрд, но бо кули панҷа. Таъомро аз андоза зиёд нахӯрд, балки сер ношуда аз таом даст кашад. Дар ҳолати такя зада ва ё ба пушт ва ё истода нахӯрд. Бояд хӯрокро дар ҳолати гармии зиёд нахӯрд, балки каме гузошт, то ҳарораташ кам шавад. Ҳамчунини аз таъом айб нагирад. Таъомро болои таъом нахӯрд, яъне сер бошаду боз аз болояш таъом хӯрд. Дар таъом бояд пуф накунад, ба хотири хунук кардан. Агар луқмае аз дасташ ба замин ё дастархон афтод, бояд гирифта пок карда хӯрд. Бе иҷозати касе дар таоми ӯ шарик нашавад.

**Супоришҳо.**

*1. Мазмуни матнро бо ҷумлабандии худатон баён кунед.*
*2. Дар бораи одоб ва қоидаҳои таъомхӯрӣ намоиш ташкил кунед.*
*3. Аз матн пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунандаро ба сутунҳо ҷудо карда нависед.*

*Машқи 98. Порчаро ифоданок хонед ва маънидод кунед. Муайян созед, кикадом мисраъ ба унвони шеър мувофиқ аст.*

*Агар бозҷӯйӣ хато аз савоб,*
*Наёбӣ яке ҳамнишин чун китоб.*
*Нахоҳад зи гетӣ магар коми ту,*
*На ҳаргиз ба зиштӣ барад номи ту.*
*Зи кори ҷаҳонат диҳад огаҳӣ,*
*Биёмӯзадат роҳу расми беҳӣ.*
*Бувад сӯйи озодагӣ раҳнамун,*
*Кунад мардро дину дониш фузун.*
*Китоб аст оинаи рӯзгор,*
*Ки бинӣ дар он розҳо ошкор.*
*Чунин ҳамнишин гар ба даст оварӣ,*
*Нашояд, ки бигзорию бигзарӣ.*

***Бадеъуззамон Фурӯзонфар.***



**Савол ва супоришҳо.**

*1. Тарзи ба сатри дигар гузаронидани калимаҳои ҳамнишин,раҳнамун, кимиё, аҳамият, Одина, муаззам-ро шарҳ диҳед.*
*2. Гӯед, ки кадом ҳиссаи калимаҳо зада намегирад.*
*3. Дар кадом калимаҳо зада дар ҳиҷои аввал меафтад?*
*4. Дар калимаи биёмӯзад миқдори овоз ва ҳарф баробар аст?*



*Машқи 99. Зарбулмасал ва мақолҳои зеринро хонед ва шарҳ диҳед.*



I. Ватан сар мешавад аз гоҳвора,
Зи шири поку аз пистони модар,
Ватан сар мешавад аз он тавора,
Ки онро сохта дастони модар.

Ватан беҳбудию беҳрӯзии мост,
Ватан хушномию фирӯзии мост

II. 1. Қуввати мушт аз ҷамъи ангуштон аст.
2. Хоҳӣ, ки душманат мағлуб гардад, дӯстонро аз даст мадеҳ
3. Аз як даст садо намебарояд.

4. Қудрат дар иттиҳод аст.

1. Дар олам чанд муқаддасоти ягона ва такрорнашавандае мавҷуд аст, ки Модару Ватан низ ба он шомил мегарданд. Ҳисси ватандӯстӣ ва дараҷае расидааст, ки хокашро аз тахти Сулаймон ва хорашро аз лолаву райҳон хуштар медонанд.

2. Аз ин байти пурмазмун чунин андеша бармеояд, ки Ватан ифтихор, шаъну шараф, ноёбтарин неъмат, сарвати бебаҳост, ки онро ба ҳеҷ ганҷе наметавон иваз намуд.

3. Ороmиву шукӯҳ ва шукуфоии Ватан ба масъулияти ҳар як сокини он вобаста аст.

4. Агар Ватан орому осуда буда, дар саросари он сулҳу субот ҳукмрон бошад, нозу неъмат фаровон гашта, муҳаббати мардум меафзояд.

5. Дар он ҷое. ки пояҳои маънавиёт устувор набошанд, акси ин ҳол ба миён меояд.

6. Муҳаббат ба Ватан асосан дар давраи кӯдакӣ зоҳир шуда минбаъд ташаккул меёбад.

7. Инсон ба ҳар зарра хоку ҳар қатра оби Ватанончунон дил мебандад, ки бе оннаметавонад хушбахту бахтиёр бошад.

8. Ҳиссиёти ватандӯсти ин худ садоқат ба Ватан, саъю кӯшиши ба нафъи вай хизмат кардан мебошад.

## ДАРСИ 50. ПАНДУ АНДАРЗҲОИ МУФИД

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***порчаҳои матнро шунида истода пешгӯйи кардани инкишофи воқеа ва хотимаи он.***

***Тафовути услуби расмӣ ва публисистиро бо воситаи дастгоҳҳои забон шинос намудан.***

***Машқи 100. Ҷумлаҳои зеринро хонед ва маънидод кунед.***



*Бирав, бо халқ хушгӯ бошу хушхӯ,*
*Ки хун аз тарбият шуд мушки хушбӯ.*

**(Носири Хусрав)**



*Замона гуфт маро: Хашми хеш дор нигоҳ,*
*Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст.*

**(Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ)**

*Забоне, ки андар сараш мағз нест,*
*Агар дур биборад, ҳамон нағз нест.*
***(Абулқосими Фирдавсӣ)***

*Сухан гарчи бошад чу оби зулол,*
*Зи такрор хезад ғубори малол.*
***(Абдурраҳмони Ҷомӣ)***

*Дар сухан воҷиб аст ҳусни баён,*
*Ҳақ аз он гуфт раталил Қуръон.*
***(Абдурраҳмони Ҷомӣ)***



**Супоришҳо.**

*1. Байтҳоро ифоданок хонед ва маънидод кунед. Хулосаи худро номи мувофиқ гузошта, мухтасар нависед.*
*2. Аз рӯйи мазмуни пандҳои овардашуда мустақил матн созед.*






***Машқи 101. Ба ҷои нуқтаҳо фразеологизмҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро нависед.***

1. Аз қиёфааш маълум буд, ки ӯ каме шарманда, як андоза.... (С.А.)
2. Падарам аз хурсандӣ.......... (С.А.)
3. Ман барои пурра ва пухта дидани рӯи ӯ чашмамро ба ӯ......(С.А.)
4. Акаам ба ин савол ҷавоб ёфта натавониста..... шуд. (С.А.)
5. Баъд аз он ки ман шашмақомхониро........, маро ҳамроҳи худ ба меҳмониҳо бурдан гирифт. (С.А.)
6. Ман ду моҳи дароз...... дар ҳавлии Латифҷон махдум истодам. (С.А.)

*(об карда хӯрдан, дандон ба дандон мондан, дар куртааш нагунҷидан, суп-сурх шудан, чашм дӯхтан, худро гум кардан).*

**_Машқи 102. Шеърро бодиққат хонед ва ҳар мисраи онро шарҳ диҳед. Сипас мубтадои ҷумлаҳоро ёфта, ҷойи онҳоро аниқ созед._**

*Гул саҳар лаб во кунад аз хандаҳои офтоб,*
*Мекушояд сафҳаҳои фикри одамро китоб.*
*Рӯзгори одамӣ пур аз фарозу шебҳост,*
*То ба бахре рӯд резад ҳаст дар ранҷу азоб.*
*Тоб овардан ба ҳар як мушкилӣ шарт асту фарз,*
*Оҳан андар обу оташ сахт ёбад обутоб.*
*Ноумедӣ дар раҳи умедҳо бошад хато,*

*Орзу хандад ба рӯят, гар кунӣ кори савоб.*
*Зиндагӣ побастаи хушкомию нокомиҳост,*
*Мол зери пӯст фарбеҳ шавад, гоҳе хароб.*
*Аз шитоби умру аз заъфи бадан ҳаргиз манол,*
*Сол дорад ҳам баҳору ҳам хазон андар ҳисоб.*
*Шодии рӯйи замин аз осмон н-афтодааст,*
*Аз ғами садсолаҳо шуд он бо ҳастӣ комёб.*

**_(Ашӯр Сафар)_**

**Савол ва супоришҳо.**

1. *Ба мазмуни мисраъҳои шоир розиед? Чаро?*
2. *Байти сеюмро чӣ тавр мефаҳмед?*
3. *Дар маҷмӯъ чӣ натиҷа гирифтед аз шеър?*
4. *Чаро мубтадо дар ҷойҳои гуногун омадааст?*
5. *Шеърро ифоданок хонед ва азёд кунед.*

**_Машқи 103. Ҷумлаҳои зеринро нависед._**

## *Ҳасрати дарахт*

Аввалин нафароне, ки гирди мо ҷамъ омаданд,кӯдакон буданд. Онҳо шохчаҳои моро буридаю шикаста, чиллаку лоф месохтанд. Ҳар бор, ки шохчаи моро мешикастанд, бисёр мехостам, ки аз сахтии дард фарёдкашам. Вале чӣ кунам, ки забони маро онҳонамефаҳманд. Гӯё чизе рух надода бошад, дар рӯйисабзаҳои навруста марра месохтанду чиллаку лофбозӣ мекарданд. Ёдам ҳаст, боре чиллак ногаҳон

ба ангуштияке аз онҳо заду хуншор кард. Оҳи дардноке кашида, ба гиря даромад. Дарди худро хуб ҳис кард, аммо дардиморо не!

***Азим Байзоев.***

**Супоришҳо.**



*1. Порчаро хонед. Ҷумлаҳои онро аз рӯйи оҳанг ва мақсад шарҳдиҳед.*
*2. Ҷумлаи охирини матнро чӣ тавр мефаҳмед?*
*3. Аз матн ҳтссаҳои ёридиҳандаи нуқро ҷудо кунед.*
*4. Тобиши маънoии пайвандакҳои истифодашударо гӯед.*

## ДАРСИ 51. ҒИЗОИ СОЛИМ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***ба саволҳои муаммовӣ аз сарчашмаҳо мисол оварда, ҷавоби дуруст додан, муқоисаи ҷавобҳои гуногун, шарҳ додани онҳо***
***Бо тарзи нигоҳ доштани сохти маълумотҳо, навиштани фикрҳо ба матни тасвирӣ. (нишони шартӣ, расм, нақша).***

### *Машқи 107. Матнро хонда, хабарҳои феълии сода ва таркибии онро ёбед ва шарҳ диҳед.*









Баҳор омад, давчаҳо аз гул баромаданд, навдаҳоитутҳои балхӣ ғӯра бастанд, дарахтони хасактут барои хӯроки кирмакҳои пилла каллак шудан гирифтанд; ҷӯйи Мазрангон бо лойоби селоби баҳорӣ пур аз сурхоб шуда мешорид; деҳқонон ҷуфт мебастанд, замин меронданд, дандонамола мекарданд ва мекиштанд; фароштурукҳо лойҳои шиттаро ба шакли пунбадона лӯнда карда оварда, дар шифтҳои хонаҳо – дар паҳлӯиболорҳо бо камоли маҳорат ба тарзи нимкиштӣ барои худ хона месохтанд. Лаклакҳо бар пештоқи дарвозаи мазор барои худ ошёна мебастанд ва аз дарёбод, аз миёни сусзорҳо морҳои обиро шикор карда оварда мехӯрданд. Мурғони титави товусранг, ки болу парҳояшон бо рангорангтоби назаррабо буданд, аз лаклакҳо хӯсида, аз таги буттае ба таги буттаи дигаре меҷаҳиданд ва бо қақоси ҳаяҷономези худ ҳамҷинсҳояшонро аз хавф огоҳ мекарданд.

Хулоса, аз одамон гирифта то парандагон ва растаниҳо – ҳама чиз дарҳаракат буд.

***Садриддин Айнӣ.***

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Дар матн хабарҳои феълии сода бештар истифода шудаанд ётаркибӣ?*
*2. Фарқи хабарҳои содаро аз таркибӣ дар чӣ мебинед?*
*3. Хабарҳо – феълҳои матн асосан чӣ маъноҳоро ифода меку-нанд?*
*4. Мухтасар мушоҳидаи худро аз фасли баҳор нависед.*

### *Машқи 108. Ҷумлаҳоро нависед ва ба ҷойҳои лозима аломатҳои китобаташро гузоред.*

1. Росташ, ки дар вақти таҳсил дар мактаб дар ҳар мавзӯъ маърӯзаҳои бисёре ва фоидабахше шунидем.

2. Баъзан, ҳатто кишти ғалла норасида зери барф мемонад. Ин ҷонаки ҷонам хонаи падари ман.

3. Ба гумони ман шайтонҳо аз даруни шӯълаи тилисмоте, ки болои сари мо истодааст мебароянд!

4. Ташаккур, ҳама чиз дар ин ҷо ёфт мешавад, - дарҳол ҷавоб дод устод.

5. Хушбахтона вохӯрӣ бо интихобкунандагон ба хубӣ анҷом ёфт.

**Супоришҳо.**

*1. Се ҷумлаи аввалро таҳлили морфологӣ кунед.*
*2. Аз ҷумлаҳои боло ҳиссаҳои ёридиҳандаро муайян кунед ва нависед.*
*3. Вазифаи аломатҳои китобатро шарҳ диҳед.*

### *Машқи 109. Матнро хонед ва маънидод кунед.*

Аз шунидани овози устод рангам канд, дасту поям баларза даромад. Дарҳол ба устод нигаристам, устодишора кард, ки ба наздаш равам, зуд рафтам, ба нишастан таклиф кард. Ягон боре ҳам дар қатори якум, илова бар ин дар паҳлӯи шахсони мӯътабар нишастанро ҳатто хаёл ҳам накарда будам. Аммо гардонидани сухани устодро камоли беадабӣ донистам, нишастам. Сӯҳбат сар шуд. Устод баланд-баланд гап мезад. Ба фикрам, на танҳо дар раёсат будагон, балки нисфи ҳозиронсухани ӯро мешуниданд. «Деҳотӣ,– гуфт

устод, - достонатро ба ман оварда нишон дод, хондам». Аз ин хабарихуш хурсанд шудам... Устод илова намуд: «Дар бораисохтмони азими Вахш манзума навиштан ҷуръати калонест... Барои ту аз ҳаёти сохтмон навиштан нисбатаносонтар аст. ҳамаи он воқеаҳои аҷоиб дар пеши назариту ба вуҷуд меоянд. Афсӯс ки шеърнавис нестӣ...». Баъд устод гуфт, ки дар ин рӯзҳо китобат аз чоп мебарояд ва пурсид:

– Ин китоби нахустинат будааст?

– Бале.

– Муборак шавад! – дастамро самимона фишурдагуфт.

***Мирсаид Миршакар.***

**Супоришҳо.**

*1. Ба матн мавзӯи мувофиқ гузоред.*
*2. Мазмуни матнро бо ҷумлабандии худатон нақл кунед.*
*3. Аз рӯйи матн дар се гурӯҳ саволҳо тартиб диҳед.*
*4. Аз матн феълҳои сохтаро ёфта ба дафтаратон нависед.*

***Машқи 110. Шеърро ифоданок хонед. Мазмуни онро шарҳ диҳед.***

*Эй кӯдаки Деҳот! Кунун тарки хоб кун,*
*Паймой роҳи донишу дар бар китоб кун!*
*Бедонишӣ бас аст, хусусан дар ин замон,*
*Бархез баҳри рафтани мактаб шитоб кун!*
*Дониш чароғи роҳи саодат шавад туро*
*Аз ин ту шоми тираи худ маҳтоб кун...*

***Абдусалом Деҳотӣ.***

**Супоришҳо.**

*1. Аз мазмуни шеър ба чӣ хулоса омадед?*
*2. Мисраи “Дониш чароғи роҳи саодат шавад туро”-ро маънидод кунед.*
*3. Порчаи шеъриро ба наср баргардонед.*

# ДАРСИ 52. МАҲСУЛОТИ ШИРӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***эзоҳ додан ба фикри муаллиф, истифодаи сарчашмаҳо аз китоби дарсӣ, маҷалла-рӯзнома, энциклопедия, интернет.***
***Бо тарзи нигоҳ доштани сохти маълумотҳо, навиштани фикрҳо ба матни тасвирӣ. (нишони шартӣ, расм, нақша).***

***Машқи 111. Хонед.***

***Шир***



Худи ширро ҳамчун таоми алоҳида дар тамоми манотиқи кишвар тановул менамоянд. Ширро мардуми тоҷик ҳам дар шакли хом ва ҳам пухта истеъмол мекунанд. Бояд бигӯем, ки шири хомро ҳамчун саршир истеъмол мекунанд. Аксаран субҳгоҳон аз шири хоми дар ҷои безарар гузошта шуда, пас аз тагшин шудан саршири онро, ки хело серғизо аст, барои истеъмол мегиранд. Сарширро, ки қаймоқ низ меноманд, дар тамоми манотиқи кишвар субҳгоҳон истифода мебаранд. Мавриди зикр аст, ки на ҳама вақт ва на дар ҳама ҷой ба шир намак меандозанд.

***ШИРИ БУЗ***

Хислатҳои шифобахши он: инро биёшоманд, назлаҳоро манъ мекунад. Агар бо ин ғарғара кунанд ё инро дар даҳон гардонанд, варамҳои забончаи халк, ком ва варами забонро таҳлил медиҳад. Агар инро дар бинӣ ва гӯш бичаконанд, майнаро намнок месозад. Хушкии он, бехобӣ ва дарди гӯши аз гармӣ баҳамрасидаро дафъ мекунад. Ва латтаеро дар ин шир тар карда, ба пеши сар бигузоранд ҳам, чунин хосиятро дорад.

Шири буз барои табҳои дик (лоғаркунанда) ва табҳои гарми кӯҳна даво мешавад.Агар ба шири буз зарпечак дохил карда биёшоманд дар ин ҳолат обияти он барҳам мехӯрад ва ба ҷойи рондан дарунро мебандад. Тухми райҳонро кӯфта, дар шири буз пухта гузошта банданд, варамҳо, пучак, чиртак ва донаҳоро мепазонад ва мекафонад.

**Супоришҳо.**

*1. Мазмуни матнро бо ҷумлабандии худ нақл кунед.*
*2. Дар гурӯҳҳо бо мавзӯи “ Шир ва ҷиҳатҳои фоидаовари он” намоиш ташкил кунед.*
*3. Бо маҳсулоти шир кадом таомҳоро тайёр мекунанд?*

### *Машқи 112. Аз рӯйи шакл феълҳо ҳосил кунед.*




**Супоришҳо.**

*1. Аз масдарҳои хондан, навиштан, донистан, ёд гирифтан шакли феълҳои замони гузаштаро созед.*
*2. Аз феълҳои сохтаатон ҷумлаҳо тартиб диҳед.*
*3. Се замони феълро таъриф диҳед ва бо мисолҳояш фаҳмонед.*

### *Машқи 113. Матнро хонед ва замонҳои феълро аниқ кунед.*

Чунон шунидам, ки марде ба саҳаргоҳ ба торикӣ аз хона берун омад, то ба гармоба равад. Дар роҳ дӯстеро аз они хеш бидид. Гуфт:

—Мувофиқат кунӣ бо ман то гармоба равем. —Дӯст гуфт:

—То ба дари гармоба бо ту ҳамроҳӣ кунам, лекин дар гармоба натавонам омад, ки шуғле дорам.

То ба наздики гармоба бо вай бирафт, ба сари дуроҳӣ расиданд ва ин дӯст пеш аз он ки дӯстро хабар диҳад, бозгашт ва ба роҳи дигар бирафт.

Иттифоқро тарроре (дузде) аз паси ин мард ҳамеомад, то ба гармоба равад ба таррории хеш. Аз қазо ин мард боз нигарист, таррореро дид. Ва ҳанӯз торик буд, пиндошт, ки ӯ дӯсти ӯст. Сад динор дар остин дошт, бар дасторча баста, аз остин берун кард ва бад-он доду гуфт:

— Эй бародар, ин амонат аст, бигир, то ман аз гармоба бароям, ба ман боздиҳӣ!

Таррор аз вай биситонд ва ҳамон ҷо мақом кард. То вай аз гармоба баромад, равшан шуда буд. ҷома пӯшиду рост бирафт. Таррор ӯро бозхонду гуфт:

— Эй ҷавонмард, зари хеш бистону пас бирав, ки имрӯз ман аз шуғли хеш бозмондам аз ҷиҳати амонати ту! Мард гуфт: Ин амонат чист ва ту чӣ мардӣ? Таррор гуфт:—Ман марде таррорам ва ту ин зар ба ман додӣ,. то аз гармоба бароӣ.

Мард гуфт: Агар таррорӣ, чаро зари ман набурдӣ? Таррор гуфт: Агар бар саноати хеш бурдаме, агар ин ҳазор динор будӣ, наандешидаме аз ту ва як ҷав боз надодаме, валекин ту ба зинҳор ба ман супурдӣ ва дар ҷавонмардӣ набошад, ки ба зинҳор ба ман омадӣ, ман бар ту ноҷавонмардӣ кардаме, шарти мурувват набудӣ.

***Унсурулмаолии Кайковус.***

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Амонат-ро чӣ тавр мефаҳмед?*
*2. Зарфҳои матнро ёфта, аз рӯйи маъно шарҳ диҳед.*
*3. Мазмуни матнро мухтасар нависед.*
*4. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед.*
*5. Ҳадафи асосии он чист? Ба матн кадом номро муносиб медонед?*

***Машқи 114. Матнро хонед ва маънидод кунед.***

Гунҷишке хонаи маврусии худро бозпардохту дар фурчаи ошёнаи лаклаке хона сохт.

Ба вай гуфтанд:

—Туро чӣ муносибат, ки ба ҷуссае бад-ин ҳақирӣ бо ҷонваре бад-он бузургӣ ҳамсоя бошию худро бо вай дар маҳалли манзили истиқомат ҳампоя дорӣ?

Гуфт:

—Ман низ ин қадар донам, аммо ба донистаи худ амал натавонам. Дар ҳамсоягии ман морест, ки чун ҳар сол бачагон барораму ба хуни ҷигар бипарварам, ногоҳ бар хонаи ман тозаду бачагони маро қути худ созад. Имсол аз вай гурехтаам ва дар домани давлати ин бузург овехтаам. Умед медорам, ки доди маро аз вай биситонад ва чунон ки ҳар сол бачагони маро қути худ гардонидааст, имсол вайро қути бачагони худ гардонад.

## ҚИТЬА:

*Чу рӯбоҳ дар бешаи шер бошад,*
*Зияд эмин аз захми чанголи гургон.*
*Зи бедоди хурдон амон ёбад он кас,*
*Ки гирад Ватан дар чавори бузургон.*

***Абдураҳмони Ҷомӣ.***

**Шарҳи луғатҳо:**

***маврусӣ—меросӣ***
***фурча—сӯрох***
***ҳақирӣ—хурдӣ***
***чавор—наздикӣ, ҳамсоягӣ***
***дар доман овехтан—ҳамсӯҳбат шудан***



### *Машқи 115. Бо истифода аз фразеологизмҳои зер ҷумлаҳо тартиб диҳед ванависед.*



Дарди сар, арақи ҷабин, ду мағзи як бодом, коҳи кӯҳнаро бод додан, чамш дӯхтан, панҷ панҷааш ҳунар,дилу бедилон, аз худ рафтан.



**Супоришҳо.**

*1. Ба ҷумлаҳои тартибдодашуда саволҳо гузоред.*
*2. Ба мазмуни ҷумлаҳо муносибати шумо.*
*3. Таҳлили синтаксисӣ гузаронед.*



### *Машқи 116. Зарбулмасалҳоро нависед ва вазифаи пешоянди бо-ро маънидод кунед.*

1. Бо бадон бад бошу бо некон накӯ.
Ҷойи гул гул бошу ҷойи хор хор.
2. Бо задан об аз ҳам ҷудо нашавад.
Обу отош бо ҳам якҷо нашавад.
3. Бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд.
4. Бо як гул баҳор намешавад.
5. Марги бошараф беҳ аз зиндагии пурмазаммат.

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Зарбулмасалҳоро шарҳ диҳед.*
*2. Чаро бо калимаи бошараф бо- якҷоя навишта шудааст?*
*3. Аз ин зарбулмасалҳо якеашро чун мавзӯъ интихоб карда, иншое нависед.*

### *Машқи 116. Ҷумлаҳоро нависед.*

1. Аз тарафи бозори хиёбон даранг – даранг овози доира омадан гирифт. (С.А.)
2. Шалап – шалап садои пой шунида мешуд. (Ҳ.К.)
3. Зарраҳои вай ялт – ялт ҷило медоданд. (Ф.Н.)
4. Дар берун ҳанӯз шитир – шитир борон меборид.

**Супоришҳо.**

*1. Оё шумо бо калимаҳои такрор ҷумла тартиб дода метавонед?*
*2. Мақсади истифодаи калимаҳои такрорро фаҳмонед.*

### *Машқи 117. Матнро хонед ва мазмуни онро мухтасар нақл кунед.*

Эргаш акаам ба ман гуфт:
– Ту ба падару модарат савғотӣ намебарӣ?
– Аз ёбони регзор чӣ гуна савғотӣ бурда мешавад? – Ман тааҷҷубкунон аз ӯ пурсидам.
Эргаш боз пурсид:
– Ту занбӯруғ хӯрдаӣ?
– Не, нахӯрдаам, агар хӯрда бошам ҳам, дар ёдам намондааст?

– Бо таъсири борони дирӯза дар регзор чунон бисёрзанбурӯғ рӯидааст, ки ҷувол – ҷувол чидан мумкин аст.Ман барои хонаи худамон як халта чидам. Агар хоҳӣ, барои ту ҳам чида медиҳам.

· Майлаш, – гуфтам ман дар ҷавоби ин таклифи ӯ. Эргаш чӯбдасти подабонии худро ба даст гирифт ва ҳар ду аз хонаи пастаки рег гузаштем, дар хонаи сеюм, ҳар гоҳ ӯҷои дамидагии регро медид, бо нӯги чӯбдасташ он ҷоро мекофт ва аз таги пардаи тунуки рег занбӯруғҳо намудор

мешуданд. Ман ба чидан сар кардам ва қарибдоманамро пур карда будам, ки Эргаш ба ман гуфт:

– Доманатро кушо, бинам, ки ту чиҳо чидаӣ?

• Ман кушодам, ӯ ба занбӯруғҳо як нигоҳ карда:

• Ба замин рез! – гуфт. Ман рехтам, ӯ занбӯруғҳои рехташударо ба ду қисм ҷудо кард... Эргаш қисми калон – калони онҳоро, ки хеле кам буданд, ба ман нишондода:

– Ана инҳо хӯрдашуданӣ ва бомазаанд, – гуфт вагарданборикҳоро нишон дода, сухани худро давом кунонид:

– Инҳо талх ва заҳрдоранд, инҳоро хӯрдан мумкиннест.

***Садриддин Айнӣ.***

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Хома ба кадом маъно омадааст ва боз чӣ маъноҳо дорад?*
*2. Замбӯругро медонед ва дар ҷои шумо чӣ ном дорад?*
*3. Хулосаи матн дар кадом ҷумлаҳо баён шудааст?*

***Машқи 118. Шеърро ифоданок хонед. Шакли замонҳои феълро аз ҷиҳати маъно аниқ кунед ва онро нависед.***

*На ҳамин либоси зебост нишони одамият!*
*Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,*
*Чӣ миёни нақши девору миёни одамият!*
*Хуру хобу хашму шаҳват шағаб асту ҷаҳлу зулмат,*
*Ҳаявон хабар надорад зи ҷаҳони одамият!*
*Ба ҳақиқат одамӣ бошу гарна мурғ бошад,*
*Ки ҳамин сухан бигӯяд ба забони одамият.*
*Магар одамӣ набудӣ, ки асири дев мондӣ?*
*Ки фаришта раҳ надорад ба макони одамият.*
*Агар ин дарандахуй зи табиатат бимирад,*
*Х,ама умр зинда бошӣ ба равони одамият...*
*Таярони мурғ дидӣ; ту зи пойбанди шаҳват*
*Бадар ой, то бубинӣ таярони одамият!*
*На баёни фазл кардам,ки насиҳати ту гуфтам,*
*Худ аз одамӣ шунидам баёни одамият.*

## *Машқи 119. Ба ҷои нуқтаҳо пайвандакҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки пайвандакҳо чӣ нақшеро адо кардаанд.*

Абӯалӣ. .. Чузҷонӣ дар майдон пайдо шуданд.

Дар канори ҷӯ се чинори азими сабз. .. хуррам сар ба фалак кашидаанд.

Абӯалӣ. .. Чағонӣ ҳам оғӯш ба оғӯш шуда бо ҳам видоъ намуданд... баъд донишманд хомӯшона ҳамроҳи Ҷузҷонӣ тез-тез қадам монда рафт.

***(С Улуғзода)***

Сабр талх аст. .. бари ширин дорад. (Мақол)

... ба гапи калон даро,... ба гапи хурд. (Мақол)

... ба зорӣ.... ба зӯрӣ,... ба за р.(Мақол)

(ё...ё, ва. -у, ва, ва. вале).

**Супоришҳо.**

*1. Феълҳои ҷумларо аниқ кунед.*

*4. Ба замонҳои феъл таъриф диҳед.*

## *Машқи 120. Зарбулмасалу мақолҳоро нависед ва вазифаи пайвандакҳоро шарҳ диҳед.*

1. Ё гули саҳро бошӣ, ё санги дарё.
2. Ё гарди мактабхона, ё чанги меҳмонхона.
3. Ё мактаб хону илм ёд гир, ё меҳмонхона шину гап ёд гир.
4. Ё шаҳри азим, ё кӯҳӣ баланд.

**Супоришҳо.**

*1. Мазмуни зарбулмасалҳоро шарҳ диҳед.*

*2. Вазифаи пайвандакҳоро маънидод кунед.*

## *Машқи 121. Матни зеринро хонед ва вобаста ба матн саволҳо тартиб дода нависед.*

Ду дарвеши Хуросонӣ мулозими сӯҳбати якдигар сафар карданд. Яке заиф буд, ҳар ба ду шаб ифтор кардӣ ва дигаре қавӣ, ки рӯзе се бор хӯрок хӯрдӣ. Қазоро бар дари шаҳре ба тӯҳмати ҷосусӣ гирифтор

омаданд. Ҳар дуро ба хонае карданд ва  дар ба гил бароварданд. Баъд аз ду ҳафта маълум шуд, ки бегуноҳанд. Қавиро диданд мурда ва заиф ҷон ба саломат бурда. Дар ин аҷаб монданд.

Ҳакиме гуфт:

• Хилофи ин аҷаб буди. Он як бисёрхор буд, тоқати бенавоӣ  наёвард, ба сахтӣ  ҳалок шуд.Ва ин дигар хештандор буд, лоҷарам ба одати хештан сабр кард ва ба саломат бимонд.

*Чу кам хӯрдан табиат шуд касеро,*
*Чу сахтӣ пешаш ояд, саҳл гирад.*
*Ва гар танпарвар аст андар фарохӣ,*
*Чу тангӣ бинад, аз сахтӣ бимирад.*

***Саъдии Шерозӣ.***

**Шарҳи луғатҳо:**

***мулозими—ҳамроҳ***
***ифтор кардан—хӯрдан***
***ба хонае карданд—дар хонае маҳкам карданд***
***хештандор—худдор,  пархсзкор.***
***лоҷарам—ночор, ногузир, бннобар ин.***

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Ҳикоятро ҳифз кунед.*
*2. Порчаи шеъриро ба наср баргардонед.*
*3. Дар мавзӯи аҳамияти камхӯрӣ нақл нависед.*

***Машқи 122.  Ба ҷон нуқтаҳо пайвандакҳои аммо, вале, ё, ё ин ки гузошта ҷумлаҳоро пурра карда нависед.***

1. Ҳаво торафт гармтар мешуд....
2. Насими форам мевазад. ...
3. Кӣ медонад, ки имрӯз ҳаво гарм мешавад. ...
4. Ягон воқеа рӯй дод. ...

**Супоришҳо.**

*1. Ҷумлаҳо ба кадом фасли сол бахшида шудаанд?*
*2. Дар мавзӯи Баҳор матн тартиб диҳед.*

**Машқи 123. Порчаи шеъриро нависед ва ба зери пайвандакҳо хат кашида, вазифаи онҳоро баён кунед.**

*Дашти васею боғи латифу ҳавои хуш,*
*Саҳрою ҷангалу чаману кӯҳу лолазор.*
*Аз ҳар канор чашма равон асту обшор,*
*Ҳар сӯ баланд замзамаю нолаю хурӯш...*
*Пошида донаҳои гуҳар абри навбаҳор,*
*Ҳамчун арӯси ноз дарахтони навҷавон.*
*Чатри сафеду сабзу гулобию арғувон*
*Бар сар кашида ҷилвакунон ҳар тараф қатор...*

**Пайрав Сулаймонӣ.**

**Машқи 124. Матнро хонед. Барои фаъолияти майнаи сар таомнома чӣ аҳамият дорад. Дар гурӯҳҳо мулоҳиза кунед.**



*Тандурустӣ агар ҳавас бошад,*
*Андаке аз таом бас бошад.*

Вобаста ба мазмуни ин байт мо имкон дорем дар бораи одоби таомхӯрӣ ва аҳамияти кам хӯрдану дуруст интихоб кардани хӯриш сухан гӯем ва ҷавононро ба риояи қоидаҳои ҳаёти солим даъват намоем. Мазмуни байти мазкурро ҳикмати зерини классикӣ тақвият мебахшад: «Сиҳати ҷисм дар чӣ чиз аст? Бо иштиҳои содиқ таом хӯрдан ва ҳанӯз, ки андаке аз иштиҳо боқист, даст аз таом бозкашидан». Дар эҷодиёти ниёгони мо дар бораи аҳамияти варзиши бадан ва машғулият ба шиноварию давидан, гӯштигирию аспдавонӣ ва амсоли инҳо зиёд оварда шудааст. Дар бораи тарбияи ҳаёти солим мо метавонем аз эҷодиёти Рӯдакию Фирдавсӣ, аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковусу «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ... далелҳои ҷолибу таъсирбахш пайдо кунем.

Солим нигоҳ доштани тан ва обутоб бахшидани он бояд як ҷузъи ҳаёти ҳамарӯзаи мо бошад. Дар инсон ҳам зебоии зоҳирӣ ва ҳам ҳусни ботинӣ зарур аст. Зебоии зоҳириро ҳаёти солим ва варзиши бомаром таъмин менамояд. Барои он ки кас солим бошад, бояд аз ҳама гуна кирдору одатҳои ношоиста барканор бошад, худдорӣ кунем.

Шаробзадагӣ, сигоркашӣ барин машғулиятҳо ва риоя накардани тартиби муайяни хуфтухезу нӯшидану хӯрдан боиси хастагии ҷисмонии шахс мешавад. Дар мактабҳо ташкил кардани машқи пагоҳирӯзӣ, сабқатҳои варзишӣ, ҳафтаҳои саломатӣ... барои солимии ҷисмонии ҳамаи мо муҳим ва самаровар аст.

***Аз рӯзнома***

**Супоришҳо.**

*1. Матнро мухтасар нақл кунед.*

*2. Дар гурӯҳҳо дар бораи фаъолияти майнаи сар матн созед.*

***Машқи 125. Матни зеринро нависед.Ҳикоятро ифоданок хонед ва гӯед, кн аз мутолиаи он бачӣ хулоса омадед. Суду зиёни забонро чӣ тавр мефаҳмед? Андешаҳоятонро баён кунед.***

Луқмони ҳаким сиёҳчарда буд. Касе ӯро ба бандагӣ гирифт ва муддате хидмат мефармуд ва аз вай осори илм ва ҳикмат мушоҳида менамуд. Рӯзе хоҷа ба расми имтиҳон вайро гуфт:

—Гӯсфанде бикуш ва беҳтарин аъзои ӯро ба назди ман ор.

Луқмон гӯсфандро бикушт ва дилу забонаш пеши хоҷа овард.

Рӯзе дигар гуфт:

—Гӯсфанде бикуш ва бадтарин аъзояш биёвар.

Луқмон гӯсфанде дигар бикушт ва ҳам дилу забонаш овард.

Хоҷа гуфт:

—Ин чӣ гуна аст?

Гуфт:

—чиз беҳ аз дилу забон нест, агар пок бошад ва ҳеҷ чиз бадтар аз он нест, агар нопок бошад.

***аз «Латоиф-ут-кашоиф «.***

**Шарҳи луғатҳо:**

***расми имтиҳон—тариқи имтиҳон сиёхчарда- -сиёҳпӯст, гандумгун хидмат—кор кардан барои касс, нукар ҳикмат—доноӣ, дониш***

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Чаро хоҷа маҳз ба Луқмон ин корро фармуд?*

*2. Сиёҳчарда-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.*

*3. Дар талаффузи калимаи Луқмон чӣ ҳодисаи забониро мушоҳида мекунед?*
*4. Пок ва нопок будани забонро чӣ тавр мефаҳмед?*

# ДАРСИ 53. МЕЪЁРИ ТАОМХӮРӢ.

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***тартиб додани саволҳои гуногуни муаммовӣ аз рӯйи матн.***
***Пешвандҳоро фарқ карда тавонистан, вазифаашонро донистан ва ҷойи онҳо дар ҷумла.***



*Машқи 126. Матнро ифоданок хонед.*
*Супоришҳоро иҷро намоед.*







Ҷисму ҷони инсон тавассути хӯрдану нӯшидан нерӯ мегираду имконияти фаъолияти ҷисмонию рӯҳӣ пайдо менамояд. Аммо ҳамагуна зарурату талаботи зиндагӣ чун хӯрдан, нӯшидан, истироҳату хоб табиист, ки андозаи худро дорад.

Меъёру андоза вайрон ки шуд, кас нороҳат, заифу бемор мегардад ва ҳатто ӯро марг таҳдид мекунад. Таҷрибаҳои чандинсолаи олимон нишон додааст, ки пурхӯрӣ зиёни беш дорад, вале аз талаботи организм кам истеъмол намудан низ безиён нест. Табибони ҳозиқ маслиҳат медиҳанд, ки кас бояд пеш аз сер шудан аз ғизо даст бикашад.

Чуноне Бадриддин Ҳилолӣ мегӯяд:

*Зи кам хӯрдан шифои ҷону тан бош,*
*Бад-ин қонун табиби хештан бош!*

**Супоришҳо.**
*1. Доираи мавзӯи матнро муайян кунед ва муҳокима намоед.*
*2. Дар асоси таҷрибаатон матнро давом диҳед.*
*3. Ба зери сараъзоҳои матн хат кашед.*

***Машқи 127. Шеърро ифоданок хонед.***

*Ҳар чӣ дорам дар ин ҷаҳон Ватан аст,*
*Ватан асту мадори ҷону тан аст.*

*Гунаҳи мост, ҳолия ин хок*
*Мадфани мурдагони бекафан аст.*

*Бо ҳама ашку хуну тиру туфанг,*
*Чӣ кунам, ин замин диёри ман аст.*

*Гарчи мерос монда аз Ҳурмузд*
*Боз ҳам пойгоҳи Аҳриман аст.*

*Пур зи зоғу заған шуда ин бум*
*Гузари булбулон ба марғазан аст.*

*Ройзан пур шудаст дар девон,*
*Ройзан нест, балки роҳзан аст.*

***Лоиқ Шералӣ.***

**Супоришҳо.**

*1. Шеърро аз ёд кунед ва шаш мисраи онро интихобан нависед.*
*2. Чор мисраи аввалро ба наср баргардонед.*
*3. Дар васфи Ватан боз кадом шеърҳоро медонед?*

**Ҳиссачаҳо, ҳиссаи номустақили нутқ буда, ба калимаҳо ва ё ба мазмуни умумии ҷумла тобишҳои гуногуни маъноӣ мебахшанд. Ҳиссачаҳо имконияти ахборро баланд бардошта, нутқро аниқу ифоданок ва муассир мегардонанд. Бо ёрии ҳиссачаҳо ҳодисае аниқу равшан гашта, тобишҳои шубҳаю тааҷҷуб ва ҷудою инкор ифода меёбанд. Онҳо тағйир наёфта, маънои луғавӣ надоранд ва аъзои ҷумла шуда наметавонанд.**

### *Машқи 128. Матнро хонед ва супоришҳоро иҷро намоед.*

Як рӯбоҳ буд. Рӯбоҳи айёру маккор буд. Як рӯз ягон паррандаро дошта хӯрданӣ шуда, рафта истода буд, ки якбора аз пешаш паланг баромада монд. Рӯбоҳи бечора тарсиду дир-дир ларзиду роҳи гурезро пеш гирифт.

Гурехта рафта истода буд, ки ҷарии чуқуре баромад. Илоҷи гузаштан набуд, чӣ кор карданашро надониста, ба болои як санги калон баромаду ба гиря сар кард.

Паланг ҳайрон шуда, пурсид:

- Эй рӯбоҳ, ба ту чӣ шуд, барои чӣ гиря мекунӣ?

- Оҳ, ман шуморо дидаму падаратон ба хотирам омаданд. Раҳматӣ, ҷояшон ҷаннат шавад, ҳамин қатар нотарсу чобуку чолок буданд, ки аз ҷариҳо чашм пӯшида меҷаҳиданд, аз кӯҳ мепариданд, аз дарёҳо мегузаштанд. Сад афсӯс, ки дидани корномаҳои ин хел далерон ба ман муяссар намешавад. Гиряи ман ана барои ҳамин аст.

Паланг ин гапро шунида, бо ғурур сар бардошту дар пеши рӯбоҳ чусту чолокии худро намоиш доданӣ шуда, аз ҷарӣ ҷаҳид. Ҷаҳиду ба қаъри ҷарӣ рафта зад.

Рӯбоҳ ба таги ҷарӣ нигоҳ карда, писханд зада гуфт:

- Ман медонистам, ки шумо дигару падаратон дигар. Ҳар фарзанд падараш барин намешавад.Афсонаҳои халқи тоҷик.

**Супоришҳо.**

*1. Мақсади рӯбоҳи айёрро шарҳ диҳед.*

*2. Шумо дар роҳи ба мақсад расидан касеро таҳқир кардаед?*

*3. Оё шумо ба доми шахсони дурӯггӯю фиребгар афтидаед?*

### *Машқи 129. Матнро хонед.*

Помидор дар ошхонаи мо яке аз сабзавотҳои асосӣ баҳисоб меравад. Асосан дар фаслҳои баҳору тобистон аз он хӯришҳои гуногун тайёр намуда, истеъмол кардан барои мо одат шудааст. Бе ин маҳсулот ягон таомро тайёр кардан мушкил аст. Помидор на танҳо ба ҷисму тан муфиду судманд аст, балки ба рӯҳия низ таъсири нек дорад. Дар таркиби помидор моддаи табиии тирамин мавҷуд аст, ки дар организм ба серотонин мубаддал мешавад. Маҳз ба туфайли серотонин рӯҳия болида мегардад ва ёрӣ мерасонад, ки ҷисм ба стрес мубориза барад.

Хосиятҳои шифоии помидор бисёр аст: узвҳои асабро қавӣ менамояд, таъсири зиддигазаккашӣ ва зиддибактериявӣ дорад, кори узвҳои ҳозимаро беҳ месозад, мубодилаи моддаҳоро ба эътидол меорад. Хусусияти пешоброни дорад. Помидорро ҳамчун воситаи косметологӣ барои ҷавон сохтани рӯй, ҷаззобу дилкаш сохтани ҳусн, аз байн бурдани ожангҳо низ истифода мебаранд. Ҳамаи ин ба туфайли аз таркибҳои кимиёӣ бой будани он мебошад. Витаминҳои “А”, гурӯҳҳои “В”, “С”, “К”, “РР”, бета-каротин, глюкоза, фруктоза, ғозҳо (клетчатка), моддаҳои пектинӣ дар помидор фаровонанд. Помидор якчанд намуд кислотаҳои органикӣ – ҷавҳари лиму, кислотаи дикорбонат рабо, кислотаи оксалат ва ғайра дорад. Дар таркиби помидор инчунин намакҳои маъданӣ, мисли бор, йод, калий, калсий, фосфор, натрий, магний, оҳан, мис, руҳ ва ғайра фаровон мебошанд. Албатта, ин истилоҳҳои кимиёӣ на ҳамааш ба хонанда фаҳмо аст, аммо пай бурдан душвор нест, ки помидор бо ин қадар таркиби фаровон аз витаминҳо ва маъданҳо ба тану ҷисм нафъи бекарон дорад. Бинобар ин, помидор дар тибу табобат низ ба таври густурда истифода мешавад. Дар таркиби помидор як антиоксиданти бениҳоят пурзӯр бо номи ликопин мавҷуд аст, ки хосиятҳои шифоии зиёд дорад ва ба помидор ранги сурхи хушнамуд медиҳад. Ликопин ба туфайли хосиятҳои табобатиаш аз витамини “Е” садҳо бор боло меистад, қудрати бо бисёр бемориҳо мубориза бурданро дорад. Пеш аз ҳама организмро аз ҳуҷайраҳои бадсифат ҳимоя мекунад.

**Супоришҳо.**

*1. Дар бораи “Ватани помидор” маълумот ҷамъ оваред, нависед.*
*2. Ба ошхонаи мо боз кадом намуди меваю сабзавотҳо дохил шудаанд?*
*3. Дар мавзӯи “Аз гаҳвора то ба гӯр илм омӯз” матн тартиб диҳед.*

# ДАРСИ 54. АЗ СУД ЗАРАР БЕШ НАБОШАД

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***истифодаи стратегияи хониш,, шарҳ додан, хондани ифоданок, хониши таҳлилӣ.***

***Санҷиш ва истифодаи калимаҳои дохили матн вобаста ба мавзӯъ, ивазкунии онҳо бо синоним, санҷиши лексикӣ, таҳрир.***

## *Машқи 130. Матни зеринро хонед. Супоришҳоро иҷро намоед.*

Таомҳои зеринро набояд дар як вақт истеъмол кунем:

- шир ва меваҳои тар;
- шир ва гушти мурғ;
- шириниҳо ва таомҳои равғанӣ;
- шир, ҷурғот ва моҳӣ;
- меваҳои тар ва моҳӣ;
- суманак ва моҳӣ;
- тухм ва моҳӣ;
- нӯшокиҳои хунук ва таомҳои гарм;
- пас аз истеъмоли таомҳои дерҳазмшаванда, истеъмоли таомҳои тезҳазмшаванда.

Таомҳои дар боло зикршуда аз ҷиҳати мизоҷ ба якдигар мувофиқат намекунанд, яъне дар дохили онҳо ду моддаи ба якдигар тезвайроншаванда мавҷуд буда, фаъолияти меъдаро суст мегардонанд. Дар натиҷаи ин омили ба вуҷуд омадани чунин бемориҳо пайдо мешавад:

- бемориҳои пӯст (аллергия, доғҳои гуногун, витилиго);
- дигаргуниҳои мизоҷӣ дар рӯда ва меъдаи инсон, дарунравӣ ва дисбактериоз;
- суст шудани зеҳн;
- вайроншавии ҷараёни ивазшавии моддаҳо, камқувватӣ, пастшавии иммунитет.

**Супоришҳо.**

1. *Мазмуни матнро бо ҷумлабандии худатон шарҳ диҳед.*
2. *Доираи мавзӯи матнро васеъ кунед.*
3. *Дар мавзӯи “Тани солим-хазинаи бебаҳо” эссе нависед.*

## *Машқи 131. Шеъри зеринро хонед ва саразъзоҳоро ёбед.*

*Ду оқилро набошад кину пайкар,*
*На доное ситезад бо сабукбор.*
*Агар нодон ба ваҳшат сахт гӯяд,*
*Хирадмандаш ба нармӣ дил биҷӯяд.*
*Ду соҳибдил нигаҳ доранд мӯе,*
*Ҳамедун саркаше в-озармҷӯе.*
*В-агар бар ҳарду ҷониб ҷоҳилонанд,*
*Агар занҷир бошад, бигсилонанд.*

***Саъдии Шеърозӣ.***

**Супоришҳо.**

*1. Мазмуни шеърро маънидод намоед.*
*2. Дар бораи доноӣ боз кадом пандҳо бузургонро медонед? Мисол биёред ва нависед.*

## *Машқи 132. Матни зеринро ифоданок хонед ва дар гурӯҳҳо муҳокима намоед.*

Мавлоно Ҷомӣ дар маҷлисе ғазале суруд, ки матлааш ин буд:

*Баски дар ҷони фигору ҷисми беморам туӣ,*
*Ҳар кӣ пайдо мешавад аз дур, пиндорам туӣ.*

Яке аз шайхзодаҳои шаҳр, ки холӣ аз балоғат набуд ва даъвии шеъру шоирӣ мекард, бар матлаи ғазали Мавлоно Ҷомӣ эътироз намуд ва гуфт:

— Ҷаноби Мавлано! Шумо дар ин матлаъ фармудаед: «Ҳар кӣ пайдо мешавад аз дур, пиндорам туӣ». Агар харе ё гове пайдо шавад?

Мавлоно Ҷомӣ гуфт:

— Боз пиндорам туӣ.

**Супоришҳо.**

*1. Мазмуни матнро нақл кунед.*
*2. Дар матн кадом нам уди ҷонишинҳо истифода шудааст, муайян кунед.*
*3. Аз матн ҷумлаҳои саволиро ёбед ва нависед.*

***Машқи 133. Ҷумлаҳоро хонед ва ҳиссачаҳоро аз ҷиҳати хел муайян сохта, тобишҳои маъноии онҳоро гӯед.***

1. Хуб,агар ҳар кадомашонро ба як пуштаи ҷудогона баранд-чӣ.(С. А.)

2. Ҳамин вақт ба кӯчабаромадаякдаврзадаоем-чӣ?.(С. А.)

3. Биё, Дохунда ба сари хизмат биравем.(С. А.)

4. Қумрибибӣ пас аз қадаре хомӯшӣ ва андеша боз сухани худро давом кунонид.(С. А.)

5. Охир, аввал тар кардан ва баъд аз он хушконидани пахтаҳо чӣ маънӣ дорад.(С. А.)

**Супоришҳо.**

*1. Ҷумлаҳоро нависед ва ҳиссачаҳоро муайян кунед.*

*2. Сабаби аъзои ҷумла набудани ҳиссачаро фаҳмонед.*

***Машқи 134. Порчаҳои шеъриро хонед ва вазифаи ҳиссачаҳоро муайян сохта, гӯед, ки онҳо чӣ марому мақсадро ифода кардаанд.***

*Маъруфтарини ин замона,*
*Донӣ, ки манам дар инмиёна.*
*Ҳам ҳашмату ҳам хазина дорам,*
*Ҳам олати меҳру кина дорам.*
*Ман дурр ҳараму ту дурр фурӯшӣ,*
*Бифрӯш матоъ, агар баҳушӣ!*

***Низомии Ганҷавӣ.***

*На хун дар дил, на дар чашм об монда,*
*На хуш дар сар, на дар тан тоб монда.*
*На андар рӯзи равшан ҳисси бедор.*
*На шоми тира ҳоли хоб монда.*

***Абулқосим Лоҳутӣ.***

**Супоришҳо.**

*1. Аз порчаҳо ҳиссачаҳоро муайян кунед.*

*2. Мисраҳои Лоҳутиро аз назм ба наср баргардонед ва ҳиссачаҳоро истифода баред.*

**Ҳиссачаҳо аз рӯйи маъно ва вазифа ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:**

**Саволӣ: магар, оё, наход, кӣ, чӣ?**

**Таъкидӣ: ҳатто, ҳам, хоҳ...хоҳ, гоҳ...гоҳ. на...на.**

**Тасдиқӣ: ҳа,(ҳо), бале, оре, хуб, (хуш), хайр.**

**Инкорӣ: не, на.**

**Қувватдиҳанда: мана, -ку, -дия,э.**

**Маҳдудӣ: фақат, танҳо.**

**Ин таснифот танҳо аз рӯйи вазифа аст, чунки дар матн баъзан як ҳиссача вобаста ба мақсади гӯянда вазифаҳои дигар ҳиссачаҳоро адо менамояд. Ғайр аз ин, як қатор ҳиссачаҳои дигар низ ҳастанд, ки орзу (кошки), тахмину зарурат (мабодо, эҳтимол), монандкунӣ (гӯё), таклифу далолат(канӣ, чӣ) ва ғайраҳоро ифода мекунанд: Кошки имрӯз борон наборад. Мабодо Содиқ наояд. Ба хона дарой-чӣ.**

***Машқи 135. Матро хонда, ҳиссачаҳоро муайян кунед ва гӯед, ки онҳо дар матн чӣ нақше доранд.***

Халифа Хорунаррашид бо Ҷаъфари вазир мерафтанд, то ба саҳро расиданд ва халифаюҶаъфар ҳар як ба хачире савор буданд ва бо якдигар ба ҳадис дарпайвасга аз лашкар пеш афтоданд. Ҳаво аз асари Офтоб гарм шуд. Халифаро ташнагӣ сахт ғолиб гашта, чашм ба ин сӯй ва он сӯй андохта, чизи сиёҳе ба рӯйи тали баланд бидид, ба Ҷаъфар гуфт:

- Он чиро, ки ман мебинам, ту низ мебинӣ ё на?

Ҷаъфари вазир гуфт:

- Оре, эй халифаи ҷаҳон! Бар рӯйи тал сиёҳие ҳамебинам.

Халифа гуфт:

- Шояд он сиёҳӣ посбони бӯстон бошад ва дар ҳар хол ӯ аз об дур нахоҳад буд.

Вазир гуфт:

- Ман ба сӯи ӯ равам ва аз назди ӯ об биёварам.

Халифа Хоруннаррашид гуфт:

- Маро хачир раҳравтар аз хачири туст. Ту дар ҳамин макон биист, то лашкар бирасанд. Ман худ ба он сӯй рафта, дар назди ӯ об хӯрам ва ба зудӣ бозоям.

Пас Хорунаррашид хачири хеш биронд ва монанди боди тунд ҳамерафт, ки бар он сиёҳӣ наздик шуд. Халифа сайёдро дид, ки урён истода, дам ба худ печидааст ва чашмонаш аз сурхӣ шӯълавар аст, аз отошу сурати музҳиб ва қади хамидаи гардолудаш ба ғул ҳамемонад. Халифа Хорунаррашид ӯро салом дод, Халифа сайёд радди салом кард, вале хашмгин буд ва оташ аз даҳонаш фурӯ мерехт. Халифа Хоруннаррашид гуфт:

- Эй мард. дар назди ту обе ҳаст?

Халифаи сайёд гуфт:

- Магар нобиноӣ ва ё девона ҳастӣ? Инак, Даҷла дар пушти ҳамин тал аст.

Халифа Хорунаррашид ба пушти тал равон гашта, дар канори Даҷла фуруд омад ва об нӯшид ва хачири худро об дод. Пас аз он ба сӯи Халифаи сайёд бозгашт ва ба ӯ гуфт:

- Эй мард, аз баҳри чӣ дар ин ҷо истодаӣ ва санъати ту чист? Халифаи сайёд гуфт:

- Ин пурсиши ту аҷибтар аз пурсише аст, ки аз об кардӣ. Оё санъати маро бар дӯши ман намебинӣ?

Халифа Хорунаррашид гуфт:

- Гӯё сайёдӣ.

Халифаи сайёд гуфт:

- Оре. сайёдам...

аз китоби «Ҳазору як шаб».



**Савол ва супоришҳо.**

*1. Пешояндҳои таркибии матнро ёфта, шарҳ диҳед.*

*2. Сурати муҳиб-ро чӣ тавр мефаҳмед?*

*3. Рафти як сӯҳбати мухтасарро тартиб диҳед ва аз ҳиссачаҳо истифода кунед.*

*4. Ҳиссачаҳои содда серистифодаанд ё таркибӣ?*

## ТАҲЛИЛИ МОРФОЛОГИИ ҲИССАЧАҲО
## НАҚШАИ ТАҲЛИЛ

**I. Кадом ҳиссаи нутқ аст.**
**II. Аломатҳои морфологӣ:**
**а) тобишҳои иловагӣ;**
**б) тағйир намсёбад.**
**III. Вазифаи синтаксисӣ.**

## НАМУНАИ ТАҲЛИЛ

**Дар хона танҳо хешовандон монданд. (С. А.)**
**Танҳо - ҳиссача аст, аломатҳои морфологиаш:**
**а) тобиши маҳдудӣ дорад;**
**б) тағйир намеёбад;**
**в) аъзои ҷумла шуда наметавонад ва ба савол ҷавоб намешавад.**

***Машқи 136. Порчаи манзумро ифоданок хонда маънидод кунед ва дар матн чӣ нақш доштани ҳиссачаҳоро шарҳ диҳед.***

*Эй забон, ту бас зиёнӣ мар маро,*
*Чун туӣ гӯё, чӣ гӯям мар туро.*
*Эй забон,ҳам оташу ҳам хирманӣ,*
*Чанд ин оташ дар ин хирман занӣ.*

*Дар ниҳон ҷон аз ту афғон мекунад.*
*Гарчи ҳарчи гӯияш, он мекунад.*
*Ҳам хафиру раҳбари мурғон туӣ,*
*Ҳам анису ваҳшати ҳиҷрон туӣ.*

*Эй забон, ҳам ганҷи бепоён туӣ,*
*Эй забон, ҳам ранҷи бедармон туӣ.*
*Ҳам сафиру худъаи мурғон туӣ,*
*Ҳам балису зулмати куфрон туӣ.*

***Ҷалолиддини Румӣ.***

**Шарҳи луғатҳо:**

***хафир - нигаҳбон***
***анис –ҳолдон,ҳамсӯҳбат***
***ҳиҷрон - ҷудоӣ, фироқ***
***худъа - макр, ҳила***
***балис - макру фиреб***
***куфрон –носипосӣ***

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Байти дуюмро ба наср баргардонед.*
*2. Ганҷи бепоён ва ранҷи бедармон номидани забонро чӣ тавр мефаҳмед?*
*3. Пайвандаки байти охирро ёфта, муайян созед, ки аз ҳиссача чӣ фарқ дорад.*

**Ҳиссачаҳо аз ҷиҳати сохту таркиб ба содда ва таркибӣ ҷудо мешаванд.**

**Ҳиссачаҳои аслии бале, наход, оё, магар, ҳатто, фақат, танҳо, -ку, -а, ҳам, чи...чи, на...на ва амсоли онҳо сода мебошанд.**

**Ҳиссачаҳое, ки аз ду ва ё зиёда калимаҳо таркиб ёфтаанд, таркибӣ мебошанд: ҳатто ки, наход ки, аз афташ, ана ҳамин, майлаш-куя.**

***Машқи 137. Порчаро хонед ва ҳиссачаҳоро ёфта гӯед, ки дар ифодаи фикр чй нақше доранд. Аломатҳои китобатии ба ҳиссачаҳо марбутро шарҳ диҳед.***

- О, бачем. чӣ ин ҷо меистем? Биёед хона дароем, равон шуд пиразан.

- Биё, шери момош. Ҳа, номата напурсидам... Маьруфҷон? Номи хуб доштаӣ.

- Холаҷон, ба шумо ташвиш мешавад. Мо ба хонаи Абдумаҷид равем, — гуфт Хуршед узромез.

- Не, намемонам. Мо бегона нестем. Ману очаат апаву хоҳар барин будем... овози пиразан ларзиду дар чашмонаш ашк ҳалқа зад.

- Як бор остонаи мани пиру бекас ҳам қадами меҳмони азиза бинад...

Хуршед ба писараш нигарист. Маъруф ишора кард, ки медароянд.

***ЭҲСОН СУБҲОН.***

**Ҳиссачаҳои –ку, -дия, -а, -чӣбо дефис навиштамешаванд. Ин ҳиссачаҳо асосан дар услуби гуфгӯӣистифода мешаванд.**

**Ҳиссачаҳои мазкур дар адабиёти пешин ба назарнамерасанд. Воқеан, бидуни онҳо ҳам фикрро баёнкардан мумкин ва дар доираи меъёри забон аст.**

**Супоришҳо.**

*1. Мазмуни матнро аз рӯйи фаҳмиши худ нақл кунед.*

*2. Ҳиссачаҳое, ки дар матн истифода шудаанд, муайян намоед.*

*3. Ду ҷумлаи аввалро таҳлили морфологӣ кунед.*

***Машқи 138. Порчаро нависед ва ҳиссачаҳоро муайян карда, тарзи навишти онҳоро шарҳ диҳед. Ин ҳиссачаҳо асосан хоси кадом тарзи баёнанд?***

Сухани ӯро фарёду нидоҳои деҳқонон пахш карданд:

- Ҳой, чиба кор намекунад мошинат?
- Ҳамидҷон, чӣ шуд-а?
- Ҳамин ҳам кор-мӣ? Оба баровардан даркор, оба!
- Худаш чӣ гап-а?

***Пулод Толис.***

**Супоришҳо.**

*1. Дар гурӯҳҳо аз ҳиссачаҳо истифода карда мустақил матн созед.*

*2. Вазифаи ҳиссачаҳоро дар ҷумла гӯед.*

*3. Ҳиссачаҳо кадом тобишҳои маъноиро ифода мекунанд?*

## *ОДОБҲОИ УМУМИИ ТАОМХӮРӢ*

**Хонандагони азиз, аз рӯйи қоидаҳои зерини таомхӯрӣ бояд амал кунед:**

1. Таом бояд бо роҳи меҳнати ҳалол дастрас шуда, тоза ва дилкаш бояд бошад.
2. Пеш аз таомхӯрӣ дастҳоро шуста, даҳонро тоза кардан лозим.
3. Таомро бо дасти рост хӯрдан лозим.

4. Ҳангоми аз як лаълӣ таом хӯрдан, бояд аз пеши хӯрда, ба луқмаи дигарон назар накардан ва аз меъёр зиёд нахӯрдан лозим аст.

5. Дар атрофи хон бояд бо сару либоси тозаву покиза нишастан лозим аст.

6. Ҳангоми таомхӯрӣ луқмаро калон гирифтан ва саросема хӯрдан беодобист ва барои саломатӣ зарар аст.

7. Назар наандохтан ба луқмаи дигарон аз рӯйи одоб аст.

8. Агар аз луқмаи дар даҳон дошта устухон ё ягон чизи дигар пайдо шавад, ба рӯйи дастархон гузоштан беодобист, чунки ин амал назари дигаронро ба худ ҷалб мекунад. Нонро набояд ба замин ва ба болои нон зарф ё анҷомҳои дигарро гузошт.

9. Аз ҳад зиёд таом нахӯрдан, ба меъёр риоя накардан ба саломатӣ зараровар аст.

10. Агар дар ҷойҳои ҷамъиятӣ таом хӯред, ба гигиенаи шахсӣ риоя намоед, яъне аз ҷиҳозҳои дигарон ношуста истифода накардан лозим.

# ФАСЛИ 9. РӮЗИ ҒАЛАБА, ТАЪЗИМ БА ҶАСОРАТИ БУЗУРГ

## ДАРСИ 55. СУЛҲУ ВАҲДАТ – НЕЪМАТИ ОЛӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***фаҳмонидани мазмуни матни шунидашуда, ҷудо карда тавонистани исботи ахбори тавсилшуда.***

***Услуби матнҳои адабиёти бадеӣ ва ғояҳои публисистии монанд, сохт, фарқияти забониро ҳангоми таҳлил аниқ намудан.***

***Машқи 139. Матнро хонед. Аз рӯйи матн супоришҳоро иҷро намоед.***




Башарият аз замони пайдоиши олам ин гуна ҷанги хонумонсӯз ва фоҷиаи мудҳишро аз сар нагузаронидааст. Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) аз рӯи миқёсу андоза даҳшатноктарин ҷанг дар таърихи башарият буда, дар он беш аз 72 давлати хурду бузурги ҷаҳон ширкат варзида, доманаи амалиётҳои ҳарбӣ ба ҳудуди 40 давлати ҷаҳон вусъат ёфт. Теъдоди сафарбаршудагон зиёда аз 110 миллионро ташкил медод. Дар натиҷаи ин ҷанг кишварҳои зиёде хароб гаштанд ва бештар аз 50 миллион нафар қурбон ва садҳо миллион нафар аҳолии мамалакатҳое, ки ба гирдоби ҷанг кашида шуда буданд, ба маҳрумияту азоби тоқатшикан гирифтор гаштанд. Ба мардуми тоҷик низ ин ҷанги хонумонсӯз таъсири сахт расонд.

Ҳазорон нафар фиристодагони Қазоқистон дар ин муҳорибаҳо ва озод кардани хоки кишвар ва халқҳои Аврупо аз фашистон иштирок намуда, паҳлӯ ба паҳлӯи бо русҳо, украинҳо, белорусҳо, тоҷикҳо, ӯзбекҳо, қазоқҳо, гурҷиҳо, арманиҳо ва дигар халқҳои Шӯравӣ бар зидди фашизм ҷангиданд ва аз худ қаҳрамониҳои бемислу монанд нишон додаанд. Умуман дар муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ беш аз 300 ҳазор нафар фиристодагони Қазоқистон иштирок намудаанд. Онҳо барои дифои Ватан ва шарафу номуси мардуми худ дар сангарҳо муборизаи шуҷоатнок ва корнамоиҳои бузург нишон дода, зиёда аз 92 ҳазор нафарашон дар майдонҳои набард ҳалок шуданд.

Сарфи назар аз айёми тираи ҷанг ва рӯзгори нобасомони мамлакат ҳамзамон бо фидокориҳо дар ҷабҳаи ҷангу ақибгоҳ мардуми ба адабу илм решапайванд доштаи тоҷик аз омӯзишу хониш намондааст, ки боиси ифтихор аст.

**Супоришҳо.**

*1. Матнро хонед. Дар асоси матн дар гурӯҳҳо муколама созед ва ба саҳна гузоред.*

*2. Ҷумлаҳои дар муколама истифодашударо нависед.*

*3. Дар мавзӯи “Мубориза барои сулҳ” эссе нависед.*

## *Машқи 140. Матнро хонед.*

- Ҳаво чунон гарм, ки пиёларо ҷониби Набӣ дароз кард.
Расул, - гӯё таги замин танур бошад.
Набӣ аз гиребони курта дошта, сари дилашро нишон дод.
- Якзарб, барои зимистон коҳу алаф дорӣ?
- Не, ҳоло. Ба умеди Самад ман.
- Ҳа, писарат коргари ҷангал-а. Нағз, ки ту ақалан ҷойи умед дорӣ.

***Ӯрун Кӯҳзод.***

**Супоришҳо.**

*1. Муколамаи қаҳрамонҳои асарро давом диҳед.*

*2. Дар доираи мавзӯъ матн интихоб намуда, мазмуни асосии онро нақл кунед. Аз “Куби Блум” истифода баред.*

*3. Ҷумлаҳоро навишта гиред.*

# ДАРСИ 56. ТАЪЗИМ БА ҒАЛАБАИ БУЗУРГ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***ба саволҳои муаммовӣ аз сарчашмаҳо мисол оварда, ҷавоби дуруст додан, муқоисаи ҷавобҳои гуногун, шарҳ додани онҳо.***

***Тартиб додани нақшаи мураккаб, бо навиштани матнҳои гуногунжанр.***





*Машқи 141. Шеърро бо диққат хонед.*

*Ватан Шаҳҷоизаи ягонаи ман ватан аст,*
*Шаҳномаи пурфасонаи ман ватан аст.*
*Бе номи ватан на ном дорам на нишон,*
*Шаъну шарафу нишонаи ман ватан аст.*
*Дар боғи ҷаҳон ҳазору як гул рӯяд,*
*Садбарги пур аз ҷавонаи ман ватан аст.*
*Аз ҳар тапиши дилам шунав овояш,*
*Ангезаи ошиқонаи ман ватан аст.*
*Мазмуни таронаҳои ман ишқу вафост,*
*Шеъри тару ошиқонаи ман ватан аст.*
*Натвон зи қаламраваш даме дур шудан,*
*Кошонаи ҷовидонаи ман ватан аст.*
*Бо ӯст маро фазои оби олам,*
*Парвози кабӯтаронаи ман ватан аст.*
*Бо гимну нишону парчамаш менозам,*
*Олам-олам хизонаи ман ватан аст.*

**Супоришҳо.**

*1. Доираи мавзӯи шеърро муайян намуда, саволҳо тартиб диҳед.*
*2. Дар асоси саволҳои тартибдодашуда муколама созед ва дар муколама:*
*а) бо суханони гӯянда муносибати аниқ, тахмин, гумон будани фикрро гӯед;*
*б) ҳиссу ҳаяҷони гӯянда, ҳолати ботинӣ(хурсандӣ, ғам) ва дигар ҳолатҳоро баён намоед.*

***Машқи 142. Ба ҷойи нуқтаҳо ҳиссачаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед.***

1. ... ӯ дар хона монда буд.
2. Ман намеравам, гуфтам. ..!
3. Имрӯз ба саёҳат мерафтем....
4. ... Қосим дар ин байн наменамуд.
5. Дар вақти ҳарфчинӣ ӯ. .. як ҳарфро ҳам партофта намеравад.
6. ... он манзараҳои зебо.

(-ку, мана, ҳатто, -дия, фақат, танҳо).

***Машқи 143. Ҷумлаҳоро нависед.Ба ҷойи нуқтаҳо ҳиссачаҳоиҳо, бале, оре ване, на гузоред.***

1.. .. дилатонро танг карда нашинед ҳам, мешавад, ман намеравам. 2. Сокина дигар. ..ба гапи модараш ва. .. ба насиҳатҳои падараш гӯш мекард, вай танҳо фикри ба Маскав рафта хондан дошту халос. 3. ...ин таклифи маъқул, — гуфт аз байни ҷанговарон касе. 4. - Гулмоҳҷон, — гуфт модар аз сари оташдон, — ту мегӯӣ, ки дар ин халта ниҳолҳо ҳаст, ки барои шинондан овардаӣ. Дар куҷо мешинонӣ?

— Дар ягон ҷои мувофиқ.

— Дар ҳамин қишлоқи худамон?

— ... модарҷон, дар ҳавлиамон.

5.... ӯ ватандӯстиҳақиқӣ буд.

6. Ман ба лаби дарё намеравам! — оташинона гуфт Олимҷон.

7. ..., баъди дуруст шудан ҳам бояд шумо ду моҳ дам гиред, — таъкид кард духтур.

**Супоришҳо.**

*1. Дар мавзӯи “Фарзанди Ватан” матн тартиб диҳед.*
*2. Дар матн аз ҳиссачаҳо истифода баред.*

| **Ҳиссачаҳои сода** | **Ҳиссачаҳои таркибӣ** |
|---|---|
| **ана, мана, ҳа, канӣ, фақат, танҳо, -ку, -дия, оре, магар, бале...** | **гӯё ки, на ин ки, ҳо ана, наход ки, аз афташ, ҳатто ки...** |

# ДАРСИ 57. СУЛҲУ ВАҲДАТ ПОЯНДА БОД

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***бо тарзи нигоҳ доштани сохти маълумотҳо, навиштани фикрҳо ба матни тасвирӣ. (нишони шартӣ, расм, нақша).***
***Тафовути пасвандҳоро ба хотир оварда, мувофиқи қоидаҳои имлоӣ ва меъёри орфографӣ навиштани матн.***

***Машқи 144. Матнро хонед, ҳиссачаҳои онро нависед ва аз ҷиҳати сохт муайян карда, тобишҳои онҳоро шарҳ диҳед.***

Чашмони бе он ҳам танги доруфурӯш аз табассум ба ду теғи бисёр тунук монанд гаштанд.

- Сарвату давлат ҳоло дар пеш, нигарони ману шумост.

Оре, оре.

Вай овозашро паст кард, то ки гапашро устод нашунаванд.

- Мардуми Бухоро ҳама ба як забон мегӯянд, ки шумо подшоҳро бо давои нав сиҳат кардаед. Модоме ки онро тамоми Бухоро мегӯянд, пас ҳисоб кунед, ки ин чӣ қадар пул мешавад...

Чӣ гуна пул? — ҳайрон шуд Абӯалӣ.

- Албатта, на он пуле, ки ман аз фурӯши доруҳои кайоварам даромад мекунам.

- Ман намефаҳмам, шумо чӣ гуфтанӣҳастед? Доруфурӯш ба Абӯалӣ чашмаке зад, гӯё изҳор кард, ки: худатро ба нодонӣ назан!

Дониста монед, ки шумо он пулҳоро бе ман ба даст оварда наметавонед.

Баъд доруфурӯш сукути маънидоре кард.

—Ҳо! — ба мақсад пай бурд Абӯалӣ. - Шумо мехоҳед, ки ман тарзи тайёр карданн доруро ба шумо гӯяму аз дигарон пинҳон дорам?

Чеҳраи доруфурӯш аз мамнуният равшан гашт.

- Хеле дер дарёфтед! — Мо ба он доруи шумо – “шоҳдору” ном мемонсм.

Абӯалӣ китфҳояшро ба ҳам кашид:

- Ин фақат яке аз доруҳост. Ин аст китоби табибиҳинду Сушрута... Ман инро аз «Савон-ул-ҳикмат» ёфтам. Дар ин ҷо бисёр доруҳои номаълум зикр ёфтаанд.

***Сотим Улуғзода.***



### Машқи 145. Шеърро ифоданок хонед.

*Кардаме дар хоки кӯи дӯст маъво, кошкӣ,*
*Судаме рухсори худ бар хоки он по, кошкӣ,*
*Омадӣ берун зи кӯи он сарви боло, кошкӣ,*
*Бурқаъ афгандӣ зи рӯи оламоро. кошкӣ.*

*«Дидаме дидори он дилдори раъно, кошкӣ,*
*Дида равшан кардаме, з-он рӯи зебо, кошкӣ».*
*Кӯи он маҳ то бувад, ҷаннат намебояд маро,*
*То бувад ҷаннат, ба дузах дил фурӯ н-ояд маро.*

*Пеши лаълаш кай даҳан бо Кавсар олояд маро.*
*То бувад он сарв, тубӣ хуш намеояд маро.*
*«Хотир андар сояи Тубӣ наёсояд маро,*
*Соя кардӣ бар сарам он сарвболо, кошкӣ»...*

***Алишер Навоӣ.***

**Шарҳн луғатҳо:**

***маъво –ҷойгоҳ, макон***
***судан - молидан***
***бурқаъ - чашмбанд, парда***
***Кавсар - номи чашмае дар биҳишт***
***Тубӣ - дарахти серсоя дар ҷаннат***

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Кардаме маъво-ро боз чӣ тавр ифода кардан мумкин?*
*2. Дида равшан карданчӣмаъно дорад*
*ва онро дар забон чӣ мегӯянд?*
*3. Агар порчаро бидуни кошкӣхонем, чӣ ҳодиса рӯй медихад.*



### Машқи 146. Порчаҳоро хонед ва вазифаи ҳар як ҳиссачаро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо чаро дар аввали ҷумлаҳо омадаанд.



Он гоҳ вазир. .. рӯй ба ҳозирон оварда гу фт:

Оё шумо медонед, ки ман вазири мамлакатам ва вазорати ман дерин аст, пеш аз он ки малик Осим ба салтанат нишинад, ман вазир будам, ӯ акнун салтанат тарк карда писар дар ҷои худ биншонд?

Гуфтанд:

- Бале, медонем вазорати ту аз падару бобо ба ту мерос монда.

Духтари малик гуфт: Оре. аз баҳри ҳамин рафта будам, вале падарам ба нахчиргоҳ рафта будааст ва ман интизори бозгаштани ӯ дорам.

Модари Ҳасан гуфт:

— Эй фарзанд, худо накунад, ки ман туро мухолифат кунам. Магар ман девонаам, ки васиятҳои туро ба ҷо наёварам, ту бо хотири осуда сафар кун!

***Аз китоби «Ҳазору як шаб».***

***Машқи 147. Матнро хонда, ҷумлаҳои ҳиссачадорро нависед ва аз рӯйи тобиши маъно ба хелҳо ҷудо кунед.***

- Ба хаёлам, санъаткор буд.
- Санъаткор?
- Не-е. худаш гуфт — ку, ҳисобчӣ.
- Наход?
- Ҳар кӣ бошад. хушбахт будааст.
- Эҳ, ман агар вай барин навохта метавонистам.
- Ба мӯйсафед чӣ гуфт. — шунидӣ?
- Не...
- Дар ҳақиқат думбурашинос будааст.

Беҳуда нагуфтаанд; қадри зар заргар бидонад, қадри гавҳар гавҳарӣ.

- Рости гап, агар овозашонро намешунидам, он думбураҳо ба ман асло маъқул намешуданд.

***Саттор Турсун.***

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Ба хаёлам чӣ муродифҳо дорад?*

*2. Дар талаффузи думбра чӣ ҳодисаи забонӣ ба назар мерасад?*

*3. Тарзи навишти ҳиссачаҳоро шарҳ диҳед.*

*4. Фарқи байни пайвандаку ҳиссача дар чист?*

# ДАРСИ 58. ҒАЛАБАЕ, КИ ҲАМА ИНТИЗОР БУДАНД

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***вобаста ба шароити коммуникативӣ, терминҳои халқӣ ва илмиро аз сарчашмаҳо истифода карда, диолог монолог, полилог, фикри худро бо исботу далелҳо баён намудан.***

***Услуби матнҳои адабиёти бадеӣ ва ғояҳои публисистии монанд, сохт, фарқияти забониро ҳангоми таҳлил аниқ намудан.***

### *Машқи 148. Матнро хонед. Супоришҳоро иҷро намоед.*

...Китобфурӯш ба харидорон ва дигар мардумони бозорӣ, ки дар пеши дӯконаш ҷамъ омадаанд. аз лавҷа байтро хонда ва китобҷои худро нишон дода мегӯяд.

Дониш дар куҷост? Ана дар ин китобҳо! Хареду хонед!

Ин шеърро кадом шоир гуфтааст? — пурсид як харидор.

Рӯдакӣ, — ҷавоб дод лаввоҳ ва китоберо кушода:

Ин аст девони ӯ, — гуфт ва бо ғурур илова кард:

— Ин нахустин девони дариро ман лавҳакашӣ кардам.

Бихаред! — хитоб кард китобфурӯш.

- Ҳар кас, ки дониш хоҳад, китоб мехарад!

Шумо мехоҳед, ки аз қафои шӯҳрати Рӯдакӣ бозорногирагонро пул кунед? шухӣ кард як нафар харидор.

— Ҳақ дорам,— ҷавоб дод китобфурӯш. - Охир ду байти Рӯдакӣ ҳазор асирро аз марг наҷот дода буд, пас чӣ аҷаб, агар ман бо як байти ӯ китобҳоямро ба фурӯш расонам!

— Ҳазор асирро наҷот дода буд? — ҳайрон шуд харидори дигар..

— Бале, — гуфт китобфурӯш.

Кай?.. Дар кучо?.. - савол доданд харидорони дигар.

Дар ҳамин вакт ман омада мондам. Китобфурӯш ӯро нишон дода гуфт:

— Ана аз вай пурсед, гуфта медиҳад.

Бале, ба сухан даромадамман.

— Амири шаҳид баъд аз он ки дар ҷанги Самарқанд амакашро мағлуб кард, аз ғуломиён ва сипоҳиёни вай ҳазор касро асир гирифта фармуд,

ки ҳамаашонро аз дами теғ гузаронанд. Он рӯз Рӯдакии ҷавон ба назди вай омада буд. Амир пурсид:

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ!*
*Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ!*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!*

Амир ин ҷавоби шоирро шунида дар андеша монд ва баъд фармуд, ки ҳамаи асиронро озод кунанд...

***Сотим Улуғзода.***

**Савол ва супоришҳо:**

*1. Ҷумлаҳои ҳиссачадорро нависед.*
*2. Ҳиссачаҳои онро ба хелҳо ҷудо намоед ва маънидод кунед.*
*3. Порчаи шеъриро ба наср баргардонед.*

### *Машқи 149.Бо истифода аз ҳиссачаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.*

| | |
|---|---|
| ана | ҳатто |
| танҳо | наход ки |
| магар чӣ | то ҳатто |
| | ҳам |

### *Машқи 150.Матнро хонда, ҳиссачаҳояшонро ёбед ва аз рӯйи вазифаашон ба хелҳо ҷудо кунед.*

Дар ин дам чашми вай (Беҳзодхони роҳзан) ба ман афтод ва гуфт.

— Э ҷавон, пеш биё.

Ноилоҷ пеш рафтам.

Ӯ гуфт:

— Э ноинсоф! Бе фикр мардум ин гуна корҳоро монанди ту мекунанд... Агар меҳмон намебудӣ, чунон ҳалқа дар гӯшат мекардам, ки тамоми ҷоҳилонро танбеҳ мешуд. Чун ин сухан шунидам. ҷуръат пайдо карда пеш давидам, ки ба пояш афтам. Аммо вай бағал кушода маро дар бар кашид ва ҷабинамро бӯсид ва хандида гуфт:

— Э золим! Касе ҳамчунин кори бузургеро пеш гирад ва боз чунин бепарво нишинад, лоақал дарро ҳам набандад?!

Инро шунида, ба ёдам омад, ки дарро набаста будам. Донистам ҳақ ба ҷониби ӯст. Забон ба узр кушодам ва дасташ бӯсидам.

Ӯ гуфт:

— Ин кушташударо мешиносӣ?

Гуфтам:

— Бале, даме пеш аз ин дида будам.

Гуфг:

— Сабаби кушта шуданаш чист?

Гуфтам:

– Намедонам!

Гуфт:

— Бародар, бахт ёр шуд, ки ман дар вақташ расидам ва ин кампири фиребгарро дидам.

***Аз китоби «Чор дарвсш».***

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Матнро хонда мазмунашро мухтасар нақл намоед.*

*2. Муколама чист, таъриф диҳед.*

*3. Ба зери ҳиссачаҳои истифодашуда хат кашед.*

**Нидо калимаи тағйирнаёбанда буда, барои ифодаи ҳаяҷон ва иродаи майлу хоҳишу орзу хизмат мекунад.**

**Нидо гурӯҳи махсуси ҳиссаҳои нутқро ташкил медиҳад.**

**Он ҳиссаи нутқ, ки барои ифодаи ҳаяҷону ҳиссиёти гуногун хидмат мекунад, нидо ном дорад :**

**Ваҳ, чӣ хуш медамад, насими баҳор. Ҳой мардум, об баромад, об !**

**Дар ҷумлаи якум ваҳ ҳисси шавқу фараҳро мефаҳмонад. Дар ҷумлаи дуюм ҳой даъватро ифода мекнад. Нидоҳо аъзои ҷумла намешаванд. Нидоҳо асосан дар гуфтугӯ истифода мешаванд. Онҳо бештар дар асарҳои бадеӣ ҳангоми муколамаи персонажҳо мавриди истифода қарор мегирад.**

# ДАРСИ 59. НЕСТ БОД ҶАНГ !

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
*ба саволҳои муаммовӣ аз сарчашмаҳо мисол оварда, ҷавоби дуруст додан, муқоисаи ҷавобҳои гуногун, шарҳ додани онҳо.*
*Санҷиш ва истифодаи калимаҳои дохили матн вобаста ба мавзӯъ, ивазкунии онҳо бо синоним, санҷиши лексикӣ, таҳрир.*

***Машқи 151.Тасвирҳоро шарҳ диҳед.***



**Супоришҳо.**

*1. Дар гурӯҳҳо аз рӯйи стратегияи “Шаш сарпӯши оқил” мавзӯи “Мардӣ чист ва ӯ чӣ тавр зоҳир мегардад ?” –ро шарҳу эзоҳ диҳед.*

*2. ЭССЕ дар мавзӯи “Хати сулҳу субот”, мактуб дар мавзӯи “Мактуб аз майдони ҷанг ”, муколама дар мавзӯи “Ашки ятимон аз офати ҷанг” нависед.*

***Машқи 152.Ҳангоми истифодаи нидо дар бораи ҳаракатҳои даст, рӯй, тана ва дигар узвҳои инсон чиҳоро гуфта меатвонед? Дар гурӯҳҳо намоиш нишон диҳед.***



***Машқи 153.Порчаро хонеду ҷумлаҳои нидодорро нависед ва хусусияти онҳоро шарҳ диҳед.***

Биё, хайрбод кунем, Робия, — гуфт Рӯдакӣ ва он гоҳ Робияқарору ихтиёрро аз даст дода, рӯяшро ба як сӯ гардонида гирист.

Худо шоҳид - давом кард шоир, — ман хоҳиши рафтан надорам, аммо маҷбурам. Аз ту ҳочати пинҳон кардан нест. Робия,ин сафари ман сафари... дуру дароз аст...ва ҳатто эҳтимол, бебозгашт бошад. Ман мехостам, ки рӯзи видоъ туро арӯсам гӯям, аммо хоҳарам мегӯям. Хӯш бимон, хоҳараки дилбандам.

—Хуш биравед, ба дарду алами худ тоб оварда, оби дидаашро пок карда гуфт Робия...

Дар пеши масҷид ҳамдеҳагиёни Рӯдакӣ ҷамъ шуда буданд, ки бо вай хайрбод кунанд. Онхо шоирро бо хушӣ ва дар айни ҳол бо таассуф ба роҳи дур гуселониданд.

—Хуш бимонед, саломат бошед, — видоъ кард ба онҳо Рӯдакӣ.

***Сотим Улуғзода.***



**Савол ва супоришҳо:**

*1. Гӯед, ки нидои ҷумлаи якум аз кадом ҳиссаи нутқ гузаштааст.*
*2.Мавқеи аломатҳои китобатро дар нидоҳо маънидод кунед.*
*3.Матне тартиб диҳед, ки нидоҳо дошта бошад.*



**Нидоҳо аз ҷиҳати сохт таркибашон ба сода (аслӣ), такрор ва таркибӣ ҷудо мешаванд.**

**Нидоҳои сода чунин таркиб доранд :**

**а)саданок : э, а, о, и ;**
**б)саданоку ҳамсадо : эҳ, ҳа, ҳу, ҳе;**
**в)саданоку ҳамсадо ва саданок : аҳа, эҳе, уҳа..**
**г)саданоку ду ҳамсадо ва саданок : оббо, уббо..**
**ғ)ҳамсадою ҳамсадо : ҳм, нм ва ғайраҳо.**

**Ба нидоҳои такрор ҳой-ҳой, вой-вой, ту-ту ва ба таркибӣ – муборак бошад, қанд занед... мансубанд.**

## *Машқи 154. Ҷумлаҳоро нависед ва таркиби нидоҳоро муайян созед.*

1. Оҳ... ту чӣ донӣ, ки ин дили ман,дили ғариби ман чӣқадар барои ту гум мезанад. Не-е, ин чизро ту пай намебарӣ...

2. Ҳайф, ки намедонад ва барои ҳамин ҳам дар бораи дигар чиз фикр мекунад.

3. Ҳмм... Рав, ба апа гӯй, ки оши тӯппа тайёр кунад.

4. Ҳа-а,яхи обкушода барин ҷунбид Додхох ва сарафшонда ба гап даромад.

5. -Ҳайфи умрам...

— Ман намедонам, ки бачаи кӣҳастам, лекин хондан меравам!

6. Ҳум-ҳаҳ... Ҳум... ҳаҳ. Садои ба санг бархӯрдани нутқи Ёрмуҳаммад аз шаххо шунида шуд.

7. - И, ту ба ҳамин хафа шудӣ.

**Супоришҳо.**

*1. Ҷуумлаҳоро нависед, нидоҳоро муайян кунед.*

*2. Дар бораи сохти нидо дар гурӯҳҳо мунозара ташкил кунед.*

## *Машқи 155.Матнро хонед.*



*Ватан то ман сазовори ту бошам,*
*Бароят то шавам арзанда фарзанд.*
*Равам бо роҳи мардони накӯят,*
*Бигирам аз хирадмандони ту панд.*
*Ватан то, ки бимонад ҷовидона,*
*Дар оғӯши чу ҳар як каҳрамонат.*
*Биомӯзам ҳамеша қаҳрамонӣ,*
*Зи ҳар як қаҳрамони ҷовидонат.*

Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳодисаи ҷамъиятӣ, бо роҳи зурӣ давом додани сиёсат буда, мазмуни онро муборизаи муташаккилонаи мусаллаҳона ташкил медиҳад. Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), ҷанги одилонаю озодихоҳонаи халқи собиқ Шӯравӣ барои озодӣ ва ҳимояи Ватан алайҳи фашизм буд. Роҳбарони сиёсии Германия бо иттифоқчиёнашон Италия, Венгрия, Финляндия, Руминия, Испания 110 дивизияро зидди ИҶШС ба

ҷанг сафарбар намуданд. Мақсади истилогарон дар муддати кӯтоҳ несту нобуд кардани Армияи Сурх ва шикаст додани ИҶШС буд. Новобаста аз омодагии амиқ ва бартарӣ аз ҳисоби дороии техникаи ҷангӣ ба мардуми шарафманд ва бо нангу номуси Шӯравӣ муяссар шуд, ки зафар ёбад. Халқи советӣ дар ҳама самтҳои асосии амалиёти ҷангӣ: Ленинград, Москва, Сталинград, Курск, Днепр ва ғайра бо қурбонии зиёд муқобили душман истодагарӣ намуда, қушунҳои фашистиро маҳв месохт. Нерӯи тавоноии мардум руҳи «шикастнопазирии» душманро шикаст. 8 майи соли 1945 Германия ба акти таслимшавӣ имзо гузошт. 9 май Рӯзи иди Ғалаба эълон гардида, анъанаи таърихӣ гардид. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) 27 миллион мардуми шӯравӣ ҳалок шудааст, зиёда аз 1700 шаҳрҳо вайрон карда шуданд, миллионҳо бе хонаву хоҷагидорӣ монданд.

**Супоришҳо.**

*1. Дар гурӯҳҳо ба матн нақша тартиб додо ва матнро давом диҳед.*

*2. Дар хулосаи матн оиди Ғалаба ҷумлаҳо созед.*

*3. Аз манбаъҳои интернет истифода бурда, дар мавзӯи “Нашидаҳои ғалаба” намоиш ташкил кунед.*

**Машқи 156. Шеърро бо риояти оҳанг қироат кунед. Гӯед. ки нидоҳо чӣ нақше доранд?**

*Эй ситамдидагон, эй асирон!*
*Вақти озодии мо расид.*
*Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!*
*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.*
*То ба кай гусса хӯрдан ба ҳасрат,*
*Баъд аз ин шодмонӣ намо!*
*Бас ҷафо, бас ситам!.. Эй адолат!*
*Дар ҷаҳон ҳукмронӣ намо!*
*Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!*
*Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!*
*Баъд аз ин дар ҷаҳон ҳукмрон бод*
*Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!. ..*
*Дар ҷаҳон зулми золим намонад,*

*Ҳам ҷафо,ҳам ситам, ҳам нифоқ.*
*Бар ҳама шаҳди шодӣ чашонд*
*Ранҷбар, барзгар бо тифоқ!*
*Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!*
*Эй ҷафодидагон! Эй шафиқон!*

***Садриддин Айнӣ.***

**Шарҳи луғатҳо:**

***шафиқон** - **меҳрубонон, мушфиқон***
***шаҳд** - **ширинӣ***

**Савол ва супоришҳо.**

1. *Нидоҳоро нависед.*
2. *Аъзоҳои чидаро муайян кунед ва гӯед, ки онҳо чӣ вазифаро адо кардаанд.*
3. *Шеърро ҳифз кунед.*

## ***ҚАҲРАМОНҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ***







***Иштирокчи-ёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ***



Шоалиев Зикрулло

Шерғозиев Раҳматулло

***ҲЕҶ КАС ҲЕҶ ГОҲ ФАРОМӮШ НАХОҲАД ШУД!***



# ФАСЛИ 10. ТАХАЙЮЛИ ИЛМӢ

## ДАРСИ 60. ОЯНДАИ ПУРАСРОР

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***бо тарзи нигоҳ доштани тафовути санъатҳои бадеӣ навишта тавонистани мақолаи хурд, ривоят, тавсифнома тартиб додан.***
***Ба тафовутитаърифи пайвандаку пешояндҳо риоя намуда, аз рӯйи вазифаҳояшон тартиб додани ҷумлаҳо.***



### *Машқи 157. Матни зерини илмӣ-фантастикиро хонед.Супоришҳоро иҷро намоед.*







Ҳанӯз 30 сол муқаддам муаллифони асарҳои илмию тахайюлӣ тахмин мекарданд, ки дар оянда ба инсон роботҳо ёрӣ хоҳанд расонд. Аммо роботикунонии ҳаёти рӯзгор на он қадар фаъол аст, чӣ хеле ки мепиндоштанд.

Роботҳо оҳиста-оҳиста ба ҳаёти мо ворид шуда истоданд. Телевизору тафдонҳои «доно», робот-чангкашак – ин ҳама аллакай дар ҳаёти инсон мавқеи муайяни худро дошта, ҳаддал имкон рушд карда истодааст. Вале, бо ин ҳама таҷҳизотҳо муошират карда намешавад. Дил мехоҳад, роботе бошад, ки бо ту сӯҳбат намояд!

Ва инак, чунин робот пайдо шуд. Сухан дар бораи роботи Jibo меравад, ки онро ихтироъкорони Донишгоҳи технологии Массачусетс ҳамчун аввалин роботи иҷтимоии оилавӣ муаррифӣ мекунанд.

Робот ба чӣ қодир аст?

Ба туфайли таҷҳизоти техникӣ ва мувофиқатӣ таъмини барномавӣ, Jibo қобилияти шинохти аъзои ҳар як оиларо дорад ва бо ҳар кадоми онҳо муносибати инфиродӣ кунад;

Робот ба кайфияти инсон эътино карда, рафтори худро ҷиҳати боло бардоштани табъи инсон равона мекунад;

Ба ғайр аз муошират Jibo ба сифати ёрдамчӣ низ хизмат кунад: ёдрас кардан аз зангҳои даромад, СМС-паёмҳо. Робот бо модули бенокили алоқа ҷиҳозонида шудааст ва метавонад маълумотро аз дастгоҳҳое, ки ба ӯ васл шудааст дастрас  намояд, ки ин ба хоҳиши истифодабаранда вобаста аст.

Ҳамчунин робот метавонад дар ошхона тавассути дониши худ дар самти пазандагӣ ба кадбону ёрӣ расонад. Яъне, таркиби ягон хӯришро (хӯрокро) на аз китоб хондан, балки аз робот пурсидан имконпазир аст.

Jibo барои вақтхушии соҳибаш низ барномаҳои махсус дорад. Ӯ метавонад афсонаро барои кӯдакон ва ё латифаеро барои калонсолон нақл кунад.

Jibo бағоят хуб ҷиҳозонида шудааст ва ихтироъкунандагон оид ба«оҳан»-и ӯ ғамхорӣ намудаанд.

Албатта, робот Jibo — на он роботест, ки ақли расо дораду шуури позитронӣ, ки Азимов дар асараш эҷод карда буд. Муҳимаш он аст, ки Jibo бо соҳибаш сӯҳбат карда, ҳаракат дорад, ки ба муҳит мувофиқ шавад

***Аз манбаи интернет.***



**Супоришҳо.**

*1. Дар гурӯҳҳо муҳокима карда ба матн мавзӯъ интихоб намоед.*

*2. Ҳангоми нақли мазмуни матн нидоҳоро истифода кунед.*

*3. Кадом филм ё ҳикояҳои тахайюлиро (фантастикӣ) медонед, нақл кунед.*



***Машқи 158. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.***



Саворон Темурмаликро бурда ба хонаи сиёҳе даровper-варданд. Дар пешгоҳи он хонаи сиёҳ Қатағанӯғлон ҷой гирифта буд ва дар гирдогирди хона қадре поёнтар аз сардор сарҳангони муғул менишастанд, ки ҳамаашон мусаллаҳ буда, дар пеши ҳар кас як камон бо як тиркаши пуртар гузошта шуда буд.

Ясавул аз бозуи Темурмалик дошта ба ӯ фармуд, ки бо одати муғул зону зада ба Қатағанӯғлон, ки сардори лашкар буд, таъзим ва эҳтиром намояд.

Темурмалик бо як ҷунбиши инодкорона бозуи худро аз панҷаи ясавул бароварда гуфт:

- Ман дар дунё ба касе таъзим нахоҳам кард!

Ясавул бо нигоҳи пурсиш ба Қатағанӯғлон чашм дӯхт, ки сардор дар ҳаққи ин «беодоб» чӣ мефармуда бошад.

Қатағанӯғлон ба ясавул нигоҳ карда гуфт:

- Зону заданаш лозим нест. Бигузор монанди як одами шубҳанок ба пурсишҳо рост истода ҷавоб диҳад.

Темурмалик мунтазири сухани ясавул нашуда, рост ба Қатағанӯғлон нигоҳ карда гуфт:

- Ман ҳеҷ гоҳ мисли як одами шубҳанок ё гунаҳкор рост истода ба пурсишҳо ҷавоб намедиҳам. Агар ту аз ман чизеро пурсидан ва ба пурсишҳои худ аз ман ҷавоб гирифтан хоҳӣ, роҳ деҳ, то ман дар ҷое нишинам, ки ба ман муносиб бошад. Баъд аз он аз ман ҳарчӣ мепурсида бошӣ, пурсидан гир!

- Хуб, - гуфт Қатағанӯғлон, - ҳар ҷо, ки мехоҳӣ, бинишин, лекин ба пурсишҳо рост ва дуруст ҷавоб деҳ!

- Ман дар умри худ дурӯғ нагуфтаам, - гуфт Темурмалик ва рафта дар паҳлӯи Қатағанӯғлон, ки сарҳангон барои эҳтироми сардори худ он ҷоро холӣ гузошта буданд, нишаст ва ба ӯ нигоҳ карда гуфт:

- Пурсидан гир!

- Ту Темурмалик нестӣ? - Қатағанӯғлон ба чашмони Темурмалик чашм дӯхта пурсид.

Темурмалик инкор карданро ба шаъну шарафи худ муносиб надида:

- Оре, ман ҳамон Темурмалики хуҷандиам, ки яккаву танҳо ҳазорҳо шумо барин чингизиёни хунхорро, чунон, ки саги газандаро кушанд, куштаам! - гуфт.

Муғулҳо бо шунидани ин сухани Темурмалик ба ҷунбиш омаданд ва ҳамаашон шамшерҳояшонро аз ғилофҳо кашида ба Қатаганӯғлон нигоҳ карда мунтазири фармони ӯ шуда истоданд...

**Супоришҳо.**

*1. Матнро хонед ва аз кадом асар будани онро муайян намоед.*
*2. Оё дар муколама нидоҳо истифода шудаанд?*
*3. Аз рӯйи хоҳиш се ҷумлаи матнро интихоб карда, таҳлили синтаксисӣ намоед.*
*4. Аз рӯйи стратегияи "Кластер" вазифаи аъзоҳои пайравро муайян кунед ванамоиш ташкил диҳед.*

# ДАРСИ 61. КОМЁБИҲОИ ОЯНДА

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***бо воситаи ҷумлабандӣ ва оҳанги шахси гӯянда,мавзӯи матнро интихоб намудан, инкишофи сатҳи фикррониии хонанда.***
***Ахбори матнӣ ва графикиро ( диаграмма, нақша, сурат нишонаҳои шартӣ) шарҳ додан.***



***Машқи 159. Матнро хонед. Супоришҳоро иҷро намоед.***

Қаҳрамони романи Жюл Верн, Филиас Фогт курраи заминро аз Ғарб ба Шарқ дар давоми 80 рӯз тай кардан мумкин аст гуфта, бо олимони англис баҳсу мунозара рондааст. Комёбиҳои техникаҳои ҳозиразамонро агар ба ҳисоб гирем, ин албатта кори осон набуд.

| Роҳи тайшуда | Воситаҳои истифодашудаи техникӣ | мӯҳлат |
|---|---|---|
| Лондон-Суэс | Қатора ва киштӣ | 7 рӯз |
| Суэс-Бомбей | Киштӣ | 13 рӯз |
| Бомбей-Калкутта | Қатора ва фил | 3 рӯз |
| Калкутта-Гонконг | Киштӣ | 13 рӯз |
| Гонконг-Йокогама | Қатора ва фил | 6 рӯз |
| Йокогама-Сан-франсиско | Киштӣ | 22 рӯз |
| Сан-франсиско- Ню-Йорк | Қатора ва чана | 7 рӯз |
| Ню-Йорк-Лондон | Киштӣ ва қатора | 9 рӯз |
| ҳамагӣ | | 80 рӯз |



**Супоришҳо.**

*1. Бо гурӯҳатон матнро давом диҳед, мавзӯи мувофиқ интихоб намоед.*
*2. Ба кластер калимаҳои ношиносро нависед ва харитаи саёҳати қаҳрамони асарро кашед.*
*3. Дар гурӯҳҳо иҷро намоед;*
*а) аз номи муаллиф нақл кунед;*
*б) дар байни қаҳрамонҳои асар муколама тартиб диҳед.*
*в) дар бораи муаллифи асар маълумот тайёр кунед, аз манбаи интернет истифода баред.*

***Машқи 160. Аз рӯйи тасвирҳои додашуда (сайёраҳои тахайюлӣ, тасвир, манзара, ҳодиса-воқеа) истифода карда. 2-3 матн тартиб диҳед ва ба онҳо мавзӯъ интихоб намоед.***



***Машқи 161. Ҷумлаҳои додашударо хонед. Ин суханеон аз тарафи кӣ гуфта шудаанд, гӯед.***

1. Ҷалолиддини Румӣ гуфтааст:

- Агар сиҳатманд шудан хоҳӣ, аз хислатҳои зарарнок: такаббурӣ, кибр, ғурур, кина, бахилӣ дур бош. Қаноат як хазинаи нотамом аст, ки ҳақиқати онро барои дарк кардан кӯшиш кун.

3. Фаридуддини Аттор чунин гуфтааст: қадри дигарон дон, эй фарзанди азиз, то ки қадри туро дигарон бидонанд.

4. Шахсе, ки соҳиби ақлу идрок аст бо халқ дӯстона зиндагонӣ ба сар мебарад.

*Шахсе, ки соҳиби ҷумла ё матн аст, муаллиф ном дорад.*

*Муаллиф матни худро бо номи худаш навиштанаш мумкин.*

**Нидоҳо аз рӯйи маъно ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: эҳсосотӣ ва барангезанда.**

**I. Нидоҳои эҳсосотӣ (отифӣ) ҳиссиёти гуногуни инсонро нисбат ба ҳодисаҳои ҳаёт ифода мекунанд. Онҳо на танҳо барои нишон додани ҳолати самимонаи гӯянда, балки барои ифодаи ҳар гуна эҳсосот хизмат мекунанд. Нидоҳои эҳсосотӣ аз ҷиҳати маъно ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:**

**а) Нидоҳои тааҷҷуб ва ҳайрат: тавба, эҳа. аҷабо, уҳу, ҳмм ва ғайра: —Тавба, — Шарофат ҳайрон шуд.**

**6. Уҳу, инҳо ба замини мо наздик шуда мондаанд- ку... ҳмм, одами хуб, коргар.**

**б) Нидоҳои андӯҳ: вой, оҳ, воҳ ва ғайра:**

**7. Оҳ, — гуфт оҳистакак як пахтакаш.**

**в) Нидоҳои таассуф: эҳтиёт, оббо, эҳэ, эҳ, ҳай-ҳай,афсӯс ва ғайра: Оббо. ҳоли-ку вақти рамаронӣ нашудааст...**

**8. Афсӯс, — гуфт ӯ худ ба худ.**

**9. Ҳай-ҳай, зурата беҳуда харҷ накун.**

**г) Нидоҳои хурсандӣ, завқ, таҳсин: о, эй, ҳай-ҳай ва ғайра:**

**1. Эй, —. ..Шокир акем-ку, — гуфта фиристод. Ҳай-ҳай, магар ин духтаракам Гулнор аст, бисёрнағз.**

**II. Нидоҳои барангезанда (иродавӣ): тобишҳои гуногуии амриро ифода карда, ба иавъҳои зерин чудо мешаванд:**

**а) Нидоҳои даъват, мурочиат: уй, ҳой, э, ало, эй, у,аё, ой ва ғайра.**

**2. Ҳой Гулҷон, чаро мегирйӣ?**

**3. Э ҷавонмард, ба говони ман раҳм кун.**

**б) Нидоҳои амр: чим, ором, хомӯш ва ғайра. Хомӯш! — бонг зад Сайд Муродхӯҷа. — дар куҷоистодаӣ, бо киҳо гапзанон мекунӣ?**

**в) Нидоҳои миннатдорӣ, табрик, видоъ: хайр, боракалло, офарин ва ғайра: Хайр, саломат бошед. Офарин. ёфтед.**

**Нидоҳои такрор бо дефис навишта мешаванд: Бай-бай,ҳай-ҳай ва монанди инҳо.**

## ДАРСИ 62. АСАРҲОИ ТАХАЙЮЛӢ (ФАНТАСТИКӢ)

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***фаҳмонидани мазмуни матни шунидашуда, ҷудо карда тавонистани исботи ахбори тавсилшуда.***

***Муайян кардани тафовути сохт ва жанрии хроника, хабар,очерку ҳуҷҷатҳои ташкилотӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ.***



***Машқи 162.Матнро хонед ва маънидод кунед. Ҷумлаҳои нутқи айнан нақлшудадорро аниқ сохта шарҳ диҳед.***

– Аз худат пурсам? Чанд моҳ боз наменамоӣ... Мабодо бетоб – ку набудӣ?

– Не, додар, бетоб набудам. Лекин... пир шудаам.Худи ҳамин пирӣ баробари сад бетобӣ.

– Шикоят накун, падар, ту ҳоло чандон пир нестӣ, - гуфт мард ва даме сукут варзида, ба думбураҳои пеши пояш назар давонд. – Инҳо аз худат?

– Ҳо, – гуфт мӯйсафед, аз чӣ бошад, нигоҳашро каме гурезонда.

– Хайр... Чумча надорӣ?

– Не, додар, қариб як сол мешавад, ки ҳеҷ чиз натарошидаам, – кифоя. Танҳо ҳамин....

– Ба ман чумча даркор буд. Аммо дар наздат фақат думбура мебинам...

–Қиссаи дароз ин, – гуфт мӯйсафед ва бо лабханди маҳине гоҳ ба марду гоҳ ба думбураҳои худ нигариста илова намуд: – Ягонтааш форида бошад, бигир, арзон медиҳам.

– Раҳмат, падар, ба ман чумча даркор буд. Марди қунғузмӯйлаб хайрухуш карду калон – калон қадам партофта, аз дарвозаи бозор берун рафт.

Мӯйсафед оҳиста дар ҷояш нишаст.

***Саттор Турсун***



## *Машқи 163.Бо матн шинос шавед. Супоришҳои додашударо иҷро намоед.*



Шунидам, шеърро хуб мехонед, достонхонии шуморо таъриф мекунанд, чаро боре назди ман наёмадед? – гуфт Фирдавсӣ.



Абӯ Дулаф шармгинона гуфт:

– Мехостам биёям... ҷуръат накардам, устод... ибокардам...

– Чаро ибо? Беҷо, беҷо. Аммо айб ба Ҳушанг ҳам ҳаст, ки то имрӯз шуморо ба меҳмонӣ нахондааст. Мегӯянд, шумо Рустаму Ашкбӯсро аз ёд кардаед?

Оре, устод... Боз фасле аз Фаридуну Заҳҳок ҳам. Фаридуну Заҳҳок? Оё ин достон дар дастраси шумобуд?

Аз куҷо пайдо кардед?

– Устод онро ба ҷаноби Муҳаммади Лашкарӣ тақдимкарда будаанд, он ҷаноб ориятан ба ман дода буданд,ки фаслеро аз ёд кунам.

– Пас он фаслро барои мо мехонед, – гуфт шоир ва пурсид: – Мехонед?

– Ба чашм, устод, – қабул кард Абӯ Дулаф.

***Сотим Улуғзода.***

**Савол ва супоришҳо.**

*1. Баъди ба нутқи мазмунан баргардонидан чӣ тағйироти ҷумлаҳоро ҳис кардед?*

*2. Чаро нависанда нутқро айнан ва бе дигаргунӣ меорад?*

*3. Бо истифода аз калимаи ориятҷумла тартиб диҳед.*

## *Машқи 164. Матнро хонед. Ба нутқи айнаннақлшуда аҳамият диҳед.*

Виркан аз шикор баргашт.

Ревахшиён розро ба дилаш ғунчонида натавониста ба вай гуфт:

- Ҷомашӯйзанак омада буд, гирёну нолон. Духтараш аз кадом як зиногари нокас обистан шудааст.

Виркан якбора дар ҷои нишастааш безобита шуд, чашмонашро калонтар кушода, сӯи падараш хамида пурсид:

- Обистан?

- Оре, аз безобита шудани писараш тааҷҷуб карда ҷавоб дод Ревахшиён.

Виркан бархост, андешаманд қадаме чанд дар рӯи ҳавлӣ гашт, лаби ҷӯй дикак нишаста дар оби он даст шуст, боз хест, мурғони сайд кардаашро аз ҷое, ки гузошта буд, бидуни зарурат бардошта, ба ҷои дигар гузошт: сипас баргашта назди падараш нишасту гуфт:

- Ман... Падари кӯдакаш манам.
- Ту? пирамард ба шунида бовар кардан намехост.
- Оре, падар, ман.

- Ту чӣ кор кардӣ, лаънатӣ? шӯрид Ревахшиён. Агар ин роз ошкор шавад, туро ба дор мекашанд, ӯро сангсор мекунанд!

- Ором бош, падар, Наниманчаро ба занӣ мегирам. Акнун ту не гуфта наметавонӣ. Кайҳост, ки дӯсташ медорам.

Ревахшиён якбора дам фурӯ баст, ҳеҷ нагуфт.

Фасли харбузапазӣ буд. Виркан аз полизча, ки падараш дар ҳаёти пушти боми хонаашон кошта буд, ду харбузаи калонро канда оварда ба хурҷин андохт, боз ду нони тобагӣ ва аз чорто мурғи титав, ки он рӯз сайд карда буд, дутояшро андохт ва хурҷинро ба китфаш гирифта равон шуд.

Нимвайрона кулбаи шустагарзанак дар канори деҳа ба лаби чилдиробаи сой меистод. Модару духтар аз болои тавораи пастаки хасин Вирkани хурҷин бар душро, ки калонкалон қадам партофта ба сӯӣ дари ҳавличаи онҳо меомад, дида ҳайрон шуданд: писари Ревахшиён пеш аз ин ба хонаи онҳо ҳеҷ наёмада буд. Наниманча бошад, ба болои ҳайраташ бедасту по ҳам шуд. Виркан низ ҳар дуро медид ва аз онҳо чашм наканда хандон меомад. Наниманчаи беқарор сурх шуд, сафед шуд ва ниҳоят саросемаю ҳаросон худро ба даруни кулба гирифта дари онро пӯшид.

Модараш аввал аз ин ҳолу ҳаракати вай тааҷҷуб кард, сониян сабабашро ба фаросат дарёфт. Нахустин бор дарёфт ва ба худ ларзид.

- Шод бош, хола! ин нидои ҷавонмард занакро ба худ овард. (Суғдиён ҳанӯз «саломалайкум»-и арабиро намедонистанд, ба ҷои салом «Шод бош» ё ки «Хуш бош» мегуфтанд.

Кадбону ба суфачаи зери дарахти пири сершоху барги зардолу пӯстак андохт. Виркан дар он нишаст...

***Фазлиддин Муҳаммадиев.***



**Супоришҳо.**

*1. Асар ва мазмуни онро ба хотир биёред ва ҷое ки ба шумо маълум аст, нақл кунед.*

*2. Аз рӯйи стратегияи “Ман ба ту, ту ба ман” саволу ҷавоб ташкил кунед.*

## ДАРСИ 63. САЁҲАТ БА ОЛАМИ ПУРАСРОР

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***

***тафовути услуби расмӣ ва публисистиро бо воситаи дастгоҳҳои забон шиносонидан.***

***Маънои эмотсионалии таъбирҳо, мақол-зарбулмасалҳо, хусусиятҳои бадеии онҳоро дарк намуда, истифода кардан.***



***Машқи 165. Матнро ифоданок хонед. Сарсатрҳои онро муайян кунед.***

Дар осори классикии мо ҷузъиёти фантазиянависӣ аз ҷумла дар «Шоҳнома» ҳаст. Масалан, дар китфи Заҳҳок рӯидани ду мор, ки мағзи

сари ду ҷавонро мехӯранд. Ҷанги Рустам бо деви сафед аз чунин ҷузъиёт аст.Албатта ин фантастикаи илмӣ не, балки асотирӣ аст.

Дар афсонаҳои халқ дар бораи аспи чӯбин, гилеми паррон, осиёи тиллорезак, ё дар бораи оинаи ҷаҳоннамои Ҷамшед дар «Шоҳнома», дар ривоятҳои зиёди динӣ, аз ҷумла «Қисасаланбиё», дар «Ҳазору як шаб», дар насри омиёна, аз қабили «Самаки айёр», «Ҳотами Той» ва ғайра воқеаҳо, ҳодисаҳои фантастикӣ ҳастанд.

Дар адабиёти пас аз инқилобӣ ҳам асарҳое буданд, ки дар онҳо воқеаҳо, ҳодисаҳои фантастикӣ тасвир ёфтаанд. Масалан, «Қиёмат»-и Абдурауф Фитрат ба фантастикаи асотирӣ таъаллуқманд аст.

Дар аксарияти маврид адибони фантазиянавис пешгӯиҳои илмӣ, фарзияҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ҳам доранду бани башарро аз фарҷоми ногувори гоҳо фоҷиавии иқдомҳои сабукфикронаи онҳо огоҳ ҳам месозанд...

Фантазиянависӣ ин одамонро ба ягон масъала огоҳӣ додан нест. Ин вазифаро олимон ва онҳое, ки фарзияҳои илмӣ менависанд, ба хуби анҷом медиҳанд.

Фантазиянависӣ офаридани модели ҷамъиятест, ки дар кадом ҳолат – 2х2=4 намешавад.

Фантастикаи бадеӣ ҳамчун қисми муҳими адабиёт асосан вазифаи адабиро иҷро мекунад ва замони гузашта ё ояндаро ба воситаи образҳои бадеӣ тасвир менамояд. Дар мамлакатҳои Ғарб бошад, шохаи дигари фантастика бо иштироки персонажҳо аз қабили арвоҳ, ҷин, фаришта, шайтон ва амсоли ин дар ривоҷ буд. Агар фантастикаи илмиро дар ин мамолик «саенсфикшен» гӯянд, ин қабили фантастикаи илмиро «фантезӣ» меноманд.

Истифода шудани ин қабил персонажҳо дар асари ин ё он адиб ҳоло далели он нест, ки ӯ ба ин гуна воқеаҳо бовар дорад, зеро мақсади нависанда аз офаридани ин ё он модел ифода кардан ғояи худ ба воситаи воқеоти мушаххас ва образҳои бадеист.

Дар ҳикояи «Даҳшатқул» хонанда шоҳиди он мегардад, ки хӯсаи беҷон аз аслиҳаи оташфишон тир меандозад. Нависанда ин ҳодисаро бо мақсади пуртаъсиртар ифода кардани ғояи асар тасвир кардааст.

Дар ҳикояи «Пир дар осмон» нависанда нишон додан хостааст, ки кадом ҳолат сабабгори он шудааст, ки дар назари дарвешон пир дар осмон парвоз кунад.

Дар ҳикояи «Санги сарнавишт» бошад, муборизаи азалии инсон барои ҳалли сарнавишти худ тасвир меёбад. Нависанда таъкид кардааст, ки ҳатто дар ҳамон ҳолате, ки дар пеши инсон масъалаи интихоби 40-50 сола зиндагии фармонбардорона ё як рӯзи истиқлоли умр меистад, инсонҳое пайдо мешаванд, ки як рӯзи истиқлолро афзалтар мешуморанд. Якчанд хел маънидодшавии асар гувоҳи он аст, ки тири адиб ба нишон расидааст, зеро асари ҳақиқии адабиёт пурғунҷоиш мешавад.

***Аз манбаи интернет.***

**Савол ва супоришҳо.**

1. *Матни дар боло додашударо дар гурӯҳҳо муҳокима намоед.*
2. *Аз рӯйи стратегияи “Жигсо” матнро ифоданок хонед.*
3. *Вобаста ба мазмуни матн саволҳо тартиб диҳед.*
4. *Номи асрҳои илмӣ-тахайюлиро навишта гиред.*

***Машқи 166. Матнро ба сархатҳо ҷудо карда нависед.***

Оре, ҳар як инсон бояд дар зиндагӣ ҳамеша бар он ҷаҳд намояд, ки соҳибақлу соҳибхирад ба воя бирасад. Байни дӯстону наздикон обрӯю эътибор ва манзалату қимат дошта бошад. Муҳити иҳотакарда ӯро пазируфта эҳтиромашро ба ҷо оранд. Лекин ин нишонаҳои бузург барои инсон ба осонӣ муяссар намешаванд. Барои ба даст овардани обрӯ машаққати зиёд лозим меояд. Барои соҳибкасб гаштан бисёр мебояд омӯхт. Барои ифтихорманд гаштан худ бояд кони ақлу заковат ва мардонагиву далерӣ буд. Соҳибақл бояд буд, то пешаи дурустеро интихоб намуда, тавассути меҳнати бузург обрӯ пойдор кард. Шахсияти баркамол ва озодфикр ҳанӯз аз овони хурдӣ дар худ фикри интихоби пешаи асосиро мепарварад. Ин ақидаи бузург ҳар инсонро аз аввал бояд дар дилаш бедор гардад. Зеро равшании ҳар як рӯз аз оғози саҳари он маълум мегардад. Интихоби касб низ пешаи худододист, ки табиатан дар дили кас пайдо мегардад.

*Ҳар касеро баҳри коре сохтанд,*
*Меҳри онро дар дилаш андохтанд.*

Интихоби касб бояд дар кас бо як фикри дурандешонаву ҷиддӣ ва таҳаммулпазир пайдо гардад, зеро барои омӯхтану соҳибкасб гаштан машаққатҳои зиёд пеш меоянд. Барои омӯхтани касб ҳамаи он машаққату

азиятҳоро пурбардор будан лозим аст. Шахсони сабуксору бетааммул наметавонанд соҳибкасб гарданд.



### *Машқи 167. Матнро бодиққат хонед.*

Чандин тан аз лашкари Тӯрон ба майдон даромада, баъзе дастгир ва баъзе кушта шуданд. Дар охир Беҳбуд ном паҳлавони намангонӣ, ки дар зӯрӣ ба чандин паҳлавон баробар буд, ба майдон даромад. Вай бо шамшери худ ба Ҳенгилдев ҳамла карда гуфт:

- Эй, Ҳенгилдев! Агар ҳазор ҷон дошта бошӣ ҳам, аз дасти ман зинда намемонӣ!

Ҳенгил бо вай низ ба ҷанг даромад. Хеле ҷанг карданд. Ҳеҷ яке ба дигаре зафар наёфт. Баъд аз ин ба якдигар каманд андохта ба тарафи худ кашиданд. Дар ин вақт ногоҳ пои аспи Беҳбуд ба сӯрохе фурӯ рафт ва ӯ аз асп афтод. Ҳенгил вақтро ғанимат дониста, бо найза ба кафи пои Беҳбуд зад ва ӯ захмдор шуда бозгашт. Дев боз фарёд баровarda, ҳариф талаб намуд. Сардори қӯшуни Тӯрон - Фирӯз мехост ба майдон дарояд, вале Эраҷ тоқат карда натавониста, аспро чунон зад, ки дар як тохт аз болои сари дев парида гузашт. Ӯрдуи дев ва Тӯрон, ки то ҳол чунин касеро надида буданд, ҳайрон шуда, ба ин мубориզи нав нигоҳ карданд. Эраҷ аспи худро ба атрофи дев чор бор давр занонда, ба муқобили дев рост истод ва гуфт:

- Бисёр шодам, ки туро ёфтам, кайҳо боз дар ҷустуҷӯят будам ва кинаи туро дар дил мепарваридам.

Ҳенгил ханда карда гуфт:

- Ту агар марди майдон мебудӣ, бо худ сипару зиреҳ медоштӣ!

Эраҷ гуфт:

- Он чӣ ба ман лозим аст, дар ту ҳаст, пас, ман аз ту хоҳам гирифт.

Дев барошуфт ва бо найза ба ӯ ҳуҷум кард. Эраҷ бо як зарба найзаи ӯро кашида гирифта ба замин партофт. Ин дафъа гурзи дев чунон ба замин зад, ки агар ба кӯҳ мерасид, кӯҳро пора- пора мекард. Эраҷ гуфт:

- Акнун навбати ман аст.

Ӯ аспро пеш ронда, ба рикоб чунон зад, ки ду пои пеши аспи Эраҷ ба китфи фили дев баробар шуд, пас бо шамшери «Ҷонситон» бо зарб ба даҳани Ҳенгил зад, ки сараш ҳазор газ парида рафт ва танҳо ҷоғаш ба гарданаш овезон монд. Инро дида лашкари Тӯрон табли шодӣ заданд ва аз тарафи девҳо се бародари Ҳенгил якбора ба Эраҷ ҳуҷум оварданд.

Гарду ғубор дар майдон баланд шуд. Эраҷ бо чобукӣ ба яке аз онҳо ҳамла бурда, найзаро аз дасти вай гирифт ва ба синаи дев зад. Дев фарёди ҷонкоҳе бароварда ба замин афтод ва он гоҳ ду бародари дигари дев якбора ба Эраҷ ҳуҷум карданд. Эраҷ монанди шоҳин аз тарафи рост ва чап ба ҳар ду ҳуҷум карда, якеро аз камар ду тақсим кард ва дигареро аз фарқ то нӯги по бо аспаш ду баробар сохт ва нӯги шамшераш ба замин панҷ газ фурӯ рафт. Ҳуртундев, ки сардори девҳо буд, ба ҷанги мағлуба фармон дод. Фирӯз ҳам бо ёрии ин ҷавони номаълум қӯшуни Тӯронро ба ҷанги мағлуба фармон дод. Ҷанги мағлуба оташ гирифт. Ҳеҷ кас касеро намедид. Вақте ки шаб шуд, аз ду тараф табли бозгашт зада шуд. Дар ин ҷанг аз лашкари Тӯрон 2772 кас кушта шуда буд. Ҳар ду лашкар ҳам ба қароргоҳи худ баргаштанд. Эраҷ ҳам ба ҳамон домани кӯҳ баргашт. Ҷанговарони лашкари Тӯрон тамоман ҳайрон буданд, ки ин ҷавон аз куҷо омадааст? Девҳо ҳам дар ҳайрат буданд, ки ин барқи сӯзанда аз куҷо пайдо шуд, ки балои ҷони девҳо гашт. Ҳуртун мегуфт:

- Фардо ӯро ба хок яксон хоҳам кард.

Вақте ки Эраҷ ба майдони доманаи кӯҳ омада нишаст, чанд кас аз фармондеҳони қӯшуни Тӯрон ба пеши ӯ омада, ӯро ба хаймаи сардори худ даъват карданд. Эраҷ даъватро қабул намуда, бо онҳо рафт. Уро бо иззати тамом ба хайма дохил карданд. Сардори онҳо аз ҷой бархоста аз паҳлӯи худ ба вай ҷой дод. Бо амри сипаҳсолор дастурхон оростанд. Ҳамаи фармондеҳон аз шуҷоат ва суханронии Эраҷ дар ҳайрат буданд.

***Садриддин Айнӣ.***



**Супоришҳо.**

*1. Аз рӯйи маънои матн бо гурӯҳҳо нақша тартиб диҳед.*
*2. Номи асари додашударо муайян кунед.*
*3. Дар мавзӯъҳои “Ман ҳам сеҳррргар”, “Агар сеҳргар мешудам ” лавҳаи хурд тартиб диҳед, ба саҳна гузоред.*



**Дар асарҳои бадеӣ вобаста ба мазмуни матн накшаҳои муфассал ё ки пурра тартиб дода мешавад, онҳо бояд ба се қисм ҷудо карда шуда, аз қисматҳҳои “Сарсухан”, “Қисми асосӣ”, “Хулоса(Интиҳо)”иборат бошанд ва бояд бо ҳарфҳои алифбо ё ки рақамҳои арифметикӣ ботартиб навишта шаванд.**

**Ҳар як нақша бояд аз қисмҳои зерин иборат бошад:**

**Мавзӯъ.Нақша: 1.Сарсухан. 2.Қисми асосӣ. 3.Хулоса.**

**Ин гуна нақша-нақшаи муфассал номида мешавад.Пас аз ҳарфҳои алифбо албатта бояд ин ҳарфро бо қавс пӯшем ва пас аз он ҷумларо бояд бо ҳарфи майда нависем ва дар охири ҷумла ё ин ки ибораи мураккаб аломати нуқтавергул гузоштан зарур.**

## ДАРСИ 64. ТАКРОРӢ

***МАҚСАДИ ДАРСИ ИМРӮЗА:***
***эзоҳ додан ба фикри муаллиф, истифодаи сарчашмаҳо аз китоби дарсӣ, маҷалла-рӯзнома, энциклопедия, интернет.***
***Пешвандҳоро фарқ карда тавонистан, вазифаашонро донистан ва ҷойи онҳо дар ҷумла.***



***Машқи 168.Матнҳоро ифоданок хонед ва ба услубҳои онҳо аҳамият диҳед.***

***Ариза (намуна)***

Ба дирекори мактаби миёнаи
№_8-уми ба номи Садриддин Айнӣ
ноҳияи Сариағашидеҳаи Интимоқ
Ҳасанова Гулсара, аз номи
Абдуллоев Аҳмад ноҳияи Интимоқ,
кӯчаи Гулистон, хонаи 12, ҳуҷраи 6.

### АРИЗА

Аз Шумо хоҳиш менамоям, ки писари ман Абдуллоев Самадро ба синфи панҷум қабул намоед. Аз сабаби аз ноҳияи Мақтаарал ба ноҳияи Сариағаш омаданамон, писарамро аз он мактаб гирифтем.

имзо__________________(ному насаб)
(таърихи рӯз)

### *Забонхат (намуна)*

Ман (ному насаб), маъмурияти корхонаи____________, бо сабаби калон намудани масоҳати корхона, аз Бонк бо маблағи 300 (сесад) ҳазор тенге қарз гирифтам.

имзо___________ (ному насаб)
(таърихи рӯз)

*************************************************************************

### *Тарҷумаи ҳол (намуна)*

Ман (ному насаб), 27-уми апрели соли_____ дар деҳаи Интимоқ, дар оилаи_______ таваллуд шудаам. Соли 2007 ба синфи якум, ба мактаби миёнаи рақами 8-уми ба номи Садриддин Айнӣ деҳаи Интимоқ дохил шудам. Дар оила 5 нафар ҳастем. Падарам (ному насаб) муаллими мактаб, модарам (ному насаб) низ дар мактаб муаллима шуда кор мекунанд ва хоҳару бародарам дар мактаб таҳсил мекунанд, ман бошам дар Донишгоҳи техникии шаҳри Шимкент таҳсил карда истодаам.

имзо________________(ному насаб).
(таърихи рӯз)

*************************************************************************

### *Хислатнома (намуна)*

Ба хонандаи синфи 10-уми мактаби миёнаи №_____-уми ноҳияи Сариағаши деҳаи Интимақ (ному насаб), соли таваллудаш ________, миллаташ тоҷик.

(ному насаб) соли ёздаҳум аст, ки дар мактаби миёнаи №_____-уми ноҳияи Сариағаши деҳаи Интимақ таҳсил менамояд.

(ном) писари бонтизом буда, супоришҳои дар мӯҳлати муайяншударо ичро мекунад. Дар таҳсил фаъол буда, бо баҳои аъло мехонад. Дар корҳои ҷамъиятии синф ва мактаб фаъолона иштирок мекунад.

(ном) талабаи боадаб аст, ҳамсинфон, муаллимон ва калонсолонро эҳтиром менамояд. Ба фанҳои дақиқ шавқу ҳаваси зиёд дорад, дар

маҳфилу озмунҳои фанни фаъолона иштирок карда, доимо барои баланд бардоштани дониши худ кӯшиш менамояд.

(ному насаб) аъзои ҳайати тозагии синф аст. Вай ба варзиш низ шавқи зиёд дорад, аъзои дастаи футболбозони мактаб аст.

Роҳбари синф: имзо____________(ному насаб)
(таърихи рӯз)

**Супоришҳо.**

*1. Аз ҳуҷҷатҳои расмии дар боло овардашуда истифода бурда аз номи қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ тарҷумаи ҳол, забонхат, тавсифнома тартиб диҳед ва нависед.*

*2. Ҳуҷҷатҳои расмӣ бо кадом услуби нутқ навишта мешаванд аниқ намоед.*

# *Илова*

## МАТНҲО БАРОИ ИНКИШОФИ НУТҚИ МУРАТТАБ

### *ШУҲРАТИ ОЛАМГИР*

Адабиёти классикии тоҷикӣ дар саросари олам шуҳрати дерин дорад ва солҳои зиёдест, ки ҳамагонро мафтун ва дилҳоро тасхир мекунад. Ин адабиёт беназир ва заволнопазир аст. Намояндагони барҷастаи он Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдию Хайём, Ҳофизу Низомӣ, Синову Ҷомӣ, Ҳилоливу Соиб, Сайидову Бедил... дар дунёи адаб таҳаввулоти ҳайратовар ва рӯҳпарвар ба вуҷуд овардаанд. Аз ин ҷост, ки номи эшон байни аҳли адаби ҷаҳон маъруф аст ва осори эшон сарчашмаи илҳоми адибони кишварҳои гуногун қарор гирифта. Яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти классики тоҷик, ки асрҳо боз шӯҳрати офоқ гардида, Ҳофизи Шерозист. Ин шоири номвар дар эҷоди шеър ба ҳадде расидааст, ки ӯро «лисонулғайб» номидаанд. Ғазалиёти Ҳофиз сатҳи баланди эҷод дар адабиёти олам эътироф шудааст. Дар ҳақиқат, ғазалҳои равону дилнишин ва пурробуранги ин шоири варзида дорои мазмуни баланд ва санъати олианд. Дар онҳо тараннуми ишқи пок, ахлоқи ҳамида, ҳусну зебоӣ, тасвири табиат, тарғиби ғояҳои олии инсонӣ; мардумпарастию инсонгароӣ, дӯстиву ваҳдат ва ватанпарварию донишандӯзӣ мавқеи барҷаста доранд. Аз ин хусус ба сифати далел овардани танҳо як байти барҷаставу машҳури шоир кофист:

*Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,*
*Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.*

Девони Ҳофиз асосан аз ғазалиёт иборат мебошад ва ӯ, пеш аз ҳама, ҳамчун устоди ғазал, ташаккулбахшу шуҳратафзои жанри ғазал эътироф шудааст. Эътирофи Ҳофизи Шерозӣ ҳамчун шоири беназир ва тавоно ҳанӯз дар замони зиндагиаш шурӯъ ёфтааст. Шуҳрати ӯ нахуст саросари Шарқро, ки он замон мазҳари илму

адаб шинохта мешуд, фаро гирифтааст. Шоир дар ин қаламрав ҳаводорони зиёде (аз хурд то калон, аз шоҳ то деҳқон) пайдо кардааст. Ҳамагон шеъри Ҳофиз мехонданд ва сано ба ӯ мегуфтанд. Шоҳони кишварҳои гуногуни Шарқ шоирро ба меҳмонӣ мехонданд, таманнои оростани базми шеъри ӯро мекарданд. Ба ин маънӣ худи шоир низ ишорате дорад:

*Зи шеъри Ҳофизи Шероз мегӯянду мерақсанд,*
*Сияҳчашмони кашмириву туркони самарқандӣ.*

ХХХ

*Ироқу форс гирифтӣ ба шеъри хуш, Ҳофиз,*
*Биё, ки навбати Бағдоду вақти Табрез аст.*

## АНДАР ШИНОХТАНИ ҲАҚҚИ ПАДАРУ МОДАР

Бидон эй писар, ки ... аз муҷиби хирад бар фарзанд воҷиб аст худро ҳурмат доштан ва таахҳуд кардан. Гуфт:

- Панҷ ҳазор динори накд бидиҳам.

Маҳол гуфт:

- Ёфтам Фатҳро зинда. Завраҳе биёваранд ва Фатҳро бибуранд. Мутаваккил он чӣ маллоҳро гуфта буд, бифармуд то дар вақт бидонанд. Вазирро бифармуд ва гуфт, ки дар хазинаи ман рав, ҳарчӣҳаст, як нима ба дарвешон деҳ.

Он гоҳ гуфт:

- Таом оред, ки вай гуруснаи ҳафтрӯза аст.

Фатҳ гуфт:

- Ё амирулмӯъминин, ман серам.

Мутаваккил гуфт:

- Магар аз оби Даҷла сер шудӣ?

Фатҳ гуфт:

- На, ки ман ин ҳафт рӯз гурусна набудам, ки ҳар рӯз бисто нон бар табақе ниҳода ба рӯйи об фурӯ омадӣ ва ман ҷаҳд кардаме то ду-сето аз он нон бигрифтаме ва зиндагонии ман аз он нон будӣ ва

ба ҳар нон навишта буд: «Муҳаммад ибни Ал-Ҳусайн Ал-Аксоф». Мутаваккил фармуд, ки дар шаҳр мунодӣ кунед, ки он мард, ки нон дар Даҷла афканд кист ва бигӯед, то биёяд, ки амирулмӯъминин ба ӯ некӯӣ хоҳад кард, то натарсад. Чунин муноди карданд. Рӯзи дигар марде биёмад ва гуфт:

- Ман он кас.

Мутаваккил гуфт:

- Ба чӣ нишон? Мард гуфт: - Ба он нишон, ки номи ман бар рӯйи ҳар ноне навишта буд, ки Муҳаммад ибни Ал-Ҳусайн Ал-Аксоф.

Мутаваккил гуфт:

- Нишон дуруст аст. Аммо чанд гоҳ аст, ки ту дар ин Даҷла нон меандозӣ?

Мард гуфт:

- Як соаст.

Мутаваккил гуфт:

- Ғарази ту аз ин чӣ буд? Мард гуфт:

- Шунида будам, ки некӣ куну ба об парто, ки рӯзе бар диҳад. Ва ба дасти ман некии дигар набуд. Он чӣ тавонистам кардам, ҳаме кардам, то худ чӣ бар диҳад. Мутаваккил гуфт:

- Он чӣ шунидӣ, кардӣ, бад-он чӣ кардӣ, самара ёфтӣ. Мутаваккил вайро дар Бағдод панҷ деҳ мулк дод. Мард ба сари мулк рафт ва муҳташам гашт ва ҳанӯз фарзандони ӯ дар Бағдод мондаанд.Ва ба рӯзгори Ал-Коим биамриллоҳ ман ба ҳаҷ рафтам. Эзиди таоло маро тавфиқ дод, то зиёрати худой бикардам ва фарзандони вайро бидидам ва ин ҳикоят аз пирои Бағдод шунидам. Пас то битавони аз некӯӣ кардан маёсой ва худро ба некиву накӯкорӣ ба мардумон намой ва чун намудӣ ба хилофи намуда мабош. Ва ба зуфон дигар магӯй ва ба дил дигар мадор то гандумнамои ҷавфурӯш набошӣ.

## ЭРАҶИ ТИЛИСМШИКАН

Дар яке аз мамлак;атҳои Шарқ марди ҳунарманде буд, ки Хирадманд ном дошт. Вай дар Хатлон зиндагӣ мекард. Чанде нагузашт, ки ӯ дар ҷанги деву тӯрониён асир гардид ва аз вай дигар хабаре

нашуд. Ӯ як писар ва чор духтар дошт. Писараш дусола буд ва Эраҷ ном дошт. Аз хурдсолӣ дар вай осори шуҷоатмандӣ ва зиракӣ дида мешуд. Вақте ки ба синни ҳафт расид, ӯро модараш ба мактаб дод. Дар муддати як сол аз ҳамдарсони худ пешқадам шуд. Ҳамаи кӯдакон ӯро нағз дида, дар вақти истироҳат ва танаффус ба гирди ӯ ҷамъ гардида, дар ҳар коре азвай ёрӣ ва мадад металабиданд. Ин бача чашмони сиёҳи ҷозибанок, сурати гандумранг ва қомати зебо дошт.

Чун ба синни ёздаҳ расид, дар байни бачагони мактаб дар далерӣ, ҳушёрӣ ва зираакӣ ба мартабаи аъло соҳиб шуд.

Рӯзи иди Наврӯз табиат тамоми зебоиҳои худро намоиш медод, бачагон ҳам ҳар як ба андозаи даркорӣ худоройӣ намуда, мисли гулҳои баҳор шукуфта буданд. Тамоми бачагон дар боғ ба гирди Эраҷ ҷамъ омаданд. Эраҷ гӯё Офтоб ва бачагони дигар ситораҳои дурахшанда буданд, ки гирди ӯро печонда гирифта буданд. Ҳамаи онҳо дар як боғи зебое, ки пур аз гулҳо буд, сайру гашт ва ҳар гуна бозиҳо мекарданд. Аввалин бозие, ки дар ин майдон сар шуд ва ҷавгонбозӣ буд. Падарони бачагон барои дидани бозии онҳо омада буданд.

Барои тирандозӣ чандин тир ва камонҳо ҳозир карданд. Дар ин бозӣ як ангуштаринро нишона монданд ва гуфтанд, ки ҳар кас тирро аз ангуштарин гузаронад, бозиро бурдагӣ ҳисоб мешавад. Ҳар яке аз бачагон тиру камонро гирифта, ба нишон нигоҳ карда тир андохтанд. Танҳо Эраҷ ва ду нафари дигар тирро аз халқаи ангуштарин гузаронда тавонистанд. Эраҷ гуфт: - Ин чандон кори душвор нест, ман метавонам се тирро ба ҳамдигар дӯзам.

Ҳама ба тарафи вай нигоҳ карданд. Эраҷ тиру камонро гирифта пои чапашро сутун кард ва ҷуссаашро камтар ақиб партофта тири аввалиро ба дарахт зад, тири дуюмро ба тани тири якум ва тири сеюмро ба тани тири дуюм зад.

- Офарин, қандата зан! – гуфтанд.

## САВОБИ НИМТА НОН

Рӯзе як одам аз роҳе гузашта истода буд, ки ба санге пешпо хӯрду нохунаш хун шуд. «Боз дигар одамҳо ҳам пешпо нахӯранд»

гуфта, мардак сангро аз роҳ гирифта партофтанӣ шуда дид, ки аз таги санг як хишти пухта менамояд. Хиштро бардошт, аз таги он як сандуқча баромад. Калиди сандуқча дар лабаш бастагӣ буд. Мардак калидро гирифту сандуқчаро кушод, ки як мор баромад. Мор ду гел заду мори калон шуд. Баъд ба гардани мардак печиду гуфт:

- Ҳозир ман туро заҳр мезанам.

Мард гуфт:

- Ман туро аз сандуқ озод кардам, маро заҳр мезанӣ? Наход ба ҷои некӣ бадӣ ояд?

Онҳо дар ҳамин муноқаша буданд, ки аз роҳ панҷ аспакӣ пайдо шуд. Аспакиҳо аз онҳо пурсиданд, ки:

- Чӣ муноқаша доред?

Мардак ҳодисаро гуфта дод. Он панҷ кас ҳарчанд ба мор гуфтанд, ки «Ин одам туро озод кардааст, ту ӯро заҳр занӣ, ноинсофӣ мешавад», мор қабул накард. Аспакиҳо диданд, ки гапашон намегузарад, аз баҳраш гузаштанду ба роҳашон рафтан гирифтанд.

Онҳо гузашта рафта буданд, ки аз роҳ сӣ аспакӣ пайдо шуд. Ин сӣ кас ҳам ҳарчанд ба мор гуфтанд, ки "Ба ҷои некӣ бадӣ накун", мор розӣ нашуд, онҳо ҳам ба роҳашон рафтанд.

Баъд, аз роҳ як бача пайдо шуд. Бача пурсид:

- Чӣ муноқаша доред?

Мардак воқеаро гуфт. Бача пурсид:

- Ин мор аз кадом сандуқ баромад?

Мард гуфт:

- Аз ин сандуқ.

Бача аз мор пурсид:

- Аз ҳамин сандуқ баромадӣ?

Мор гуфт:

- Ҳа, аз ҳамин сандуқ баромадам.

Бача гуфт:

- Ту ҳам дурӯғ мегӯӣ, ин одам ҳам дурӯғ мегӯяд. Ту бо ҳамин ҷуссаат ба ин сандуқча чӣ тавр ғунҷидӣ?

Мор гуфт:

- Рост мегӯям, аз ҳамин сандуқ баромадам.

Бача гуфт:

- Набошад, канӣ даро ман бинам.

Мор боз ду ғел заду асли қадим барин шуда, ба сандуқ даромад. Бача дарҳав сандуқро пӯшиду дарашро қулф карда, ба замин гӯронд.

Мард бисёр шод шуда, ба бача гуфт:

- Эй писар, ту кистӣ, ки маро аз чанголи аҷал раҳо кардӣ?

Бача гуфт:

- Ман савоби он нимта нони ту ҳастам, ки як рӯз ба як гадо дода будӣ. Агар ҳамон рӯз нонро ба гадо бутун медодӣ, ман барвақттар омада, туро халос мекардам.

## *КОРИ БӮЗИНА НЕСТ НАҶҶОРӢ*

Бӯзинае дуредгареро дид, ки ба чӯбе нишаста онро мебурид ва ду мех дошт, якеро ба шикофи чӯб фурӯ мекуфт, то ки буридани он осон шавад ва роҳи омадурафт ва арра осон гардад. Вақте ки шикоф аз ҳадди муайян мегузашт, ин мехро гирифта мехи дигарро ба ҷойи нав мекӯфт ва ба ҳамин тариқ амал мекард.

Бӯзина дар ин вақт сайру гашт менамуд, ногоҳ дуредгар дар асної кор ба ҳоҷате рафт. Бӯзина дарҳол болои чӯб нишаст ва думи вай аз он ҷониб ки бурида буд ба шикофи чӯб фурӯ рафт. Бӯзина он мехро, ки дар пеши кор буд, пеш аз он ки мехи дигарро фурӯ кубад аз шикофи чӯб баркашид. Чун мех аз шикоф кашида шуд, ҳар ду тарафи чӯб бо ҳам пайваста шуда, думи бӯзина дар миёни чӯб маҳкам монд. Бечора бӯзина аз дард ранҷур шуда менолид ва мегуфт:

*Он беҳ,ки ҳар касе ба ҷаҳон кори худ кунад,*
*В-он кас кори худ накунад, нек бад кунад.*

Кори ман мева чидан аст, на арра кашидан, пешаи ман тамошои беша аст, на задани табару теша.

Бӯзина ба худ ин суханҳо мегуфт, ки дуредгар расида омад ва ӯро ба сазо ва ҳалокат расонид. Ва аз ин ҷо гуфтаанд: “Кори бӯзина нест наҷҷорӣ”.

## *АНДЕША*

... Ва аз ҳар зарби тешаи ӯ шароре аз дили сарди санги сафед мепарад, холигии саҳрои маҳшарро лаҳзае равшан мегардонад. Худо дар зулмати дунё Одамро меофарад. Ва инсон кирмест, ки дар вуҷуди ловуҷуди хеш фасодиҳоро ба вуҷуд меорад.

— Оё инсон ба офариниш, офаринише аз худ болотар қодир асг? — мепурсам аз ӯ.

- Инсон шеъри худост, инсон ишқи худост. Магар худ ин беолоиш, пок нест?!

Ӯ ба яқин муроди маро нафаҳмид. Охир, ман медонистам, ки ҳарчанд худи ӯ шеъри худост, вале ба ишқи худо нафрат дорад. Бигӯед, оё касе, ки дар бораи одамон бад андеша мекунад, ба онҳо душманӣ меварзад,ҳуқуқи тапкингарӣ дорад, ки ин нек асту он бад? Оё ӯ метавонад аз худ болотар чизеро биёфаринад? Ва ё ман аз ҳунари ӯ ҳасад мебарам? Оё онҳо майдонро барои худ холӣ карданӣнестанд, то ки дар он муҳит яккағолиб бошанд ва то ҳастанд ва то замоне, ки зиндагӣ боқист, бар бунёди дигарон неш зананд?! Муроди онҳо офариниши зебоии фавқ аз худашон нест, балки бо ин амалонҳо мехоҳанд бо дигарон шарт бизананд, огоҳ кунанд. Бо роҳи дурӯғ онопро аз набарди ҳамешагияшон дар арсаи буду набуд барканор созанд?!

Не, ман ба ин дурӯғ тоб намеёварам. Тамоми офаридаҳояшонро мешиканам. Не, на барои он ки ба худ пояи хубе холӣ кунам... Сад бор не! Ман онҳоро барои хиёнатҳояшон. барои дурӯғҳояшон мешиканам. Ва муҷассамаи Зардуштро, оре фақат Зардуштро, он яккаву танҳоро чунон иртифоъ медиҳам, ки аз уфуқ то уфуқ бинамояд, шабу рӯз дар миёни неку бад, хубу зишт, сулҳу ҷанг ва набарди маргу зиндагӣ бинамояд, мӯҳташаму ҷавонмард, далеру саховатманд.

## *ЗАБОНИ ТОҶИКӢ*

Забони тоҷикӣ-забоне, ки дар Эрон: форсӣ, ва дар Афғонистон дарӣ номида мешавад, забони давлатии кишварҳои Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон мебошад. Дар Ӯзбекистон, агарчӣ тоҷикӣ забони ақаллият маҳсуб мешавад, вале дар ин кишвар зиёда аз 15 миллион нафар ба тоҷикӣ гуфтугӯ мекунанд. Ин забон ба хонаводаи забонҳои ҳинду аврупоӣ дохил мешавад. Дар маҷмӯъ: порсигӯёни асил (форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ) зиёда аз 122 млн мардум мебошанд. Тамоми порсигӯёни ҷаҳон бошанд 222 млн нафар ҳастанд. Фақат ба гӯиши тоҷикӣ 46 миллион нафар гап мезананд.

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои бостонтарини ҷаҳон ба шумор меравад. Давраи нави инкишофи он дар асрҳои VII-VIII сар шудааст. Бо ин забон шоирону нависандагони бузург Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Сино, Ҷомӣ,Мавлоно, Ҳофиз, Дониш, Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода, Пайрав Сулаймонӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Убайд Раҷаб, Наимҷон Назирӣ ва дигарон асарҳои безавол эҷод кардаанд.

Забони тоҷикӣ диққати бисёр олимон ва нависандагони оламро ба худ ҷалб кардааст. Ба омӯзиши забони порсӣ-тоҷикӣ яке аз асосгузорони коммунизми илмӣ Фридрих Энгелс низ мароқ зоҳир карда буд. Забони тоҷикӣ рӯз то рӯз рушд мекунад ва садҳо вожаҳои нав ба таркиби луғавии забони он ворид мешаванд.

Устоди аввалини ман

Агар барои қабои сабз ба бар намудани замин баҳор лозим бошад, пас барои сабз гаштани таманнои инсон устод рамзи баҳор аст. Оре, бе устод кас наметавонад аз доираи тафаккури маҳдуд берун гашта, оламу одамро дарк намояд. Дар ин маврид шоир гуфтааст:

*Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.*

Аз қадим бузургони илму адаб ба устод эҳтироми хосса дошта, дар мавриди зарурат ба ин шахсияти беназир муроҷиат мекарданд. Онҳо дар симои устод шахси донишманду фозил ва равшанзамиру

барнодилро медиданд. Ана, ҳамин диди муборак то имрӯз боқӣ мондааст.

Адиби дурандешу донишманд Аҳмади Дониш дар сифати шинохти устод навиштааст: «Ҳаққи падар бузург аст ва ҳаққи устод бузургтар».

Аз ин ҳама андешаҳои ҷолиб чунин бармеояд, ки муаллим, омӯзгор дар тарбияи маънавии инсон нақши муассир дошта, боиси эҳиром ва шаҳомат низ гаштааст.

Устоди аввалини ман модар аст. Ҳар чизеро ки то даврони мактабхонӣ медидам, аз ӯ пурсон мешудам. Модар бо суханҳои ширину латиф ҳар як ашёи оламро ба мани кунҷков ошно месохт. Устоди дигар ин худ зиндагист, ки касро ба баду фисқи ҷаҳони фонӣ ошно месозад.

Аммо хидмати омӯзгор бештар аст, зеро маҳз ӯ дари илму донишро ба рӯйи кас боз карда, дунёи тафаккури касро бо тозагулҳои муаттари маърифат зиннат медиҳад.

Хулоса омӯзгор он шахсияти бузург ва нотакрорест, ки бо чароғи ақл олами фикрии моро равшан намуда, дунёи пурасрори илмро муаррифӣ мекунад. Деҳқону муҳандис, духтуру шоир ҳама парвардаи оғӯши биҳиштосои омӯзгоранд. Тобиши зиндагӣ бори дигар собит сохт, ки давлати муаллим тарбияи шогирдон аст. Ӯ аз пешрафт ва комёбии эшон ифтихор мекунад. Хушбахтона, дар мушкилтарин даврони рӯзгори мо омӯзгорон ҳамеша дар хидмати халқу Ватан қарор доштанд. Ҳарчанд ба шароити гарони зиндагӣ рӯ ба рӯ омадаанд, аммо, мардона дар бунёди манораи ақлҳо саҳми шоиста гузоштанд.

Аз ин рӯ, эҳтироми устод вазифаи муқаддаси ҳар як инсон аст. Ҳаёт бошад, давоми мантиқии дарси муаллим аст. Оре:

*Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.*

# МУНДАРИҶА


САРСУХАН 3

**ФАСЛИ 1. ОБУ ҲАВО ВА ДИГАРГУНИҲОИ ҲАРОРАТӢ**

ДАРСИ 1. МУҚАДДИМА 5

ДАРСИ 2. ХИСЛАТҲОИ ИНСОНӢ 7

ДАРСИ 3. ДИГАРГУНИҲОИ ИҚЛИМИ ГЛОБАЛӢ 9

ДАРСИ 4. ШАМОЛ 11

ДАРСИ 5. 16 СЕНТЯБР – РӮЗИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ҲИФЗИ ҚАБАТИ ОЗОН 13

ДАРСИ 6. ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ 15

ДАРСИ 7. ҶАМЪИЯТ ВА ТАБИАТ 19

ДАРСИ 8. ТАБИАТРО ҲИФЗ НАМОЕД 21

ДАРСИ 9. ИҚЛИМ ВА ЭКОЛОГИЯ 23

**ФАСЛИ 2. МАДАНИЯТИ КӮЧМАНЧИҲО**

ДАРСИ 10. МАДАНИЯТИ НИМКӮЧМАНЧИҲО 26

ДАРСИ 11. МАДАНИЯТИ ОСИЁИ МИЁНА 29

ДАРСИ 12. ХАЗИНАИ МОДДӢ ВА МАЪНАВӢ 32

ДАРСИ 13. МЕРОСИ МОДДӢ 34

**ФАСЛИ 3. ТАНИ СОЛИМ – АҚЛИ СОЛИМ**

ДАРСИ 14. СОЛИМӢ – САОДАТИ ТУСТ 36

ДАРСИ 15. МЕРОСИ ИБН СИНО – ХАЗИНАИ БЕБАҲО 38

ДАРСИ 16. ТАНИ СОЛИМ – АҚЛИ СОЛИМ 41

ДАРСИ 17. ҲИМОЯИ ТАНДУРУСТӢ 42

**ФАСЛИ 4. МЕҲР – ОҚИБАТ ВА ДӮСТӢ**

ДАРСИ 18. МЕҲР- ОҚИБАТ ВА ОИЛА 44

ДАРСИ 19. АНДАР ШИНОХТАНИ ҲАҚҚИ ПАДАРУ МОДАР 47

ДАРСИ 20. СУДУ ЗИЁНИ ЗАБОН 49

ДАРСИ 21. ҲУРМАТУ ЭҲТИРОМИ ВОЛИДАЙН 50

ДАРСИ 22. ХУЛҚИ ХУШ 52

ДАРСИ 23. ҚАДРИ ДӮСТИ ҲАҚИҚӢ 57

ДАРСИ 24. БАҲСИ ДӮСТОНА 61

ДАРСИ 25. ҲАЁТ БО ТАНСИҲАТӢ ЗЕБОСТ 62

ДАРСИ 26. ЭЪЗОЗ КАРДАНИ ТАБИАТ 64

ДАРСИ 27. НОН – НЕЪМАТИ БЕБАҲО 67

ДАРСИ 28. СЕҲРИ СУХАН 70

**ФАСЛИ 5. МУСИҚА, САНЪАТ ВА АСБОБҲОИ МУСИҚИИ ХАЛҚИ ТОҶИК**

ДАРСИ 29. ТАЪРИХИ САНЪАТИ МУСИҚӢ 72

ДАРСИ 30. НАМОЯНДАГОНИ БАРҶАСТАИ САНЪАТИ МУСИҚӢ 75

ДАРСИ 31. ЭСТРАДАИ ТОҶИК 77

ДАРСИ 32. АСБОБҲОИ МУСИҚИИ МИЛЛИИ ХАЛҚИ ТОҶИК 79

ДАРСИ 33. МАЪЛУМОТ ОИДИ АСБОБҲОИ МИЛЛӢ 82
ДАРСИ 34. АЗ МЕҲНАТ ЁБЕД РОҲАТ 85
ДАРСИ 35. СЕҲРИ МУСИҚӢ 88
**ФАСЛИ 6. ИНТЕРНЕТ ВА МАНБАЪҲОИ ИҶТИМОӢ**
ДАРСИ 36. САНЪАТКОРИ МАҲБУБИ ХАЛҚ 92
ДАРСИ 37. ОЛАМИ ВИРТУАЛӢ 94
ДАРСИ 38. МАН ВА МАНБАЪҲО ИҶТИМОӢ 95
ДАРСИ 39. ИНТЕРНЕТ - МАНБАИ АХБОР 97
ДАРСИ 40. АЗ “ТУРИ ТОРТОНАК” ЭҲТИЁТ ШАВЕД 98
**ФАСЛИ 7. ДӮСТИИ ХАЛҚҲОИ ҚАЗОҚИСТОН**
ДАРСИ 41. ПОЙДЕВОРИ ДӮСТӢ 101
ДАРСИ 42. ЯК ТАҚДИР, ЯГОНА ВАТАН 102
ДАРСИ 43. ДӮСТӢ – ЯГОНАГИИ ДИЛ ВА ЗАБОН 104
**ФАСЛИ 8. ОДОБИ ТАЪОМХӮРӢ, ТАЪОМҲОИ БА ДИГАРГУНИҲОИ ГЕНЕТИКӢ ОВАРАНДА**
ДАРСИ 44. СОЛИМ ШУДАН ХОҲӢ 106
ДАРСИ 45. ДАРМОНИ ДАРДҲО 109
ДАРСИ 46. ТОЗАГӢ – ГАРАВИ САЛОМАТИСТ 111
ДАРСИ 47. НОН ҲАМ НОН, НОНРЕЗА ҲАМ НОН 113
ДАРСИ 48. РАФТИ ТАРТИБИ КОР 116
ДАРСИ 49. ОДОБИ ТАЪОМХӮРӢ 121
ДАРСИ 50. ПАНДУ АНДАРЗҲОИ МУФИД 124
ДАРСИ 51. ҒИЗОИ СОЛИМ 127
ДАРСИ 52. МАҲСУЛОТИ ШИРӢ 130
ДАРСИ 53. МЕЪЁРИ ТАОМХӮРӢ. 140
ДАРСИ 54. АЗ СУД ЗАРАР БЕШ НАБОШАД 144
**ФАСЛИ 9. РӮЗИ ҒАЛАБА, ТАЪЗИМ БА ҶАСОРАТИ БУЗУРГ**
ДАРСИ 55. СУЛҲУ ВАҲДАТ – НЕЪМАТИ ОЛӢ 153
ДАРСИ 56. ТАЪЗИМ БА ҒАЛАБАИ БУЗУРГ 155
ДАРСИ 57. СУЛҲУ ВАҲДАТ ПОЯНДА БОД 157
ДАРСИ 58. ҒАЛАБАЕ, КИ ҲАМА ИНТИЗОР БУДАНД 160
ДАРСИ 59. НЕСТ БОД ҶАНГ ! 163
**ФАСЛИ 10. ТАХАЙЮЛИ ИЛМӢ** 168
ДАРСИ 60. ОЯНДАИ ПУРАСРОР 168
ДАРСИ 61. КОМЁБИҲОИ ОЯНДА 171
ДАРСИ 62. АСАРҲОИ ТАХАЙЮЛӢ 173
ДАРСИ 63. САЁҲАТ БА ОЛАМИ ПУРАСРОР 176
ДАРСИ 64. ТАКРОРӢ 181
ИЛОВА 184

***УЧЕБНОЕ ИЗДАНИЕ***

Гульнара Бабараимовна Акрамова
Фируза Адилжановна Алимжанова
Хушназар Абдиназарович Раимназаров

*ЗАБОНИ ТОҶИК*
*(Таджикский язык)*

*Китоби дарсӣ барои синфи 5*
*мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ*

*(на таджикском языке)*

*Редактор: Джоми Джурабаевич Худойназаров*
*Технический редактор З. Бошанова*
*Дизайн и компьютерная верстка Б. Сарманова*

*Подписано к печати 20.07.2018.*
*Формат 70x90 1/16. Бумага офсетная.*
*Гарнитура «SchoolBook».*
*Печать офсетная. Уч.-изд. л 19.30.*
*Усл.-кр. отт 77.22. Физ. п.л. 18.5.*
*Тираж 350 экз.*
*Заказ №*